**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР**
**БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ 371 (575.3)**
**ТКБ 74 . 204 (2 тоҷик)**
**Н-92**

**НУРАЛИЕВ МАНСУР ИСМАТУЛЛОЕВИЧ**

# ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ АКМЕОЛОГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РАВАНДИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

**Роҳбари илмӣ: Қурбонов Файзалӣ Асадуллоевич** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**БОХТАР - 2023**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**..........3

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАВҚЕИ АКМЕОЛОГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР РАВАНДИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ**..........14

1.1. Мавқеи акмеологӣ ҳамчун омили асосии рушди шахсиву касбии омӯзгорони оянда ва тафсири он дар адабиёти психологӣ-педагогӣ .... 14

1.2. Таҷрибаомӯзии педагогӣ - омили асосии ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ..........**33**

1.3. Амсила ва шароитҳои педагогии ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ..........53

Хулосаи боби якум ..........83

**БОБИ 2. КОРҲОИ ТАҶРИБАВӢ-ОЗМОИШӢ ДОИР БА РУШДИ МАВҚЕИ АКМЕОЛОГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РАВАНДИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ** ..........86

2.1. Омӯзиш ва ташхиси сатҳи омодагии мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ..........86

2.2. Ташкили корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ роҷеъ ба мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ ..........109

2.3. Натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ ... 133

Хулосаи боби дуюм..........149

**ХУЛОСАИ УМУМӢ** ..........152

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** ..........157

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Низоми муосири таҳсилот дар татбиққунии шахсӣ ва касбӣ, фароҳам овардани шароитҳои худинкишофдиҳӣ, зарурати васеъ намудани донишҳои касбӣ-педагогӣ ва ташаккули сифатҳои муҳими субъективии омӯзгорони оянда нақши бузург дорад. Бо вуҷуди ин, таҳлил ва мутолиаи корҳои таҳқиққотӣ доир ба тайёру омода намудани омӯзгорони оянда ба фаъолияти педагогӣ нишон медиҳанд, ки тамоюли босуръати қафомонии субъективии ҷавонон ба чашм мерасад. Ба низоми таҳсилот зарур аст, ки рӯ ба инсон биёварад ва дар муайян намудану ташаккул додани иқтидори дохилӣ ва нерӯи субъективии мутахассиони оянда, самти худташаккулдиҳӣ ва худомӯзиро вазифаи аввалиндараҷаи худ шуморад. Вале бидуни ҷалб намудан ва иштирок кардани донишҷӯ дар фаъолияти амалӣ омода намудани онҳо дар шароити кунунӣ аз имкон берун аст.

Таҷрибаомӯзии педагогӣ бошад, ҳамчун унсури таркибии раванди таҳсилот дар ҳалли самаранокии сифатҳои муҳими шахсию касбии омӯзгорони оянда, махсусан дар ташаккул ва рушди фаъолияти эҷодӣ, ки ба қуллаҳои баланди касбӣ ноил гаштани онҳоро таъмин месозад, таъсири ниҳоят калон дорад. Воқеан ҳадафи таҷрибаомӯзии педагогӣ аз ташаккули маҳорати касбии донишҷӯён иборат буда, вазифаи зерин аз қабили: амиқ ва мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ; инкишоф додани худомӯзии педагогӣ; тарбия ва устувор намудани шавқу ҳавас ба касби омӯзгорӣ; тарбия ва ташаккули хислатҳои шахсӣ-касбии омӯзгорони оянда; ташаккул ва рушди малакаҳои касбӣ; омӯзиши таҷрибаомӯзии корӣ оид ба ихтисос дар мактаб; ташаккули муносибати эҷодӣ-таҳқиқотӣ ба фаъолияти педагогиро иҷро намуда, дар ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён заруранд, ки муҳимияти мавзуи мазкурро нишон медиҳад.

Давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ ба ташаккули арзишҳои касбӣ ва ба такмили шахсии донишҷӯён, маҳорати қабули қарорҳо,

масъулиятшиносӣ, ташаккул додани малака ва сифатҳои касбӣ мусоидат мекунад. Маҳз муносибати акмеологӣ ба муайян кардани омилҳои объективӣ ва субъективии маҳорати касбии шахс ва рушди худшиносии ӯ, ки барои ноил шудан ба дастовардҳои олии касбӣ замина мегузорад, нигаронида шудааст.

Азбаски маҳз раванди таълиму омӯзиш дар муассисаи таълимӣ ташаккулу рушди худшиносӣ ва эҷодкорӣ, дастоварду муваффақият, пешравӣ ва сифатҳои баланди шахсӣ ва касбии мутахассисони ояндаро вусъат медиҳад, бояд ба он диққати ҷиддӣ дода шавад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ.** Роҷеъ ба масоили марбут ва ҷанбаҳои мухталифи тарбияи акмеологӣ ва ташаккули шахсият қисме аз мутафаккирони адабиёти классикии форсу тоҷик осори гаронарзише аз худ боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, Саъдии Шерозӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон дар осори худ андешаҳои арзишманде оид ба проблемаи мазкур ва навъу шаклҳои он иброз намудаанд.

Таҳлил, арзёбӣ ва баррасии корҳои марбут ба заминаҳои мавқеи акмеологӣ ва рушди он дар корҳои илмии Б. Г. Ананев, А. Г. Асмолов, Л. С. Выготский, А. Н. Леонтев, Б. Э. Ломов, А. В. Петровский, К. К. Платонов, С. Л. Рубенштейн ва дигарон инъикос ёфтаанд. Ба масоили тайёру омода намудани омӯзгорон-олимони зерин Е. П. Белозертсов, А. П. Беляева, З. И. Василеева, В. А. Крутетский, Н. В. Кузмина, А. К, М. Лутфуллоев, Маркина, А. М. Митина, В. А. Сластенин, Е. Н. Шиянов ва дигарон таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Доир ба мавзуъ ва масоили муваффақият ва ноилшавӣ ба натиҷаҳои олӣ – акмеи касбӣ дар низоми таҳсилот А. А. Бодалев, О. А, Бурдаков, А. А. Деркач, В. Г, Зазикин, В. Н, Максимова, А. К, Маркова, Е. В. Селезнева, Ф. Шарипов ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар низоми омода намудани омӯзгорон ба фаъолияти омӯзгорӣ нақш ва ҷойгоҳи таҷрибаомӯзии педагогӣ хеле бузург аст. Роҷеъ ба ин масъала корҳои диссертатсионӣ, рисолаҳо ва мақолаҳои зиёде таълиф ва дастраси кормандони соҳаи маориф шудаанд. Махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи М. Р. Қурбонова, Х. А. Раҷабов, М. М. Утаев рисолаҳои номзадӣ дифоъ карда шудаанд. Аммо таҳқиқоте пайдо накардаем, ки ба мавқеи акмеологии омӯзгори оянда дар рафти ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ бахшида шуда бошад.

Ҳамин тариқ, мушкилоти дар ин раванд ҷойдошта, ки ба ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда сади роҳ мегарданд, инҳоянд:

- нокифоя будани мавқеи акмеологии шахсияти омӯзгор ба фаъолияти амалӣ. Талаботи ҷомеа ба омӯзгорони баландихтисос, ки ба самту мавқеи акмеологӣ хос буда, майли онро ба рушди доимӣ барои ташаккули худтакмилдиҳӣ ва қобилияти эҷодии касбӣ равона мекунад;
- талаботи воқеии мактаб ба қобилияту маҳорати баланди касбии муаллимон ва нокифоя истифода бурдани нерӯи таҷрибаомӯзии педагогӣ барои рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- нерӯи тамоюлҳои акмеологӣ дар тайёру омода намудани омӯзгорони оянда ва нокифоя будани асосҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ин раванди педагогӣ.

Мубрамияти масъала, муҳимияти педагогӣ ва рушди нокифояи илмии он мавзуи рисолаи илмӣ – "Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ"-ро муайян намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур бо нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои солҳои 2019-2023 робитаи бевосита дошта, бо мақсади

мусоидат дар амалисозии Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2021-2023-и Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 коркард шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**: аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудан ва ба таври озмоишӣ санҷидани маҷмӯи шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои субъективии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ дар синфҳои ибтидоӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Муайян намудани моҳияти мавқеи акмеологии донишҷӯён ҳамчун омили муҳими рушди шахсӣ ва касбии онҳо;

2. Ошкор ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани шароитҳои педагогие, ки боиси рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ мегарданд;

3. Таҳияи амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ, ки ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда имкон медиҳад;

4. Гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба муайян намудани самаранокии раванди ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ;

5. Таҳия кардани нишондодҳои илмӣ-методӣ доир ба ташаккулу таҳаввули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ.

**Объекти таҳқиқот**: раванди рушди касбӣ ва шахсии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот**: ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:** мавқеи акмеологии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ беҳтару самаранок ташаккул меёбад, агар:

- моҳияти мавқеи акмеологии донишҷӯён ҳамчун омили муҳими рушди шахсӣ ва касбии онҳо муайян карда шавад;

- шароитҳои педагогие, ки боиси рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ мегарданд, ошкор ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шаванд;

- ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир ба як низоми муайян дароварда шуда, асоснок карда шавад;

- фаъолияти амалии акмеологии муҳассилин ҷиҳати азхуд кардани салоҳиятҳо доир ба мавқеи акмеологӣ ба таври самаранок давра ба давра таъмин карда шавад;

- ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар тамоми марҳилаҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ мунтазам арзёбӣ карда шавад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот (2019-2023)**. Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шуд:

**Марҳилаи якум - назариявӣ (солҳои 2019-2020)** - ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муайян шудаанд; бо мақсади мушаххас ва равшан кардани консепсияи умумии таҳқиқот таҳлили назариявӣ оид ба абёти фалсафӣ, психологию педагогӣ ва ҷамъиятӣ гузаронида шуд.

**Марҳилаи дуюм - озмоишӣ (солҳои 2021-2022)** - доир ба омӯзиши муҳити таълимӣ, ки дар он татбиқи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ роҷеъ ба ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷибаи педагогӣ пешбинӣ шуда буд, самаранокии пешниҳодҳо кор карда баромада шуданд. Амсилаи ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён сохта ва ба тартиб даровarда шуда, сатҳи ташаккули онҳо ва низоми шароитҳои

педагогӣ муайян карда шуд, ки самаранокӣ ва муосирии онҳоро таъмин мекунад.

**Марҳилаи сеюм - ҷамъбастӣ (солҳои 2022-2023)** коркарди натиҷаи маълумоти дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада давом карда, таҳлил бо тавсияҳои минбаъдаи коркардшуда доир ба ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ гузаронида шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба фаъолият, моҳияти фаъолият ва фаъолияти эҷодӣ (А.В.Брушинский, Л.С.Виготский, А.М.Коршунов, Г.С.Батищев, Я.А.Пономарев ва дигарон) ; Муносибати системавӣ – комплексӣ ба шахсият ва раванди ташаккули он ( В. С. Илин, В.В. Краевский, М. Лутфуллоев, А.М. Саранов, Н.К.Сергеев ва дигарон); ғояҳои инсонпарваронаи ба шахсият нигаронидашуда (Е.В. Бождаровская, Е.А. Крюкова, В.В. Сериков, В. Сластенин, Ф. Шарифзода, Е.Н. Шиянов); муҳтавои назарияи шахсият, фаъолият, муошират (Б.Г. Ананев, А.Г. Асмолов, Л.И. Божович, С.Л. Рубинштейн ва дигарон) доир ба муошират ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** муносибати аксилогӣ ташкил медиҳад, ки имкон фароҳам меорад, одамро ҳамчун арзиши олӣ ва мақсади ягона баррасӣ кунем (О.С. Анисимов, А.Г. Здравомыслов, М.С. Тугаринов, И.С. Розов ва дигарон). Мо ба муносибати шахсию фаъолият ва субъектӣ такя намудем (Б.Т. Ананев, А.Г. Асмолов, Л.И. Ансифрова, Т.Б. Батишев, И.С. Вичотский, В.В. Давидов, В.П. Зинченко ва дигарон.); Муносибати босалоҳият (И.А. Зимняя, Д.А. Иванов, О.Е. Лебедов, М. Лутфуллоев, М.А. Холодная, А.В. Хуторской, Ф. Шарифзода, С.Е. Шишов ва дигарон:); муносибати акмеологӣ имкон дод қонуниятҳои ташаккули шахсият ҳамчун асосҳои консептуалие, ки таҷрибаомӯзии педагогӣ зимни ғояҳои синергетикӣ коркард намудааст, дида баромада шавад (В.Л. Бранский, В.А. Игнатова, Т.С. Назарова, И. Пригожин, В.С. Шубинский).

**Сарчашмаи маълумот.** Адабиёти илмӣ, педагогӣ-психологӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбии педагогӣ-психологӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф, ақидаҳои олимони намоёни тоҷик, рус ва мамолики Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) роҷеъ ба фаъолияти педагогӣ-психологӣ оид ба ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда, асарҳои илмӣ-таҳқиқотии ба мавзуъ дахлдори муҳаққиқони муосири Тоҷикистон, Русия ва давлатҳои узви ИДМ, андешаҳои намояндагони соҳаи маориф дар маҷаллаҳои илмӣ-педагогӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ-публитсистӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ, маводи захираҳои интернетӣ, таҳқиқоти бунёдии олимони тоҷик ва ғайра, ки ба масъалаи таҳқиқоти мо рабт доранд.

**Заминаҳои эмперикии** таҳқиқотро усулҳои эмпирикии мантиқии таҳлили мафҳумҳо: тафсири мафҳумҳои асосӣ, ҳамчун воситаҳои мантиқию методологии таҳлил, таърифи мафҳумҳои бунёдӣ, мундариҷаи мафҳумҳо ва синтези категорияҳо; усулҳои умуминазариявии таҳлил ва синтез, мушаххаскунӣ ва ҷамъбасткунӣ, умумикунонӣ ва ҳамгунсозӣ, шакливазкунӣ ва тағйирдиҳӣ, усули гузариш аз мафҳумҳои умумиятёфта ба мафҳумҳои мушаххас, усулҳои амсиласозии ҳолатҳои имконпазир, таҷрибаи фикрӣ ва таҳқиқоти монографӣ ташкил мекунанд. Дар баробари заминаҳои эмперикии мазкур ҳангоми ба даст омадани натиҷаҳои таҳқиқот методи арзёбӣ, методикаи банақшагирии самараноки таҷрибаҳо, назарпурсӣ, мусоҳиба, суҳбат, мушоҳида, таҳлили натиҷаи озмоишҳо, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, аз ҷумла, озмоиши санҷишии хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар амал мавриди истифода қарор дода шуданд.

**Пойгоҳи таҷрибавию озмоишии таҳқиқот.** Қисми амалии кор ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо донишҷӯёни ихтисоси таҳсилоти ибтидоии факултети педагогика ва варзиши Донишгоҳи

давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №6, 12 ва литсейи №1-и шаҳри Бохтари вилояти Хатлон гузаронида шуд

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- моҳияти мавқеи акмеологии донишҷӯён ҳамчун омили муҳими рушди шахсӣ ва касбии онҳо муайян карда шуд;

- шароитҳои педагогие, ки боиси рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ мегарданд, ошкор, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва мавриди озмоиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо собит карда шуд;

- амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ, ки ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда имкон медиҳад, таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд, ки ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда мусоидат мекунад;

- самаранокии раванди ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда
дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муйян карда шуд;

- консепсияҳои муосири ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳлил карда шуд;

- тавсияҳои илмӣ-методӣ доир ба ташаккулу таҳаввули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳия ва манзур карда шуд.

**Нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд:**

1. Мавқеи акмеологии донишҷӯ натиҷаи рушди шахсӣ ва касбии омӯзгори оянда ҳамчун худмуқимгардонии субъект, вонамудкунандаи сохти мураккабе, ки ба натиҷаҳои баланд ва дастовардҳои меҳнати омӯзгор нигаронида шудааст ва дар айни замон натиҷа, дастоварди рушди шахсият маҷмӯи омилҳои рушддиҳандаи фаъолияти минбаъдаи

мутахассиси оянда, ташаккули сифатҳо ва маҳоратҳои касбӣ-шахсиятӣ муайян мегардад;

2. Омилҳое, ки ба ташаккули фаъолияти касбии омӯзгорони оянда ҳамчун раванди махуси педагогии азнавсозии ҳолати функсионалӣ, гузариш аз як ҳолат ба ҳолати дигар дар шароити ташкилкардашудаи фаъолияти амалӣ равона шудаанд;

3. Таҷрибаомӯзии педагогӣ ба ташаккули фаъолияти амалии омӯзгорони оянда ёрӣ медиҳад, агар: вай марҳила ба марҳила аз рӯи мантиқи худи таҷриба - аз ғанӣ гардонидани таҷрибаомӯзии субъектии донишҷӯён ба ташаккули сохторҳои махсуси амалию фаъолияти касбӣ ва рушди онҳо бо роҳи азнавсозии таҷрибаомӯзии мазкур; дар мазмун ва ташкили он талаботи муосир ба фаъолияти касбии муаллим инъикос ёфта бошанд; Дар ҳар як давра донишҷӯён вазифаҳои касбиро ҳал мекунанд ва мунтазаму ҳаматарафа фаъолияти худ ва таҷрибаомӯзии бадастовардаро мавриди рефлексия қарор медиҳанд.

4. Амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ оид ба мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда, аз ҷумла, мулоҳизаҳои (блокҳои) консултуалӣ - ташкилию идоракунии раванди назоратию баҳодиҳӣ ба ташаккули сифату маҳорати касбию шахсии муҳассилин гузаронида шудааст, гузаришро аз талаботи маъмурию меъёрӣ ба таъминоти педагогии инфиродии омӯзгори оянда дар амалия пешбинӣ менамояд, ки барои бомуваффақият анҷом додани фаъолияти касбии оянда имкон медиҳад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:**

- мафҳуми мавқеи акмеологии дорнишҷӯёни макотиби олӣ дар заминаи мутаносиби таҷрибаомӯзии субъектии омӯзгори оянда дар фазои таълимии фаъолияти касбӣ, ки ифодаи устувор ва дарку фаҳми мушаххаси маънии он аз худ дарак медиҳад, аниқ карда шудааст;

- моҳият, мазмун ва ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун омили ташаккули амалияи фаъолияти касбии омӯзгорони оянда ошкор ва муайян карда шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**

Ғояҳо ва хулосаҳои таҳқиқот дар бунёди тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ аз тарафи:

-таҳқиқотчиёни масъалаи омодагии касбии омӯзгорони оянда;

-роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар мавриди ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ;

-омӯзгорон ва мушовирони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар мавриди ташкили таҷрибаомӯзии педагогии омӯзгорони оянда тавассути машғулиятҳои амалӣ истифода карда мешавад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо асоснокии назариявӣ ва методологии мавқеи ибтидоӣ, таҳлили амиқи назариявии масъалаи таҳқиқшаванда, татбиқи маҷмӯи методҳои назариявӣ ва амалӣ, ки ба вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд; воситаҳои ташхис-репрезантивии интихоб, таҷриба ва мавқеи назариявии санҷишӣ озмоишӣ, интихоби методҳои мувофиқи мантиқии таҳқиқоти омори математикӣ.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 – «Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ», аз он ҷумла, ба банди 4 — «Омодасозии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ» мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқот; дар омезиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили микдорӣ ва сифатии мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ва

тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ҷаласаҳои кафедраҳои педагогика, психология, дар Шуроҳои илмӣ-методии муассисаи таълимии номбурда муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шуданд.

Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ ҳамчунин дар интишороти муаллиф тавассути нашри мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмӣ ва ироаи маърӯзаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ: конференсияҳо, семинарҳо ва мизҳои мудаввар тасвиби худро ёфтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар як номгӯй дастури таълимӣ ва 9 номгӯй мақолаҳои илмӣ, ки 7 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Мазмуни рисола дар 175 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардидааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 197 номгӯйро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАВҚЕИ АКМЕОЛОГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР РАВАНДИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ

## 1.1. Мавқеи акмеологӣ ҳамчун омили асосии ташаккули шахсию касбии омӯзгорони оянда ва тафсири он дар адабиёти психологӣ-педагогӣ

Педагогикаи акмеологӣ – бахшу қисмати илми педагогика ва таълимоти он аст, ки ҷараёни ташаккулу рушдёбии таълим, тарбия, маълумоту маърифат ва худомӯзии шахсони болиғро дар шаклҳои ташкили гуногун фаро гирифта, дар маҷмӯъ фаъолияти ҳадафмандона ба ҳисоб меравад.

Акмеологияро аксари муҳақиқон оид ба кушодану муайян кардани зарфиятҳову тавонмандиҳо ва тадриҷан ба қулаҳои баландтар ташаккулу рушд додани инсон эътироф мекунанд.

Акмеология – ба қуллаҳои баланд комёбшавии инсони ба балоғатрасидаро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор медиҳад. Маҳфуми акмеологияро ҳамчун муайянкунандаи психологияи камолот ё калонсолон дар муомилаи илмӣ соли 1928 Н.А. Рибников ворид карда буд ва рушди минбаъдаи акмеология ҳамчун илм дар осори илмии Б.Г. Ананев (Инсон ҳамчун мавзуи маърифат – 1969) ва А.А.Бодалев (“Акмеология ҳамчун фанни таълимӣ ва илмӣ” , М., 1993) мушоҳида мешавад. Б.Г. Ананев, А.А. Бодалев, А.А. Деркач ва Н.В. Кузмина илми акмеологияро маҷмӯи омӯзиши рушди инсони баркамол номидаанд.

Ба даст овардану ноил шудан ба “акме” – ин натиҷаву маҳсули ҳамкории бисёри шароитҳои обективӣ ва субективӣ вобаста ба ҳолату вазъият дар зиндагии одам мебошад. Истеъдод, қобилиятҳо, саломатии ҷисмонӣ ва психологӣ мумкин аст ҳамчун омилҳои субективии ин раванд дида шаванд. Бояд тазаккур дод, ки акмеология аз ибтидои рушди худ ба коркарду корбасти стратегия ва технологияи ташаккули мутахассисони сатҳи олӣ дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсонӣ машғул буд ва ҳаст.

Ҳамин тариқ, акмеологияи муосир ҳамун падидаи нав дар робита ва ҳамкорӣ бо илмҳои ҷамъиятшиносӣ, техникӣ, гуманитарӣ ва табиатшиносӣ вазифаи муайян кардани омилҳо ва шароитҳои мусоидро ҳал мекунад, ки инсони болиғ чун фард, шахсият ва субъеки фаъолият ташаккул ёбад, яъне ба “акме” – и худ комёб гардад (пеш аз ҳама дар фаъолияти касбӣ).

Рушди акмеологӣ бо зарурату воҷибияти омӯзиши тарзи фикру зиндагии одами комил вобаста буда, хусусан дар ҷараёни ташаккул ва қонунмандиҳои инкишофи инсон дар марҳилаи калонсолӣ бо баҳисоб гирифтани хусусиятҳои шахсӣ дар давраҳои синусолии қаблии вай вобастагӣ дорад. Чунин омӯзишу таҳқиқот имкон медиҳад заминаҳоеро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор диҳем, ки бо назардошти тамоми паҳлуҳои камолоти инсон шароитҳои мусоидро фароҳам меорад.

Тамоми ҷанбаҳои камолоти инсон: камолоти ҷисмонӣ, психологӣ, шахсӣ ҳамчун суъекти фаъолият байни худ алоқаманданд, вале ҳамаи инҳо баробар ба инсон даст намедиҳанд. Гузашта аз ин, суръати ноилшавии “акме” дар соҳаҳои гуногуни зиндагӣ метавонад ниҳоят фарқ кунад. Дастовардҳои “акме” метавонад бо камолоти муносибатҳои байнишахсӣ мувофиқат накунад ва қуллаҳои дастовардҳои илмӣ низ на ҳамавақт метавонанд бо вазъи қарордоштаи инсон созгор бошанд ва ғайраҳо.

Табиист, ки рушду густариши инсон бештар аз ҳолату вазъияти мушаххас вобаста аст, ки ӯ дар он муҳити ҷамъиятӣ зиндагӣ мекунад ва бе шубҳа амалҳои ҷавобӣ ё худ аксуламалҳои ӯ аз ин ҳолатҳо вобстагӣ доранд. Яъне, инкишофи инсони калонсол вобаста ва нисбат ба даврае, ки дар батни модар буд чӣ гуна ҷараён мегирад ва дар давраҳои минбаъдаи онтогенезӣ кадом дигаргуниҳо дар саломатии вай ба вуҷуд меояд, кадом арзишҳоро аз худ карда метавонад, ки муайянкунандаи рафтори ӯ мегардад, кадом таҷриба мавридаи муоширату ва меҳнат дар зиндагӣ ба вуҷуд овардааст ва бо кадом роҳҳо худро дар фаъолияти касбӣ татбиқ мекунад.

Дар робита ба ин маълум мегардад, ки акмеология бо педагогика дар ҳалли масъалаҳои мураккаб робитаи қавӣ дошта, хусусиятҳои рушди инсонро дар ҳар ҳолати зиндагии он, махсусан қуллаҳои рушди ӯро дар худ инъикос мекунад.

Дар шарҳу тафсири педагогӣ акмеология ҳамчун илм ташаккулу рушди инсонро дар зинаҳои камолот ва дастоварҳои онро барои дарки рушдёбӣ ҳамчун мавҷуди табиӣ (фардӣ), ҳамчун шахсият ва субъекти фаъолият меомӯзад.

Аз ин лиҳоз, мо зарур донистем, ки дар ин бахш роҷеъ ба ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда такя ба таҳқиқотҳои педагогию психологӣ намуда, масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Мавриди зикр аст, ки таҳсилоти касбӣ бояд ба фароҳам овардани шароит барои рушди шахсият ва касбияти мутахассисони оянда, хоса ба омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ, ташаккули қобилияти онҳо дар ҳалли мустақилонаи масъалаҳои ҳаётӣ ва касбӣ нигаронида шавад.

Яке аз проблемаҳои дарозмуддати таҳсилоти олии касбӣ проблемаи ташаккули шахсияти аз ҷиҳати касбӣ салоҳиятдори мутахассисе, ки мустақилона ва эҷодкорона масъалаҳои касбиро ҳал карда метавонад, ба дарки аҳамиятнокии шахсӣ ва ҷамъиятии фаъолияти худ қодир аст, инчунин проблемаи омодасозии муаллим, ки сатҳи баланди зеҳнии худогоҳӣ дошта, ба бадастории муваффақияти касбӣ қодир аст, ҷудо карда мешавад. Мувофиқан, нақши омӯзгор низ тағйир меёбад: вазифаи интиқолдиҳандаи иттилоот бо вазифаи ёрдамчӣ, методист, маслиҳатчӣ, устод, яъне моҳиятан бо вазифаи менеҷери раванди таҳсилот, ки оҳиста-оҳиста ба мавқеи тренер мегузарад, иваз карда мешавад.

Сарфи назар аз аз он ки таҳсилоти олии касбӣ солҳои охир муттасил рушд меёбад, дар он то ҳол норасоиҳои анъанавии таълими донишгоҳӣ нигоҳ дошта шудаанд: сафарбарии нокифояи академии донишҷӯён; равонасозии онҳо ба гирифтани донишҳои тайёр ва истифодаи сусти онҳо

дар таҷрибаомӯзии педагогӣ; дар таҷрибаомӯзии МТОК барои татбиқи ҳамроҳсозии ба донишҷӯён нигаронидашуда, аз ҷумла дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ, ки такя ба вижагиҳои алоҳидаи инфиродии шахсияти таълимгиранда, ба соҳаи манфиатҳои таълимӣ-касбӣ, талаботҳо, афзалиятҳо, нақшаҳои касбӣ ва ҳаётиро дар назар дорад, шароити нокифоя фароҳам оварда шудааст (О. В. Акулова, А. П. Тряпитсила). Ҳамаи ин проблемаҳо, бешубҳа, аз тарафи муҳаққиқони педагогика ва фанҳои ҳамшафат оҳиста - оҳиста ҳалли худро ёфта истодааст.

Е.П. Белозерсев таҳсилоти муттасили педагогиро чун низоми мураккаби иҷтимоӣ-педагогӣ, ки дар якчанд сатҳу марҳила ва дар асоси якчанд муносибатҳои аз ҷиҳати диалектикӣ бо ҳам алоқаманд ба ташаккули шахсият амал мекунад ва давраи дурударози фаъолияти ҳаётии инсонро фаро мегирад, дида мебароядад. Натиҷаи амалӣ ин низом муаллиме мебошад, ки субъекти фаъол буда, дар касби педагогӣ тарзи фаъолияти ҳаётии худро татбиқ мекунад, дар назди худ ва коллектив мақсадҳои нав мегузорад ва онҳоро дар ҳаёт ҷорӣ месозад [19]. Моҳиятан дар бораи кордонии касбии муаллим, аз ҷумла муаллими оянда низ сухан меравад.

Кордонии касбии омӯзгор аксаран бо детерминантҳои объективӣ ва субъективии рушди ӯ асоснок гаштааст. Чӣ тавре ки Е. В. Андриенко қайд мекунад, кордонии касбӣ бо омодагии баланд ба иҷрои вазифаҳои фаъолияти марбута муайян мегардад ва барои ба бадастории натиҷаҳои хеле баланди сифатӣ ва миқдории меҳнат зимни хароҷоти камтарини қувваҳои ҷисмонӣ ва ақлонӣ дар асоси истифодаи усулҳои оқилонаи иҷрои масъалаҳои корӣ имкон медиҳад. Кордонии касбӣ дар фаъолнокии эҷодӣ, қобилияти маҳсулнок қонеъгардонии талаботи афзоянда ба соҳаи мувофиқи фаъолият зоҳир мегардад. Кордонии баланди касбӣ барои ба фаъолият пурра дода шудани объект, осону бешиддат истифодабарии қобилиятҳо бе саъю кӯшиш ё назорати махсус имкон медиҳад. Ҳамзамон,

амал пурратару самарноктар мегардад. Дар иҷрои фаъолияти касбӣ ҳамеша сабукӣ, мавҷуд набудани шиддатнокӣ вуҷуд дорад.

Нуқтаи назари Э. Ф. Зеерро дар бораи чунин омили рушди шахсият, мисли вақт, ҷонибдорӣ намуда, мо дар бораи кордонии касбии донишҷӯ дар марҳилаи то кордонии касбӣ, вақте ки инсон ҳанӯз маҷмӯи томи сифатҳои ҳақиқии касбиро надорад ва аз таълими босифат дар шароити таҳсилоти олии касбӣ мегузарад, вақте ки шахсият дар асоси таҷдиди меъёрҳои касбӣ, қолабҳои рафтори касбӣ бо дарназардошти имкониятҳои шахсии хеш дар худ маҷмӯи хусусиятҳои шахсиятӣ, аломатҳои касбиро ташаккул медиҳаду онҳо фаъолияти ояндаи касбии ӯро муайян месозанд, сухан меронем [61]. Қувваи ҳаракатдиҳанда ва сарчашмаи рушди касбии донишҷӯ талабот ба худтағйирдиҳӣ ва худтакмилдиҳӣ мебошад. Сабабҳои асосии субъективие, ки ин талаботро ба вуҷуд меоранд, талаботҳои объективии омодасозии кордонии касбии оянда, ки онҳоро ҷомеа изҳор менамояд, ҳисоб меёбанд. Омили субъективии бадастории қуллаҳо барои фаъолияти касбӣ муҳим мебошад.

В. А, Сластенин [157] доираи категорияи кордонии касбиро васеъ намуда, онро категорияи асосгузори акмеология медонад. Ба андешаи ӯ, ин категория на танҳо доираи фаъолиятнокӣ (аз рӯи ақидаи Н. В. Кузмина), балки ҷанбаи шахсиятиро низ инъикос менамояд, зеро ки дастовардҳои касбӣ на танҳо бо низоми донишу маҳорату малакаҳо, балки бо рушди сифатҳои шахсӣ ва касбӣ низ асоснок мегарданд ва ин барои таҳқиқоти мо хеле муҳим аст.

Рушди шахсӣ-касбии омӯзгор дар роҳи фатҳи қуллаҳои “акме” хизмат карда, шарти муҳими ташаккули касбӣ ва такмили маҳорати педагогии ӯ, пойгоҳи болоравии ояндаи касбии ӯ мебошад.

Кордонии касбии шахсияти омӯзгор бо мафҳуми “Мавқеи касбии педагогӣ” алоқаи ногусастанӣ дорад. Ба ақидаҳои асосие, ки ба ин мафҳум дахл доранд, таваққуф менамоем. Дар оғоз мафҳуми “мавқеъ”-ро дар

ҷанбаи этимологӣ дида мебароем. Дар тафсири С. И. Ожегов вожаи “мавқеъ” ин “нуқтаи назар, ақида дар атрофи ягон масъала” мебошад [191, с. 446]. Дар луғати калони энсиклопедӣ “мавқеъ-ҳолат, ҷойгиршавии ягон чиз; нуқтаи назар, муносибат ба ягон чиз; амал, рафторе, ки ба ин муносибат асос ёфтаанд” [186, с. 928]. Дар луғати калимаҳои хориҷӣ “мавқеъ” чун “нуқтаи назар, муносибат ба ягон кор, масъала” баррасӣ мегардад .

Мафҳуми “мавқеъ” дар адабиёти психологӣ – педагогӣ одатан дар асоси назарияи муносибатҳо чун низоми мураккабтару устувортар, ҳамгиросозандаи муносибатҳо ба ин ё он тарафи воқеият, ки дар рафтору амал зоҳир мегардад, муайян карда мешавад (Б. Е. Ананев, А. Т. Ковалев, Б. Ф. Ломов, В. Н. Мясишев). Мавқеи шахсият ба тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии инсон таъсири калон расонида, ҷаҳонбинӣ ва принсипҳои шахсии ӯро инъикос менамояд. Чунончи, дар луғати В. М. Полонский оид ба таҳсилоту педагогика чунин гуфта шудааст: “мавқеъ-низоми устувори муносибати инсон ба ҳодисоти гуногуни атроф, ки дар рафтору кирдори мувофиқ зоҳир мегардад” [194, с. 52]. Дар луғати мухтасари психологии А. Л. Свенитский мафҳуми “мавқеъ”-ба мазмуни истилоҳи “мақом”- ба маънои он, ки ягон мавқеи иҷтимоӣ ин ё он нақшҳои иҷтимоиро ба бор меорад, монанд аст” [196, с. 317].

А. Т. Асмолов мавқеи инсонро чун низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, ки барои он шуда субъект аз меъёрҳои иҷтимоӣ, арзишҳо, идеалҳо, аз ҷумла хусусиятҳои инфиродии ҳосилшуда истифода мебарад, шарҳ медиҳад. Танҳо шахсияти пурқувват ба дарёфти тарзҳои муносиби ҳаётгузаронӣ, ба коркарди стратегияи рафтор, ба диди қуллаҳои нави рушди касбӣ ва шахсиятӣ, ба гирифтани масъулият барои интихоби ахлоқии худ қодир аст. Б. Т. Лихачёв рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳими инсонро, ки натиҷаи ташаккулёбандагии ҷаҳонбинӣ, эътиқоду ваҷҳҳои фаъолият ва рафтор мебошад, мавқеъ меномад [97].

В. Н. Мяситсев ҷанбаи зерини ин мафҳумро ҷудо кардааст: дохилӣ-донишу таҷрибаомӯзии ҳаётӣ, ақоиди инсон арзишҳои шахсият; берунӣ-намудҳои гуногуни фаъолият ва тарзҳои рафтор, ки дар онҳо шахсият фаъолнокии худро татбиқ менамояд [117].

К. К. Платонов мавқеи шахсиятро чун зуҳури "маданияти инфиродӣ"-и ӯ (ё таҷриба чун зерсохтори шахсият) мефаҳмад [193].

Ҳамин тариқ, мавқеъ чун низоми муносибатҳо инсонро ҳаматарафа, дар ягонагии субъективӣ ва объективӣ, дохилӣ ва берунӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ тавсиф менамояд.

Таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ ҳамчунин нишондод, ки мафҳуми "мавқеъ" на танҳо ба мавқеи шахсият (Л. П. Буева, А. Н. Леонтев, В. Н. Мясишев, С. Л. Рубинштейн ва дигарон), балки ба мавқеи дохилӣ (Л. И. Боноович), ба мавқеи иҷтимоӣ (А. Т. Асмолов), ба мавқеи субъект (В. И. Слободчиков, И. Е. Исаев, Б. Ф. Ломов ва дигарон), ба мавқеи ташкилотчигӣ (О. С. Газман), ба мавқеи касбии педагогӣ (Е. В. Бондаревская, Л. В. Занина, Н. Е. Шуркова, А. И. Колесникова ва дигарон), ба мавқеи касбӣ (Н. В. Кузмина В. Н. Максимова, Л. М. Митина, Н. Н. Никитина, В. А. Лсалтенин ва дигарон), ба мавқеи акмеологӣ (А. А. Деркач, В. Н. Максимова Н. М. Полетаева), ба мавқеи педагогӣ (Вершловский, Н. К. Сергеев, В. Ф. Шаталов ва дигарон) дахл мекунад.

Дар назарияи маълумоти педагогӣ мавқеи омӯзгор чун қисми ҷудонашавандаи салоҳиятнокии касбии ӯ ва шарти ҳатмии амалисозии фаъолияти педагогӣ (С. Г. Вершловский, В. В. Горшкова, Е. С. Заир-Бек, И. А. Колесникова, А. К. Маркова, Н. К. Сергеев, В. А. Сластинин ва дигарон) баррасӣ мегардад.

Мавқеи педагогӣ ба бунёди эҷодкоронаи тимсоли касбии омӯзгор мусоидат менамояд. Он бо шарофати ҳосилшавии мазмун ва бароҳмонии касбӣ ҳамгирошавии тавсифоти интегралии шахсияти муаллимро, мисли самтнокии педагогӣ ва салоҳиятнокии педагогӣ муайян менамояд.

Таҳқиқоте, ки зери роҳбарии ӯ гузаронида шудаанд, нишон доданд; “на танҳо сифатҳои шахсӣ, балки раванди таҳсилот низ, ки омӯзгор ба он шомил аст, яъне худи ҳолати рушд ба хусусияти мавқеи касбии ӯ таъсир мерасонанд” [113, с. 198].

Н. Н. Никитина чунин меҳисобад, ки тамоюлҳои касбӣ-арзишнокӣ чун муносибатҳои интихобӣ ба ҷанбаҳои гуногуни ҳастӣ ва воқеияти педагогӣ, ки барои омӯзгор арзишноку муҳиманд, асоси мавқеи касбии омӯзгорро ташкил медиҳанд. Ба андешаи ӯ, низоми ақоид ва тасаввурот дар бораи олами атроф, дар бораи мақсаду мароми фаъолияти касбӣ ва мавқеи омӯзгор - низоми устувори муносибатҳои ӯ ба тарафҳои муайяни воқеият ва фаъолияти касбӣ, ки дар рафтори мувофиқ зоҳир мегарданд ва бе зиддиятнокӣ бо устувории касбӣ тавсиф меёбанд, мегузарад [119].

Сохтори мавқеи касбии омӯзгор, ба ақидаи Е. И. Артамонова, чун тавсифномаи ҳамгирошудаи шахсияти ӯ, ки низоми муносибатҳои субъектӣ, донишҳои назариявӣ-методологӣ, самтҳои арзишнокро ифода ва тарзи рефлекисвӣ-шахсиятии фаъолияти педагогиро муайян мекунад, баррасӣ мегардад. Ба мавқеи касбии муаллим инҳо низ дохил мешаванд: низоми қарордодҳо, ки равонасозии ягонаи шахсиятро ба идеал (“Ман”-и идеологӣ) нишон медиҳад; меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори муаллим, ки дар ҷомеа арзи ҳастӣ доранд; қолабҳои рафтор, ки бо нақши иҷтимоии муаллим (“Ман”-и ҳуқуқӣ) алоқамонданд; этикаи рафтори муаллим: одоби омӯзгорӣ, табъи бадеӣ, забони имову ишора (“Ман”-и этикӣ) ва монанди инҳо [15].

Ҳамин тариқ, ба мавқеи касбии муаллим аввал қарордодҳои гуманистӣ ё худ инсонпарварона, ки ба фард арзёбии равандҳои иҷтимоӣ ва рафтори шахсии ӯ (“Ман”-и қонунгузорӣ) - ро возеҳ менамояд; дуюм, маҷмӯи рамзҳо ва маъною донишҳои ба онҳо мувофиқ, ки барои тасвири равандҳо ва фаҳмидани мазмуну тамоюлҳои арзишноки фаъолияти педагогӣ (“Ман”- и иттилоотӣ) заруранд; сеюм, натиҷаҳои баланди маърифатӣ,

зуҳури сифатҳои маънавии муаллим дар рафтори ӯ (“Ман”-и иҷрокунандагӣ) мансубанд. Дар ҷанбаи субъектии мавқеи касбӣ Е. И. Артамонова тарзи худтатбиққунӣ, худсобитсозӣ ва худрушддиҳии мутахассис (инъикоси тарзҳои муҳимии касбӣ ва меъёрҳои фаъолияти касбӣ, дар ин асос бароҳмонии низоми шахсии амалҳо; коркарди майдони арзишноку мазмунии субъект, ташаккули тарзҳои мувофиқи азхудкунии тамоюлҳои арзишноки базавӣ ва чораҳои касбу такмили арзишҳои маънавии он шахсияти муаллимро комил менамояд [15].

Ба ақидаи Б. Ф. Ломов, субъектҳои раванди педагогӣ ҳамкорӣ мекунанд, ки дар натиҷаи он мавқеи умумӣ таҳия мегардад. Ҳамин тариқ, маҳз мавқеъ категорияи асосии таркибии субъект мебошад. Он, дар навбати худ, бо муносибатҳои субъективӣ тавсиф меёбад [98].

А. К, Маркова мавқеи касбиро чун яке аз тарафҳои салоҳиятнокии касбӣ баррасӣ менамояд. Мавқеи касбӣ ифодагари худбаҳодии касбӣ, сатҳи саъю кӯшишҳои касбии муаллим, муносибати ӯ ба мавқеи касбӣ дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар муассисаҳои таҳсилоти маёнаи умумӣ мебошад [107]. А. К. Маркова мавқеи умумии касбии муаллим (кӯшиши будан ва боқӣ мондан чун муаллим) ва мавқеи мушаххаси касбии муаллимро вобаста ба намудҳои фаъолияти педагогӣ-таълимдиҳанда, тарбиявӣ, ташкилӣ, тарғиботӣ, идоракунӣ, машваратӣ-ташхисӣ, фаъолият оид ба худомӯзӣ ҷудо мекунад. Дар таҳқиқоти худ А. К, Маркова панҷ салоҳияти таркибии касбиро муайян менамояд: фаъолияти педагогии муаллим, муоширати педагогии муаллим, шахсияти муаллим, омодагии таълимии мактаббачагон, бомаърифатии мактаббачагон. Ӯ зимни баррасии ҳар яке аз онҳо маҳорати педагогӣ ва мавқеи касбии муаллимро нишон медиҳад.

В. А. Сластенин мавқеи касбии омӯзгорро чун низоми муносибатҳои зеҳнӣ, иродавӣ ва эҳсосотӣ-арзёбандагӣ ба олам, воқеияти педагогӣ, ки сарчашмаи фаъолнокии ӯ мебошанд, муайян менамояд. Ба интихоби

мавқеи касбии омӯзгор, пеш аз ҳама, чунин омилҳои ҳалкунанда, мисли қарордодҳои касбӣ, вижагиҳои инфиродӣ-муқоисавии шахсият, мизоҷ ва хислат таъсир мерасонанд [156]. Ба андешаи Н. В. Кузмина, "мавқеи касбии педагогӣ дар шароити даст кашидан аз манфиатҳои шахсии худ ташаккул меёбад. Натиҷаи асосии меҳнати педагогӣ на дар он аст, ки омӯзгор чӣ тавр мегӯяду амал менамояд, балки дар он аст, ки хонанда чӣ тавр фикру рафтор ва амал мекунад" [83, с. 19]. Мавқеи меъёрҳои шахсиятӣ ва меъёрҳои фаъолияти касбӣ; баромадан аз доираи фаъолияти меъёрӣ; тафаккури мустақил, қобилияти балоиҳагирии муаллифӣ ва тарзи барои шахсият муҳими амалигардонии раванди педагогӣ дар афкори педагогии олимони соҳаи илмҳои педагогӣ мавқеи хоса дорад. Ба гуфтаҳои боло мо талабот ба пешсафӣ, эътирофу эҳтиромро илова мекунем.

Ба ақидаи В. Н. Максимова, дохилкунии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ "мавқеи нави муаллимро, ки зери он тамоюлҳои мазмунӣ – арзишӣ ва самти фаъолияти касбии омӯзгор фаҳмида мешавад, ташаккул медиҳад" [103, с. 52]. Е. Н. Федерова ба консепсияи Б. Г. Ананев такя карда, мавқеи шахсиятро тавассути низоми мураккаби муносибатҳои ӯ ба фаъолият, ба ашхоси дигар, ба худ дида мебарояд ва мавқеи касбии педагогиро чун "низоми мукаммали муносибатҳои омӯзгор, ки ба он муносибати устувор ба инсон чун хударзишдиҳии дар муколама ифодашаванда, муносибати эҷодкорона ба фаъолияти касбии педагогӣ ва тамоюл ба худомӯзии муттасил чун тарзи рушди шахсиятӣ ва касбӣ хосанд", муайян менамояд [172, с. 73].

Таҳлили мавқеи касбӣ барои мавқеи акмеологӣ муҳим мебошад, чунки барои азхудкунии касб дар оғоз дарки таъиноти он ва баъдан дар ин асос рушди маҳсулнокии сифатҳои касбӣ дар раванди фаъолияти педагогӣ зарур аст.

Махсусияти таҳқиқи рушди мавқеи акмеологӣ дар муаллимони оянда дар асоси принсипҳои худинкишофдиҳӣ, рефлексивият, инчунин ташхиси

равиянокии касбӣ - педагогӣ ва худтатбиқсозии эҷодӣ ба муносибати акмеологӣ асос ёфтааст. Муносибати акмеологӣ ба таҳсилот ба худтакмилдиҳии мавқеи касбии инсон дар муҳити таълим, ба худинкишофдиҳии ӯ, ба ҳаракати шахси калонсол аз як қулла ба қуллаи дигар, ба бадастории "акме" дар давраҳои гуногуни балоғати инсон, дар эҷодиёту саломатӣ, дар рушди тамоми қавваҳои ҳаётии ӯ равонааст [103].

Б. Т. Ананев акмеологияро чун соҳаи махсуси донишҳо дар низоми илмҳо дар бораи инсон соли 1968 дар монографияи "Инсон ҳамчун мавзуи маърифат" ҷудо кардааст. Ба андешаи ин олим, акмеология бо ошкорсозии шарту омилҳои объективӣ ва субъективӣ алоқаманд буда, мавҷудияти онҳо ба инсон дар фатҳи қуллаҳои рушди худ (акме) имкон медиҳад [12]. Ин ғояҳоро нисбати педагогика рушд дода, Н. В. Кузмина муносибати акмеологиро ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва озмоишӣ асоснок намуда, акмеологияро чун илм дар бораи қонуниятҳо, омилҳо ва ҳавасмандиҳо, ки ба худтатбиқсозии иқтидори эҷодии одамони болиғ дар раванди ҳаракати худ ба қуллаҳои кордонии касбӣ ва маҳсулнокии фаъолияти созанда мусоидат менамояд ё монеа мегардад, баррасӣ мекунад.

Акмеология қонунияту технологияҳои рушди кордонии касбӣ ва эҷодиётро чун акме - шаклҳои амалигардонии муносиби намудҳои гуногуни фаъолияти касбӣ меомӯзад [84]. Муносибати акмеологӣ ба фаъолияти касбӣ (А. А. Деркач, В. Г. Зазикин, Н. В. Кузмина, В. Н, Максимова, Н. М. Палетаева, А. А. Реан, С. Ф. Эхов ва дигарон) ба ҷудокунӣ, чӣ тавре ки В, Н. Максимова қайд мекунад, ин вариантҳои акмеологӣ дар сифатҳои субъективии омӯзгор (мо онҳоро ба омӯзгори оянда мансуб медонем) имкон медиҳад. Сифатҳо тамоюлҳои зерини рушди шахсиятӣ ва касбии мутахассисро тавсиф медиҳад: кушодагӣ зимни азхудкунии ягон чизи нав; боварӣ ва робитаҳои иҷтимоӣ; тарзи ҳамгироии тафаккур зимни коркарди амсилаҳои муносиби фаъолияти касбӣ; қобилият

ба худбаҳодиҳии объективии рафтори касбии худ; ҳавасмандии калон ба дастовардҳо дар меҳнат; иштироки мунтазам дар раванди қабули қарорҳо; пешбиникунӣ, зарофат; муддаои шахсӣ, худтанзимкунӣ ва дигар сифатҳои муҳим [24].

Муҳаққиқони сершумори муосир (А. А. Деркач, Н. Ф. Кузмина, В. Н. Максимова, Н. М. Полетаева ва дигарон) дар доираи муносибати акмеологӣ фаъолият намуда, омилҳоеро, ки бо бадастории "акме" алоқаманданд, ба тавсифоти иҷтимоӣ, макроомилҳо, микроомилҳо ва психологии шахсият тақсим намуда, ҳамаи онҳоро шартан ба объективӣ ва субъективӣ ҷудо мекунанд. Масалан, зимни баррасии тавсифоти шахсиятӣ ё тавсифоти инсон чун объекти фаъолият кор аз болои худ ва саъю кӯшиш ба худтакмилдиҳӣ метавонанд натиҷаҳои баланд диҳанд ва ба дастовардҳои мувофиқ мусоидат намоянд.

Сарфи назар аз он ки акме дар ҷанбаи муайян қуллаи рушди инсон мебошад, худи амсилаи "қуллагӣ"- и таҳаррук имконияти таназзулро баъд аз дастовардҳо дар назар дорад. Дар таҳқиқотҳои психологӣ-педагогӣ акмеро чун вазъи соматикӣ, физиологӣ, психологӣ ва иҷтимоии шахсият, ки бо бадастории нишонаҳои баландтар дар фаъолияту эҷодиёт тавсиф меёбад, муайян менамоянд [53]. Ба ақидаи А. А. Деркач, назарияҳои муосири акмеологии рушди касбӣ ба амсилаи падидаи "серқулла" асос меёбад: "Акме на нуқтаи ниҳоии рушду ҳаракати ҳаётӣ, балки он қуллаест, ки аз он имкониятҳои нави ҳаракат ба пеш пайдо мешаванд" [53, с. 102]. Омӯзиши омилҳои фатҳи қулла ба технологисозӣ ва муносибгардонии раванди фатҳи қуллаҳои баъдина мусоидат карда метавонад. Ба андешаи акмеологҳо (А. А. Бодалев. М. В. Вайтенко, И. Д. Демакова, Н. Б. Лаврентева, А. Н. Сухова ва дигарон), рушди шахси калонсол ва хусусан қуллаҳои дастовардҳои ӯ бевосита аз он вобастаанд, ки рушди он дар даврони кӯдакӣ ва наврасӣ сурат гирифтааст. Аз ин ҷо мафҳуми "акмеи хурд", яъне роҳёбии шахс ба қуллаҳои худ, ки ба ҳар як синну сол хос аст,

бармеояд. Ба андешаи А. А. Бодалев, “акмеҳои хурд аз пайдошавии акмеҳои калон дарак медиҳанд” [24, с. 103]. Агар шахси калонсол қуллаҳои хурдро фатҳ накунад, пас ин ба таназзул, буҳрон, арзёбии нодурусти қобилиятҳои худ оварда расонида метавонад. Мавқеи акмеологӣ барои баромадан аз таназзул ба акмеи нав имкон медиҳад ва мо шоҳиди он мегардем, ки акмеҳои сершумор мавҷуданд. Дар гузаргоҳи ҷараёнҳои рушди маънавӣ, шахсиятӣ ва касбии омӯзгор мавқеи акмеологӣ, яъне тамоюли касбӣ ба муваффақият дар фаъолияти педагогӣ, дар кори тамоми коллективи педагогӣ, дар таълиму тарбияи ҳар як хонанда, рушди иқтидори эҷодӣ, қарордод ба худинкишофдиҳӣ мусоидат менамояд [102].

В. Н. Максимова қайд мекунад, ки мавқеи акмеологии омӯзгор ин “тамоюли гуманистӣ ба таъмини бомуваффақият ва саломатии ҳар як хонанда, ба натиҷаю дастовардҳои баланди меҳнатии педагогӣ, ба рушди эҷодиёти муаллиму хонанда зимни мавҷудияти ваҷҳҳои устувори гуманистии фаъолияти касбӣ мебошад” [103, с. 52]. Чун дилхоҳ мавқеъ, он вазифаи духела дорад, дар як вақт натиҷа, дастоварди рушди шахсият ва қувваи иқтидорӣ, ҳаракатдиҳандаи инкишофи минбаъдаи инсон мебошад. Он маҷмӯи арзишҳои ҳаётии инсон ва талаботи асосии ӯро ба фаъолияти ҳаётии оянда ифода мекунад [125].

Мавқеи акмеологӣ, ба андешаи А. А. Деркач, бо тағйирёбии муносибату ҳамкориҳо дар раванду натиҷаи рушд алоқаманд аст: дар раванди рушди прогрессивии шахсият баробарҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд, айнияти психологию иҷтимоӣ бо шарофати инфиродисозии рушд паст мегардад, зеро ки сатҳи акмеологии бадастовардашудаи субъект нисбат ба гурӯҳ баландтар аст. Шахсияти босуръат рушдёбанда аз доираи маҳдудиятҳои психологӣ-иҷтимоӣ берун мебарояд. Дар мавқеи акмеологӣ нисбати масъалаи консепсияҳо ё амсилаҳои умумии шахсияти инкишофёбанда, ки дар консепсияи сохтори функсионалӣ-диалектикии

шахсият (К. К. Платонов) ва сохтори низомии шахсият (В. С. Мерлин) баррасӣ мегарданд, вижагиҳои ба худ хос мавҷуданд [52].

Консепсияи акмеологии таҳсилот, ки аз ҷониби В. Н. Максимова якҷоя бо муаллимони мактабҳои акмеологӣ таҳия гардидааст, ба ҷудокунии сатҳи баландтари акмеологии маҳсулнокии фаъолияти педагогӣ аз қаблан репродуктивӣ ба рушди системаноки мукаммали насли наврас имкон медиҳад. Ба ақидаи В. Н. Максимова, чунин сатҳи баланд маҳорати баланди педагогии муаллим, қобилияти ташкили стратегияи фаъолияти педагогии ӯ, ба ҳам алоқамандсозии ҳалли мақсаду вазифаҳоро дар ҳар як давраи барномаи умумии таълим ва тарбия талаб мекунад. Сифатҳои педагог ин “сифатҳои фаъолияти касбӣ ва сифатҳои шахсият мебошад; амалҳои якҷояи ин нишондиҳандаҳои кордонии касбӣ (категорияи акмеологӣ) дар мавқеи касбии омӯзгор инъикос меёбад” [103, с. 53].

Назария ва таҷрибаро таҳлил карда, В. Н. Максимова амсилаи акмеологии омӯзгорро таҳия намудааст. Тибқи ин амсила, “рушди акмеологии омӯзгор ин рушди мукаммали ӯ чун мутахассис, шахсият ва инсони аз ҷиҳати маънавӣ болиғ, худтакмилдиҳӣ, худинкишофдиҳӣ ҳам дар доираи касбӣ ва ҳам дар доираи шахсияти маънавӣ, афзоиши худогоҳии касбии омӯзгор, рефлексияи фаъолияти педагогӣ ва рафтори касбӣ мебошад” [103, с. 52].

Ба ақидаи мо мақсади рушди мавқеи акмеологӣ дар низоми омодасозии омӯзгорон чунин аст: амалигардонии таъсиррасонии акмеологӣ-педагогӣ ба донишҷӯён, то ин ки дар онҳо низоми зарурии донишу маҳоратҳо чун хусусияти асосӣ ва нишондиҳандаи муҳимтарини кордонии касбии шахсият ба вуҷуд ояд; маҷмӯи муайяни сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳими шахсият.

Ҳамин тариқ, мавқеи акмеологии муаллими оянда натиҷаи рушди шахсиятӣ ва касбии донишҷӯ мебошад; ташкилоти мураккаби серқисмро, ки бо тамоюли шахсият ба натиҷаҳои баланди меҳнати омӯзгор ва

хусусиятҳои гуманистӣ тавсиф меёбад, дар бар мегирад; комплементарӣ ва қувваи иқтидорӣ, ҳаракатдиҳандаи рушди минбаъдаи инсон буда, бо ташаккулёбандагии сифатҳои касбӣ-шахсиятӣ муайян карда мешавад.

Мавқеи акмеологӣ ин шакли фаъолияти шахсият ҳисоб меёбад ва чун шакли табиии мавҷудияти шахсияти муаллим баромад мекунад. Э. Эриксон хусусияти асосии балиғиро тавсиф намуда, онро чун "ноором" бо дарназардошти саъю кӯшиши шахсият ба иҷро кардани кори худ дар сатҳи сифатан баландтар ва истифодабарии пурра аз имкониятҳое, ки онҳоро худи ҳаёт додааст, муайян кардааст [183].

Дар таҳқиқоти мо рушди мавқеи акмеологӣ чун раванди иҷтимоӣ-падидавӣ, ки таҳарруки қобилиятҳои касбӣ-шахсиятии муаллими оянда ва фаъолнокии шахсии ӯро дар натиҷаи татбиқи имкониятҳои иқтидорӣ дар бар мегирад, баррасӣ мегардад.

Мафҳуми "инкишоф" дар адабиёти илмӣ ба таври гуногун тафсири худро меёбад: чун тағйироти бебозгашти сифатӣ; ҳаракати беохир аз паст ба боло; чун тағйирёбии прогрессивии системаҳои алоҳида ва ҳоказо [176].

Аз рӯи тафсири С. И. Ожегов "инкишоф  ин ҷараёни гузариш аз як ҳолат ба ҳолати дигари  мукаммалтар, гузариш аз ҳолати сифатан кӯҳна ба ҳолати сифатан нав, гузариш аз сода ба мураккаб, аз паст ба баланд; дараҷаи шуурнокӣ, маърифатӣ, маданӣ мебошад" [191, с. 519]. Дар луғати В. Дал инкишоф – ин "дараҷаи болиғии рӯҳ ҳисоб меёбад" [188, с. 18].

Мо ба хулосае меоем, ки дар инкишофи инсон амали қонуни универсалии фалсафии гузариш аз тағйироти миқдорӣ ба тағйироти сифатӣ ва баръакс зоҳир мегардад.

Ба ақидаи В. Н. Максимова дар хусуси он, ки яке аз омилҳои беҳтарин дар ташаккули сифати нави инсонӣ ва давраи нав дар рушди шахсият ин майли омӯзгорон ба "рушди мукаммал ва устувори насли наврас чун шахсияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ болиғ ва солим ва фарди эҷодӣ, ба ташаккули мавқеи акмеологӣ дар ҳаёт ва меҳнат мебошад" [103, с. 149], ҳамфикрем.

Ҳамин тариқ, татбиқи омили мазкур мавқеи акмеологии муаллими ояндаро, ки сифати фаъолияти ӯро баланд мебардораду рушди шахсияти ӯ ва сифати таҳсилотро дар маҷмӯъ ҳавасманд мегардонад, муайян менамояд.

Мавқеи акмеологии муаллими оянда чун падидаи педагогии субъекти фаъолият, ба ақидаи мо, ташкилаи мураккаби серқисм буда, зимни таъсири раванди мақсадноки омодасозии касбии педагогӣ, талаботи иҷтимоӣ-педагогии фаъолияти касбӣ ба вуҷуд омадааст ва ба қонунияти психологии инкишоф "дар минтақаи наздиктарини рушд" такя мекунад.

Вижагиҳои рушди мавқеи акмеологиро омӯхта, мо ба муносибатҳои шахсиятӣ-фаъолиятнокӣ, акмеологӣ ва салоҳиятнокӣ такя менамоем.

Муносибати шахсиятӣ-фаъолиятнокӣ бо муносибати пайдарпай ба таълимгиранда чун ба субъекти мустақилу масъули рушди шахсӣ, ки ба мутобиқсозии чизҳои барои шахсият муҳим ва барои ҷомеа муносиб дар фаъолияти худ дар асоси такмили тамоми самтҳои фаъолияти шахсии педагогӣ-гиостикӣ-конструктивӣ, ташкилӣ, иртиботӣ ва ғайра (А. В. Мудрик, Н. В. Кузмина) қодир аст, асос меёбад. Муносибати шахсият ва фаъолияти ӯ (Б. Г. Ананев, А. Л. Леонтев, С. Л. Рубинштейн ва дигарон) воридсозии субъектҳои раванди таҳсилотро ба ҳалли масъалаҳои эҷодии таълимӣ-маърифатӣ бо мақсади ташаккул додани маҳорату малакаҳои муносиби фаъолияти касбӣ бо дарназардошти вижагиҳои инфиродӣ, синнусолӣ, иҷтимоӣ, психологии тамоми иштирокчиёни раванди таҳсилот дар ҳар як марҳилаи рушди ӯ дар назар дорад.

Дар доираи муносибати мазкур ташаккули "Ман" консепсияи мусбии кордонии касбӣ, тасдиқи ҳисси афзалиятҳои хеш, масъулиятнокӣ (шахсиятӣ ва касбӣ), таҳаммулпазирӣ нисбати ҳамаи иштирокчиёни раванди таҳсилот амалӣ мегардад.

Моҳияти муносибати акмеологӣ, ба ақидаи А. А. Даркеч, дар амалигардонии таҳқиқоти кампелксии яклухтии субъекте, ки зинаи

балоғатро аз сар мегузаронад, вақте ки хусусиятҳои инфиродӣ, шахсиятӣ ва субъектӣ-фаъолиятии ӯ дар ягонагӣ омӯхта мешаванд, зоҳир мегардад. Ҳамаи ин ба субъект дар расидан ба сатҳҳои баландтарин, ки ба он ҳар як шахс ноил гашта метавонад, кӯмак мерасонад [51].

Муносибати акмеологӣ ба рушди устувору мукаммали субъектҳои раванди таҳсилот нигаронида шудааст. Муаллим ва хонанда дар ҳамкориҳои эҷодӣ қарор дошта, дар таълим муваффақиятро ба даст меоранд. Яке аз меъёрҳои асосии кордонии касбии муаллим сифати омодасозии хонандагони ӯ, натиҷаҳои дастовардҳои онҳо мебошад. Чӣ тавре, ки С. Л. Имошин қайд мекунад, барои дар хонандагон ташаккул додани тамоюл ба муваффақият, ки баҳри эътирофи арзишнокии таълим зарур аст, муаллим аз принсипҳои зерин бояд истифода барад: дилхоҳ дастовард аз тарафи кӯдак бояд чун натиҷаи мусбӣ ва барои ӯ муҳим дарк гардад; амалигардонии дастовардҳо – ин татбиқи талаботи табиии хонанда дар муваффақият; дилхоҳ дастовард бояд шахсӣ гардонида шавад, яъне бо номи шахсе, ки дастовард ба ӯ мансуб аст, алоқаманд аст; ғалаба калон ё хурд буда наметавонад; дилхоҳ кӯдак ягон кореро аз дигарон беҳтар иҷро карда метавонад; таассуроту муваффақияти шахсӣ соҳаи эмотсионалии шахсият ва ҳамшарикӣ дар муваффақият ҷанбаи ахлоқиро рушд медиҳад; дар ҳар як озмун ғолиб ҳаст, аммо на дар ҳар як озмун бояд мағлубшудагон бошанд; дастовардҳои педагогии муаллим – ин дастовардҳои шахсии хонандагон (шогирдон) - и муаллим аст.

Муносибати акмеологӣ ба ошкорсозии омилҳои объективӣ ва субъективии кордонии касбӣ (акме) дар фаъолияти касбии мутахассис, худтакмилдиҳӣ ва худинкишофдиҳии ӯ равона мебошад [102]. Дар раванди рушди шахсияти касбии муаллими оянда афзоиши иқтидори шахсиятӣ рӯй медиҳад: тағйирёбии самараноки самтнокии шахсият (васеъшавии доираи майлу рағбатҳо, тағйирёбии талабот, муҳимгардонии нақши ваҷҳҳои дастовардҳо, афзоиши талабот ба худинкишофдиҳӣ); касби таҷриба ва

такмили ихтисос; рушди сифатҳои муҳими касбӣ – корӣ (ташкилотчигӣ, иҷрокунандагӣ, ташаббускорӣ, риоякунии меъёрҳои рафтор); рушди муодилаи акмеологии кордонии касбӣ (антисипатсияҳо, худтанзимкунӣ, маҳорати қабули қарорҳо ва ғайра) [5].

Муносибати салоҳиятнокӣ (В. А. Козирев, А. К. Маркова, Н. Ф. Радионова, В. А. Сластенин, А. В. Хуторской ва дигарон) имкон медиҳад, ки салоҳиятнокии касбӣ чун маҷмӯи салоҳиятҳои калидӣ, пойгоҳӣ ва махсус якҷоя дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои касбӣ дида баромада шавад. Бояд қайд кард, ки мафҳумҳои "салоҳиятнокӣ" ва "салоҳият" якхела нест. Масалан, А. В. Хуторской салоҳиятро чун маҷмӯи сифатҳои ба ҳам алоқаманди шахсият ва талабот ба омодасозии таълимии хатмкунанда инъикос намуда, салоҳиятнокиро бошад, чун доштани салоҳияти дахлдор баррасӣ мекунад .

Аммо нуқтаҳои назари дигар низ мавҷуд аст. Чунончӣ, масалан, ба андешаи Э.Ф. Зеер, "салоҳиятнокии шахсият донишу маҳорат ва таҷрибаомӯзии ӯро муайян менамояд, қобилияти истифодабарӣ аз онҳо дар вазъияти мушаххаси касбӣ бошад, салоҳиятро тавсиф медиҳад" [61, с. 49]. Вижагиҳои раванди таълим ба донишҷӯ барои сохтани сайрхати шахсии таълимӣ шароит фароҳам меорад, ба ӯ имкон медиҳад, ки аз болои масъалаҳои воқеӣ кор кунад, дар ҷараёни таҳлили проблемаҳои воқеӣ таълим гирад, дар муҳокимаи онҳо ширкат варзад, ба таври интиқодӣ фикр кунад, дар қабули қарор масъул бошад [74].

Рушди мавқеи акмеологии муаллими оянда, ба ақидаи мо, дар натиҷаи истифода аз шаклҳо, усулҳо, технологияҳои гуногун, воситаҳои таълим дар таҷрибаомӯзии педагогӣ самаранок мегардад. Онҳо ба саъю кӯшиши донишҷӯён ба худтакмилдиҳӣ ва худтатбиқкунии бомуваффақият дар касб (семинарҳои махсуси таълимӣ; конференсияҳо; ташкили кор бо гурӯҳҳои проблемавӣ, истифода аз унсурҳои коучинг – технологияҳо, ки ба азхудкунии қадам ба қадами ҳамэҷодии алгоритмҳои фаъолияти

бомуваффақияти педагогии муаллимони оянда дар таҷрибаомӯзии педагогӣ бо дарназардошти тамоми қисмҳои он, яъне мақсад – ваҷҳ – мундариҷа – амалиёт – муносибатҳо - рефлексия нигаронида шудаанд, портфолиои дастовардҳои касбии донишҷӯ ва ғайра равонаанд.

Мутаассифона, зимни тайёркунии муаллими оянда дар МТОК ба технологияҳои ҳозиразамон диққати кофӣ дода намешавад ва донишҷӯён дар таҷрибаомӯзии педагогӣ ба қабули хонандагони “дигар” омода нестанд ва ба қавли А. П. Тряпитсии хонандаро “дида” наметавонанд. Муаллими оянда ба қабули технологияҳои инноватсионӣ, усулҳои интерактивӣ бояд тайёр бошад, чунки рушди касбии ӯ, “акме”-и нави хурди ӯ аз ин вобаста аст.

Рушди мавқеи акмеологӣ баланд бардоштани сифати омодасозии касбии муаллимро таъмин менамояд ва дар самтнокии таъсиррасонии педагогӣ ба муҳимгардонии иқтидори эҷодии донишҷӯён, дар онҳо баланд бардоштани мотиватсияи касбӣ ва мотиватсияи бадастгирии муваффақият дар фаъолияти амалӣ, ташаккули саъю кӯшиш ба худтакмилдиҳӣ ва худтатбиқсозии бомуваффақият дар касб, қобилияту талабот ба таҷдиди мунтазами донишу маҳоратҳои касбӣ, ба худинкишофдиҳии эҷодӣ, тамоюл ба фатҳи қуллаҳои кордонии касбӣ зоҳир мегардад.

Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари муносибатҳои шахсиятӣ-фаъолиятӣ, акмеологӣ ва салоҳиятнокӣ на танҳо дар бораи кордонии касбии шахсияти муаллими оянда, балки дар бораи зарурати расонидани кӯмак дар бадастории сатҳҳои баландтарини “акме”- и касбӣ, маҳорати ҳалли масъалаҳои касбӣ ва амалкунӣ мувофиқи сатҳи таълимии худ бояд сухан ронд.

Падидаҳои педагогӣ, ки ба онҳо мо мавқеи акмеологиро низ мансуб медонем, бисёрҷанба мебошанд, зеро ки дар лаҳзаҳои муайян онҳо ҳам мақсад, ҳам натиҷаи раванди таълимӣ ва усуле, ки моҳияти падидаи педагогиро муайян менамояд, ҳисоб ёфта метавонанд (З. И. Василева).

Бинобар ин бо такя ба мавзуи таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои он мо вазифаи худро дар фароҳам овардани шароити махсуси педагогӣ, ки ба рушди мавқеи акмеологии муаллими оянда дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ мусоидат мекунад, мебинем.

Ҳамин тариқ, мавқеи акмеологӣ дар худ чунин сифату аломатҳоро, аз қабили омода будан дар интихоби озод ва мустақилона, муносибати фаъол нисбат ба арзишҳои пешрафту комёбӣ, фаъолнокӣ ва афзунёбии касбӣ – шахсиятиро фаро мегирад. Бинобар ин, мавқеи акмеологии донишҷӯ – ин омодагӣ дар ҳар лаҳзаҳои мушаххаси таҳсилот ҳамчун амалу иҷрои худмуайянкунанда мебошад, ки барои ноил гаштани вай дар соҳаҳои таълимӣ, шахсиятӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуда, минбаъд фаъолӣ ва саъю кӯшиш ӯро ба фаъолияти касбӣ муайян мекунанд. Чунин тарзи дарку фаҳм ва маънидоди масъала имкон медиҳад, ки дар бахши минбаъдаи таҳқиқот таҷрибаомӯзии педагогиро ҳамчун пойдевори ташаккулу рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор диҳем.

## 1.2. Таҷрибаомӯзии педагогӣ - омили асосии ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфоҳои ибтидоӣ

Дар шароити бунёди ҷомеаи имрӯзаи ҷумҳурӣ омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ тақозо менамоянд, ки низоми таҳсилоти муттасил дар ҳолати шахшуда ва бетағйир боқӣ намонад, балки инкишоф ёфта, суръати дигаргунсозӣ дар ҳамаи низомҳои педагогии соҳаи маориф тезонида шавад.

Барои ноил шудан ба ин мақсад, пеш аз ҳама, ба таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён бояд диққати ҷиддӣ дод. Дар ин давра масъалаҳое бояд ҳаллу фасл гарданд, ки онҳо ба гузориши вазифаҳои консептуалии мактабҳои миллӣ мутобиқ бошанд. Чунончи мазмуну мундариҷаи таълиму тарбияи хонандагонро сифатан дигар карда, мактаби таҳсилоти миёнаи

умумӣ бояд дар асоси анъанаҳои миллӣ инкишоф ёбад ва ин раванд демократӣ гашта, тамоми шароиту имконияттҳо баҳри инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти муҳасилин нигаронида шавад. Ҳуқуқи кӯдак ҳимоя карда шуда, нигоҳ доштани сиҳатию саломатии бачагон низ яке аз вазифаҳои асосии мактаб ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, тибқи талаботи шароити муосир муаллими имрӯза вазифадор аст ба хонанда на танҳо донишҳои мувофиқи барномаи таълимии пешниҳодшударо дастрас намуда, шахсияти ӯро ташаккул диҳад, балки ба ӯ лозим меояд хонандаро чунон тарбия намояд, ки нақшаи зиндагии худро амалӣ гардонида, мақоми худро дар истеҳсолот муайян созад, баҳри манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсии худ фоида оварда тавонад.

Касби омӯзгорӣ касби эҷодӣ ба шумор рафта, раванди таълиму тарбия бошад, қоидаҳои доимо якхела, якранга, шахшуда, муносибати расмию хунукназаронаро намеписандад.

Меҳру муҳаббат нисбати касби омӯзгорӣ, нисбати кӯдакон ва майлу рағбат ба фаъолияти педагогӣ яке аз муҳимтарин талаботи касби омӯзгорӣ мебошад.

Мактаби имрӯза ба омӯзгорони баландихтисос ниёзманд мебошад. Дар ин самт  тайёрии мутахассисони (омӯзгорони) баландихтисоси мактабҳои олӣ басо муҳим мебошад. Чи тавре, ки ба мо маълум аст дар низоми номбурда нақши асосиро таълими назариявӣ  мебозад.

Назария бошад, дар навбати худ ба донишҷӯён дар шакли дарсҳои маърӯзавӣ, семинарӣ, озмоишӣ ва корҳои мустақилона дастрас мегардад. Дар ҷараёни таълими назариявӣ донишҷӯён мазмуни асосӣ ва проблемаҳои илмҳои гуногун ва чи тавр ва ба кадом роҳҳо дар ҳаёт амалӣ гардонидани донишҳои гирифтаашонро аз бар менамоянд. Таълими назариявӣ ба донишҷӯён барои омӯхтани илмҳои ҷамъиятӣ, гуманитарӣ, педагогию психологӣ ва он фанҳое, ки дар мактаб ба ӯ аз рӯи ихтисос лозим мешаванд, ёрӣ мерасонад.

Дар маҷмуъ шаклҳо ва роҳҳои тайёр намудани муаллимони баландихтисос ва дорои таҷрибаомӯзии педагогӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад. Масъалаҳои алоқамандӣ ва муносибатҳои назария бо амалия яке аз проблемаҳои асосии илмӣ – педагогӣ махсусан дар ташаккулу рушди мавқеи акмеологии донишҷӯён ба шумор меравад.

Таҷрибаомӯзии педагогӣ майлу рағбати мутахассисони ояндаро оид ба имкону қобилияти субеъктивиашон барои минбаъд иҷро кардани вазифаҳо ва фаъолияти ҳаррӯза таъмин намуда, ҳамчун муайянкунандаи раванди тадбир ва меъёри ҳақиқии босамари он ба талаботи касбу ҳунар баромад карда, мутахассисони ояндаро барои такмили ихтисос тайёру омода месозад [32].

Амалия, асосан, ҳамчун кулли фаъолияти одамон, ки баҳри дарку аз худ кардан ва табдил додани олами воқеии беруна, ки танҳо дар ҷомеаи инсонӣ зуҳур меёбад, фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, маърифат – ин фаъолияти фикрии субективии аз ҷомеа ҷудо набуда, балки баръакс дар муносибат бо дигар одамон ва ҷомеа дар алоқамандӣ ва пайвастагии доимӣ мебошад. Субъекти маърифатикунанда дар айни ҳол субъекти ҷамъиятӣ шуморида мешавад, зеро маърифат ба такрору тахфифкунӣ эҳтиёҷ надорад ва ғояи нисбатан мустақили раванди маърифатӣ ва қонунҳои онро эътироф мекунад. Ҳамин тариқ, раванди мазкур пурихтилоф ва доимо инкишофёбанда буда, ба қонунҳои умумии диалектикӣ тобеъ мебошад.

Моҳияти диалектикии амалия ҳамчун меъёри ҳақиқат асоси объективии ба вуҷуд омадан ва мавҷудияти дигар меъёрҳои санҷиши ҳақиқӣ донишҳои шаклҳои гуногуни он мебошад. Инҳо меъёрҳои ба истилоҳ ғайританҷрибавӣ, дохилиилмии асосноккунии дониш (оддӣ, расмиятӣ ва ғ.) мебошанд. Дар байни онҳо шаклҳои назариявии исбот, меъёри мантиқии ҳақиқат, ки бавосита аз амалия гирифта шудаанд, муҳиманд. Яъне, шаклхои гуногуни муносибати назария ва амалия

мавҷуданд. Якум шакли амиқи амалӣ - назария аст, зеро он аз дарки вазъияти мушаххаси амалия то далелҳои таълимӣ дар ин вазъият мегузарад. Тавассути таҷрибаи омӯзгорон дар дониши вазъияти педагогӣ ақидаҳои назариявӣ ташаккул меёбанд. Шакли дуюми назарияҳо дар таълим принсипҳои воқеии таълимиро дар бар мегирад, ки дар фанҳои умумӣ ва махсус таҳия шудаанд, вале аз уфуқҳои ботинии ҳолатҳои амалӣ бармеоянд. Шакли сеюми назарияҳо диди нав аз дигар илмҳо, масалан, фалсафа, психология, ҷомеашиносӣ, амалияи мушаххаси педагогӣ мебошад. Ин се шакли назария дар як вақт се сатҳи омӯзиши воқеияти педагогӣ мебошанд. Масалан муаллимон, тавассути такон бахшидан ба кори педагогӣ дар синф вазъиятро дарк мекунанд. Таҷриба дар ин ҷо дар як эҳсоси вазъият, монанд ба "таҷрибаомӯзии табиб" ва ғайра нигаронида шудааст. Сипас, таҷрибаомӯзоне, ки ба таври қатъӣ инъикос ва тавсифрро татбиқ мекунанд, ба назарияҳои бунёдии таълимӣ меоянд.

Г. Гегел генезиси маърифатро дар асоси идеалистӣ пай бурда, мақсади субъективӣ (шинохти назариявӣ), воситаҳои шинохт (ҳамчун чизи объективӣ) ва амалияро (ҳамчун тасодуфи объективӣ ва субъективӣ) ҷудо кард [42]. В.И.Ленин дар асл ҳамин фикрро танҳо ба таври материалистӣ ифода кардааст: «Одам аз идеяи субъективӣ ба воситаи «амалия» (ва техника) ба ҳақиқати объективӣ меравад» [93, с. 183]. Принсипи алоқамандии назария ва амалия дар таълим ба муқаррароти фалсафӣ, психологӣ ва педагогии зерин асос ёфтааст:

- самара ва сифати таълим санҷида, тасдиқ ва бо амалия роҳбарӣ карда мешавад;

амалия – меъёри ҳақиқат, сарчашмаи фаъолияти маърифатӣ ва соҳаи татбиқи натиҷаҳои таълим;

-самаранокии алоқаи таълим бо ҳаёт, назария бо амалия ба мазмуни таълим, ташкили раванди таълим, шаклу усулҳои таълими истифодашаванда вобаста аст;

— системаи фаъолияти донишҷӯён, ки дар он алоқаи назария ва амалия ба амал меояд, ҳар қадар мукаммалтар бошад, сифати тайёрии онҳо ҳамон қадар баланд мешавад.

Амалия ва дониш ду ҷиҳати ба ҳам алоқаманди раванду ҷараёни ягонаи таърихӣ мебошанд, вале дар он фаъолияти амалӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Ин системаи таркибии фаъолияти умумии моддии инсоният дар тамоми тараққиёти таърихии он мебошад. Қонунҳои он қонунҳои худи олами воқеӣ мебошанд, ки дар ин раванд дигаргун мешаванд.

Шаклҳои муҳимтарини амалия аз инҳо иборат аст: 1) истеҳсолоти моддӣ (меҳнат), дигаргунсозии табиат, мавҷудияти табиии одамон; 2) амали иҷтимоӣ – тағйир додани ҳаёти иҷтимоӣ, тағйир додани муносибатҳои иҷтимоии мавҷуда аз ҷониби «қувваҳои оммавии» муайян (инқилобҳо, ислоҳот, ҷангҳо, дигаргунсозии сохторҳои муайяни ҷамъиятӣ ва ғайра); 3) таҷрибаи илмӣ амалиёти фаъол (бар хилофи мушоҳида) мебошад, ки дар рафти он муҳаққиқ ба таври сунъӣ шароит фароҳам меорад ва ба ӯ имкон медиҳад, ки хосиятҳои ҷаҳони воқеии ба ӯ манфиатдор бударо, кашф намояд.

Вазифаҳои асосии амалияро дар раванди донишҳои илмӣ баррасӣ кунед:

Амалия манбаи дониш аст, зеро тамоми донишҳо асосан бо эҳтиёҷоти он ба ҳаёт татбиқ карда мешаванд.

Амалия ҳамчун қувваи пешбарандаи донишҳои илмӣ баромад мекунад. Вай тамоми тарафҳо, лаҳзаҳо, шаклҳо, қадамҳо аз аввал то интиҳояшро фаро мегирад. Тамоми раванди маърифатӣ, аз ҳиссиёти ибтидоӣ то назарияхои абстракттарин, дар нихояти кор бо вазифахо ва эҳтиёҷоти амалия муайян карда мешавад. Вай дар назди дониш проблемахои муайян мегузорад ва халли онҳоро талаб мекунад.

Одам дар ҷараёни тағйир додани дунё хусусияту ҷиҳатҳои онро торафт бештар кашф ва таҳқиқ намуда, ба моҳияти ҳодисаҳо торафт

чуқуртар дохил мешавад. Амалия ҳамчун асоси дониши илмӣ низ аз он ҷиҳат хизмат мекунад, ки вай онро бо воситаҳои техникӣ, асбобҳо, таҷҳизоти илмӣ ва ғайра таъмин менамояд, ки бе онҳо, махсусан дар илми ҳозира, муваффақ шудан душвор аст.

Амалия бавосита мақсади дониши илмӣ мебошад, зеро вай на ба хотири кунҷковии оддӣ, балки барои ба ин ё он дараҷа дуруст роҳбарӣ ва танзим кардани фаъолияти одамон ба амал баровардa мешавад. Дониши илмӣ (мисли ҳамаи шаклҳои дигари он) ниҳоят ба амалия бармегардад ва ба инкишофи он таъсири фаъол мерасонад. Вазифаи одам натанҳо аз шинохтан ва фаҳмонда додани олам иборат аст, балки дониши ҳосилшударо ҳамчун «раҳнамои амал» барои дигаргун сохтани он, қонеъ гардондани талаботи моддию маънавии одамон ва беҳтар намудани ҳаёти онҳо истифода бурдан аст.

Амалия меъёри ҳалкунандаи ҳақиқати донишҳои илмӣ мебошад. Санҷиши дониш "барои ҳақиқат" тавассути амалия (дар ин ё он шакл) як навъ амали якдафъаина ё "муқоисаи оинавӣ" нест, ин раванд аст, яъне, таърихӣ ва диалектикӣ мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки меъёри амалия ҳам муайян ва ҳам номуайян, мутлақ ва нисбист. Мутлақ ба он маъно, ки танҳо як амалияи инкишофёбанда дар маҷмӯъ метавонад ҳама гуна муқаррароти назариявӣ ё дигарро исбот кунад.

Дар баробари ин, ин меъёр нисбӣ мебошад, зеро худи амалия инкишоф меёбад, такмил меёбад, бо мазмуни нав пур мешавад ва аз ин рӯ, вай наметавонад дар ҳар лаҳза хулосаҳои муайянеро, ки дар раванди шинохти маърифат ба даст омадааст, фавран ва пурра исбот намояд.

А.Н.Аверьянов чунин мешуморад, ки амалия сохтори ба худ хос дорад - ҳам уфуқӣ (ба маънои гуногунии шаклу самтҳои он) ва амудӣ (ба маънои пайдарпайии вақти марҳилаҳои он) [6].

Дар ин таҳқиқот мо сохторҳои уфуқӣ ва амудии амалияи педагогиро дида мебароем, ки дар онҳо ташаккули донишу малакаҳои касбӣ, сифатҳои

касбӣ ва шахсии донишҷӯён бо роҳи тадриҷан илова намудани донишу малакаҳои нав ба ҳаҷми донишу малакаҳои ҷамъшуда сурат мегирад ( раванди ҷамъоварӣ). Тарафдорони равияи мазкур (Г. Спенсер, С. Тулмин) инкишофи донишҳои илмиро ҳамчун тадриҷан зиёд шудани шумораи фактҳои ҷамъшуда ва баланд шудани дараҷаи умумии қонунҳои дар ҳамин асос муқарраршуда ифода мекунанд.

Барои Д.Дюи, амалия, чунон ки Е.Ю.Рогачева [144] қайд кардааст, воситаест, ки ба табдили таълими назариявӣ ба «як бутуни ҳақиқатан таъсирбахш ва зинда» мусоидат мекунад. Д.Дьюи қайд намуд, ки вобаста ба он, ки дар ташкили амалия кадом равишро ба асос гирифтаанд, худи мафҳуми амалия фарқ мекунад. Тафовут дар ҳаҷми вақти барои кори амалӣ ҷудокардашуда, усулҳои ба амал баровардани он, роҳбарӣ ба амалия ва монанди ин хоҳад буд. Онҳо дар ташкили амалияи педагогӣ чор давраро пешниҳод кардаанд: назорат аз болои кори муаллимони пуртаҷриба; ба ҳаёти мактаббачагон ва мактабҳо ҳамчун ёрдамчии роҳбари синф фаъолона ҷалб намудани талабагон; кӯмаки хонандагон ба муаллим дар интихоб ва ташкили муҳтавои мавзуъ, тафаккури вариантҳои гузаронидани дарс; амалияи фаъол.

Солҳои минбаъда чӣ дар Россия ва чӣ дар Тоҷикистон низоми таҳсилот ва фаъолияти муҳаққиқони соҳаи педагогика ва психология баҳри ноилшавӣ ба натиҷаҳои ниҳоӣ ва стратегии масъалаи мазкур самт гирифт. Ҳадафҳои он аз инкишоф ва тақвияти маҳорати педагогӣ, ташаккули мустақилият, мутобиқшавии касбӣ ва шахсӣ ба таълим иборат буд. Дар айни замон тамоюлҳои рушди маориф дар сатҳи байналмилалӣ (раванди Болония), умумиҷумҳурӣ (Қонун “Дар бораи маориф”, “Консепсияи мактаби миллии тоҷик”, “Меъёри давлатии тайёрии таълими маълумоти олии касбӣ”) ва дигар санадҳои минтақавӣ ба тайёру омода кардани мутахассисон барои соҳаи маориф асоси фаъолияти инсон дар шароити муосири иҷтимоию фарҳангӣ нигаронида шудаанд.

Дар маводҳои конфронси Болония сухан дар бораи зарурати ташаккули шахсияти асри 21 - як шахси дорои дараҷаи баланди касбии соҳаи худ, шахсияти мобилӣ, устувор дар рушди динамикӣ ва худшиносӣ меравад.

Барои расидан ба ин мақсад натанҳо мазмуну технологияи таълимро нав кардан, балки пеш аз ҳама муаллимеро тайёр кардан лозим аст, ки аз уҳдаи ҳалли ин вазифаҳои мураккаби иҷтимоию педагогӣ бароянд. Мутаассифона, дар стандартҳои насли дуюм тайёрии амалии муаллимони оянда хеле паст шудааст.

Омода набудани муаллими муосир барои ноил шудан ба сифати баланди таълим бештар ба самти илмии муносибатҳои касбии шахсӣ, дар амал татбиқ карда натавонистани донишҳои психологию педагогӣ вобаста аст. Тамоюли омӯзгор ба таҳсилоти репродуктивӣ сифати таҳсилоти миёнаи умумиро муайян мекунад, ки ҷомеа ва давлат онро бешубҳа нокифоя медонанд. Ба гуфтаи М.М.Левина [90]; барномаи ягонаи роҳнамоии донишҷӯён дар давоми амалияи таълимӣ лозим аст, ки дар он бахши марказӣ ба донишҷӯён тарзи идоракунии фаъолияти таълимӣ дар синфро меомӯзонад. Ин барнома бояд чунин омилҳоро ба назар гирад:

-таҳлили мантиқӣ ва семантикии раванди педагогӣ;

– омӯзиши сатҳҳои ташкили раванди таълим;

- масъалаҳои пешгӯии (банақшагирии) дарс;

– омӯзиши проблемаи алоқаҳои иртиботӣ;

- роҳҳои тафсири педагогии натиҷаҳои дар партави масъалаҳои самаранокӣ бавуҷудомада ва ғайра.

Чи тавре ки аз талаботи санадҳои меъёрӣ бармеояд, муаллим масъул аст, ки панҷ вазифаи асосиро иҷро кунад:

- таълим ;

- функсияи корҳои беруназсинфӣ ;

- фаъолияти методӣ ;

- кор бо волидайн ;

- фаъолияти таълимӣ ва илмӣ (таҳияи такмили ихтисос) .

Барои татбиқи ин вазифаҳо дар раванди таълим, ба ақидаи Е.Н.Соловова [161] мутахассис дорои салоҳиятҳои зерин бошад:

- салоҳияти иҷтимоӣ-психологӣ, ки бо омодагӣ ба ҳалли мушкилоти касбӣ алоқаманд аст;

- салоҳияти коммуникатсионӣ ва касбӣ;

- салоҳияти фаннӣ дар соҳаи касби омӯзгорӣ;

- худшиносии касбӣ.

Муаллиф муътақид аст, ки дар факултаҳои мухталиф ин салоҳиятҳо вобаста ба вижагиҳои фанни тадрисшаванда баррасӣ мешаванд ва метавонанд каме тафсири дигар гиранд.

Ҳар яке аз салоҳиятҳои муайяншуда, қайд мекунад Е.Н. Соловова, якчанд ҷузъҳоро дар бар мегирад ва ҳамаи онҳо якҷоя ҳалли вазифаҳои зерини умумии амалияи педагогиро муайян мекунанд:

ташаккули омодагӣ ба ҳалли мушкилоти гуногун дар доираи васеи касбӣ; ташаккули салоҳияти касбию педагогӣ, ки бо қобилияти на танҳо босалоҳият таълим додани фанни худ, балки ташаккул додани сифатҳо, дониш ва малакаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ дар мактаббачагон алоқаманд аст; такмили салоҳияти коммуникатсионӣ ва касбӣ дар муоширати шифоҳӣ ва хаттӣ.

О.О. Киселева [69] равиши навро ба ташкил ва мазмуни амалияи омӯзгорӣ пешниход кардааст, ки ба муқаррароти зерин асос ёфтааст.

Пеш аз амалия бо талаба оид ба ташаккули маҳорат ва малакаҳои асосӣ:

- Алоқа бо субъектҳои психологию педагогӣ. Таҷрибаомӯзии курси назариявии фанҳои асосӣ — психология ва педагогиро хатм намуда, дониши донишҷӯёнро воқеӣ гардонда, татбиқи амалии онҳоро таъмин менамояд.

- Инкишофи тафаккури педагогӣ. Дар рафти амалия мавқеъҳои назариявии омӯхташуда бо мазмуни воқеӣ пур гардида, ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки ҳодиса ва фактҳои педагогиро дуруст нишон диҳад.

- Самти шахсӣ. Ташаккули маҳорати касбии педагогӣ муносибати инфиродӣ ба таълими ҳар як донишҷӯро талаб мекунад.

- Динамикаи истиқлолият. Тақсимоти мундариҷа ва намудҳои гуногуни кор ва супоришҳои таълимии инкишофи мустақилияти хонандагонро дар бар мегирад.

- Такя ба воқеияти педагогӣ. Мазмуни фаъолияти амалии талаба ба хусусиятҳои кори мактабӣ мувофиқ аст.

Дар ҷараёни ба фаъолияти омӯзгорӣ ҷалб намудан онҳо моҳияти касби омӯзгориро амиқтар дарк карда, шавқу рағбат пайдо менамоянд. Донишҷӯён пеш аз таҷрибаомузӣ асосҳои назариявии психология, педагогика ва методологияро меомӯзанд. Такмили ин фанҳо ва амалияи педагогӣ шарти муҳими ташаккули мавқеи акмеологӣ мебошад, зеро маълум аст, ки дониш вақте эътиқод мешавад, ки шахс метавонад ин донишҳоро дар амал татбиқ кунад ва дар натиҷаи фаъолият ба хулосае меояд, ки ӯ аввал аз назария омӯхтааст.

Н.В. Кузьмина нақши амалияи педагогиро таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки «амалияи педагогӣ муаллимони ояндаро ба кори мустақилона дар шароити бо роҳи омӯзиш тарбия намудани хонандагон; ба онҳо ахбор додани маводи пешбиникардаи барнома, тафтиши азхудкунии он; бо тамоми синф ва бо хонандагони алоҳида кор кардан; (ёрдамчии сардори синф кор мекунад)» ҷалб менамояд [84, с.14]. Дар давраи амалияи педагогӣ дониш ва хислатҳои зарурии шахсият ташаккул ёфта, барои ташаккули маҳорати касбӣ имкониятҳои мусоид фароҳам оварда мешаванд. Ин раванд тӯлонӣ, мутамарказ буда, такрор ва машқҳои сершуморро мунтазам дар иҷрои амалҳои муайяни педагогӣ талаб мекунад.

Мақсади асосии амалия фароҳам овардани шароит барои худшиносӣ, худмуайянкунии шахсияти донишҷӯ ҳамчун субъекти фаъолияти касбӣ, ки қодир аст дар муҳити рақобат дар муассисаҳои таълимӣ дар шаклҳои гуногун кор кунад. Таҷрибаомӯзии педагогӣ тибқи консепсия ва барномаи навсозии мазмун ва ташкили амалияи омӯзгории ДДБ ба номи Носири Хусрав як қатор вазифаҳо: мутобиқшавӣ, таълимдиҳанда, тарбиякунанда, инкишофдиҳанда ва рефлексивиро иҷро мекунад. Ин вазифаҳо метавонанд пурра ҳамчун асос барои ташаккулу рушди мавқеи акмеологӣ хизмат кунанд.

Функсияи мутобиқшавӣ дар он зоҳир мешавад, ки донишҷӯ на танҳо бо шаклҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ, ташкили кор ва маданиятнокӣ дар онҳо шинос мешавад, балки ба раванди фаъолияти педагогӣ, муносибат бо кӯдакон ва омӯзгорон одат мекунад, ба пайраҳаи нақшавии робитаҳо ва муносибатҳои уфуқӣ ва амудӣ шурӯъ мекунад. Муаллими оянда ба таври воқеӣ тасаввур кардани тамоми хушнудӣ ва душвориҳои фаъолияти педагогиро дарк мекунад. Вазифаи омӯзиши амалия аз татбиқи донишҳои назариявии гирифташуда дар фаъолияти мушаххас иборат аст. Раванди ташаккули салоҳиятҳои асосии педагогӣ аз ташаккули худшиносӣ ва масъулияти педагогӣ иборат мебошанд. Андешаҳо дар бораи касби омӯзгорӣ назари воқеӣ пайдо мекунанд. Вазифаи тарбиявӣ аз ташаккули ҳавасмандӣ ба фаъолияти касбии оянда, ташаккули фарҳанги педагогӣ, ташаккули «ман-консепсияи» касбӣ ва услуби фаъолияти педагогӣ иборат аст. Омилҳои тарбиявии амалияи педагогӣ фаъолияти мутахассисони дорои сатҳи баланди касбӣ ва сифатҳои шахсӣ, инчунин системаҳои таълимии Донишгоҳи омӯзгорӣ ва муассисаҳои таълимӣ мебошанд, ки асоси амалия маҳсуб мешаванд.

Вазифаи инкишофи амалия дар рушди қобилияти педагогии донишҷӯ ба амал меояд. Талаба ҳам аз ҷиҳати шахсӣ ва ҳам аз ҷиҳати касбӣ

инкишоф меёбад: вай ҳамчун муаллим фикр кардан ва рафтор карданро ёд мегирад.

Функсияи инъикоскунандаи амалия яке аз муҳимтаринҳост. Донишҷӯ танҳо дар амал метавонад ҳолати эҳсосии худро дар раванди муошират бо тамоми субъектҳои фаъолияти педагогӣ баҳо диҳад, сифатҳои шахсӣ ва касбии худро ҳамчун муаллими оянда таҳлил карда, хулоса барорад, ки оё ӯ омода аст ҳаёти худро ба ин касб бахшад.

Донишгоҳу донишкадаҳои олӣ мувофиқи талаботи ташкили амалия мустақилона низомномаҳои амалии донишҷӯёнро бо назардошти хусусиятҳои тайёр кардани мутахассисон тартиб медиҳанд ва тасдиқ мекунанд. Тибқи «Тавсияҳо оид ба ташкили таҷриба барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ» [4] намудҳои зерини амалия пешбинӣ шудаанд:

- амалияи таълимӣ;
- таҷрибаомӯзии корӣ;
- таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ.

Таҷрибаомӯзии омӯзишӣ метавонад якчанд марҳиларо дар бар гирад. Номгӯи амалияи таълимӣ барои барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби донишгоҳ муайян карда мешавад. Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, чун қоида, марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад: таҷриба аз рӯи профили ихтисос (технологӣ, иҷрокунанда ва ғ.), таҳқиқотӣ, амалияи илмӣ ва педагогӣ. Таҷрибаомӯзии пешазинтихоботӣ дар доираи барномаи асосии таълимӣ марҳилаи ниҳоии таълим буда, баъди аз худ кардани донишҷӯ, барномаи таълими назариявӣ ва амалӣ гузаронида мешавад. Муҳаққиқ Б.А. Голуб [43] вазифаҳои зеринро барои ҳамаи намудҳои амалияҳои номбаршуда умумӣ мешуморад: шиносоӣ бо сохтори муассисаҳои таълимии соҳаҳои гуногун ва фаъолияти касбии омӯзгор дар ин муассисаҳои таълимӣ; рушди ибтидоии малакаҳои касбӣ: мушоҳидаи сохторӣ ва худшиносӣ; азхуд намудани қобилияти ташкилотчигӣ; дар

инкишоф додани хислатҳои муҳими касбӣ: ҳамдардӣ, ғамхорӣ дар ҳаққи одами ба ёрӣ эҳтиёҷманд.

Хусусияти эҷодии амалияи педагогӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҷараёни он дар ҳар як талаба қобилияти таҳқиқотӣ, қобилияти шарҳ додани протсеси таълим, майли бадеӣ инкишоф меёбад. Ба ин шиносоӣ бо муаллимону лекторони эҷодкор ёрӣ мерасонад. Характери эҷодии амалияро иштироки донишҷӯён дар семинарҳои педагогӣ ва дарсҳои маҳорат низ медиҳад.

Дар асоси таҳқиқоти Б.А. Голуб мо вазифаҳои асосии амалияи педагогиро ҷудо намудем:

1. Амиқ ва мустаҳкам намудани донишҳои назариявии донишҷӯён дар соҳаи педагогика, психология ва методика.

2. Ташаккули хислатҳои шахсияте, ки барои муаллим аз ҷиҳати касбӣ аҳамияти калон доранд ва маҳорату малакаҳои зерини педагогиро:

- вазифаҳои конкретии педагогиро бо назардошти хусусиятҳои синну сол ва фардии хонандагон ва хусусиятҳои иҷтимоию психологии коллектив муайян мекунанд;

- банақшагирӣ ва таҳлили раванди таълимро бо назардошти талаботи муосир;

-шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои самарабахши таълиму тарбияро оқилона интихоб намуда, натиҷаҳои аз худ кардани маводи барномавиро муайян кунанд;

- таҳлил ва танзими фаъолияти худ;

- ташаккули тафаккури эҷодӣ, услуби инфиродии таълим ва ғайраро ташаккул медиҳанд.

Пас аз омӯхтани сохтор ва мундариҷаи амалияи таълимии ДДБ ба номи Носири Хусрав, мо ба хулосае омадем, ки барномаҳои таҷрибавӣ сохтори ягона дошта, се марҳилаи ҳатмиро муайян мекунанд:

1. Тайёрӣ – дар ин марҳила масъалаҳои ташкилӣ ҳал карда мешаванд,

шиносӣ бо барномаи таҷрибаомӯзӣ, талаботи ба қайд гирифтани ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ.

Кор - амалисозии ҷузъи асосии мундариҷаи амалия, иҷрои вазифаҳои иҷтимоию педагогиро бо таҳлили минбаъдаи натиҷаҳо дар бар мегирад.

Марҳилаи ниҳоӣ – гузаронидани конференсияи ҷамъбастӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ ба роҳбарони гурӯҳҳоро дар бар мегирад.

Мазмуни таҷрибаҳо ба ташаккули малакаҳои коммуникатсионӣ, ташкилӣ, ташхисӣ, дидактикӣ, тарҳрезӣ, таҳлилӣ дар раванди фаъолияти педагогӣ нигаронида шудааст.

Мо шаклҳои ҳисоботии донишҷӯёнро омӯхта, диққатро ба он ҷалб намудем, ки донишҷӯён баъди машқ акси тамоми фаъолияти мушоҳидаи бачагон, машғулиятҳо ва таҳлили онҳоро пешниҳод мекунанд.

Роҳбари таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯён варақаҳои рейтингии донишҷӯёнро тартиб медиханд, ки онро мушовирон ва худи донишҷӯ баъди таҷрибаомузӣ пур мекунанд. Ин шакл натанҳо баҳодиҳии сифатҳо ва маҳорати касбии талаба, балки шакли худбаҳодиҳии донишҷӯро ба самаранокии амалия, равона кардани хонандагон ба муваффакият дар фаъолияти педагогии худ мебошад. Мо дар кори таҷрибавӣ маълумоти каме тағйирёфтаи ин корти назорати рейтингиро истифода бурдем.

Баъди гузарондани конференсияи ҷамъбастӣ баъди таҷрибаомӯзии педагогӣ дар гурӯҳҳо бо чунини саволҳо мурочиат намудем:

1.Мушкилоти ташкили дарс ва роҳҳои ҳалли онҳо.

2. Технологияҳои муосири педагогӣ, ки дар рафти амалия санҷида шудаанд.

3. Проблемаҳои ташкили кори тарбиявии беруназсинфӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо.

4.Дарсҳои дар таҷрибаомӯзии педагогӣ гузаронида.

5. Таклифҳо оид ба беҳтар намудани тайёрӣ ба амалия ва ташкили он.

Донишҷӯёни ҳар як гурӯҳ мушкилоти худро муҳокима карда, фикру ақидаҳои худро менависанд, далелҳои худро оварда, бо мисолҳо мушаххас мекунанд. Сипас, варақаҳои қайдҳо ба гурӯҳҳои дигар интиқол дода мешаванд.

Пас аз гирифтани вараќи нав, гурӯҳ аввал ба навиштаҷоти гурӯҳҳои навбатӣ баҳо дода, ба матни «в» (розӣ), «н» (розӣ нест) қайд мекунад. Сипас аъзоёни гурӯҳ идеяҳо, мулоҳизаҳои худро илова мекунанд ва барои кор бо варақ дар атрофи давра аз ҷониби дигар гурӯҳҳо мегузаранд. Ҳар як гурӯҳ метавонад дар варақаҳо танҳо бо ранги худ қайдҳо гузорад. Ин ба таври визуалӣ ба шумо имкон медиҳад, ки саҳми ҳар як гурӯҳро сабт кунед. Вақте ки варақаҳо чун доира давр зада, ба гурӯҳҳои аслии худ бармегарданд, ҳар як гурӯҳ чизҳои дар он навишташударо ҷамъбаст мекунанд.

Бо гузарондани конференсияи ҷамъбастӣ донишҷӯён мушкилоту дастовардҳои таҷрибаомӯзии педагогиро ба дараҷаи бештар дарк намуда, роҳҳои худро барои такмил додани ташкил ва тайёрӣ ба амалия пешниҳод мекунанд.

Дониши дар омӯзиши фанҳои психологию педагогӣ гирифташуда дар амалия татбиқи худро меёбад. Ба инҳо дохил мешаванд: омӯзиши синф; кӯмак ба роҳбари синф дар банақшагирӣ ва ташкили корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ; дар интихоби адабиёт ва маводи дидактикӣ; гузаронидани маҳфилҳо; омодагӣ ва гузаронидани олимпиадаҳо; омӯхтани таҷрибаомӯзии кори муаллими фаннӣ; таҳлили фаъолияти худ. Ҳамаи мушоҳидаҳо бо эродҳо дар рӯзномаи мушоҳидаҳои педагогӣ қайд карда мешаванд, ки нигоҳ доштани онҳо мунтазам сурат мегирад. Муҳим аст, ки пешрафт ба касби омӯзгори оянда пайваста бошад ва худи омодагии касбию педагогӣ дар фаъолияти лоиҳавӣ, дар семинарҳои ба касбомӯзӣ нигаронидашуда, курсҳои махсусе, ки дар онҳо вазъиятҳои воқеии педагогӣ муайян карда мешаванд, амалӣ карда шавад, ки ҳар як донишҷӯ метавонад

мавқеи фаъоли субъективӣ (рефлексивӣ), маҳорати ҳамкории педагогиро инкишоф диҳад. Он гоҳ таҷрибаомӯзии педагогие, ки дар муассисаҳои таълимии намудҳои гуногун гузаронида мешавад, метавонад барои омӯзгорони оянда макони татбиқи лоиҳаҳои педагогии шахсии худ гардад.

Дар курсҳои чорум донишҷӯён аллакай ҳамчун омӯзгори фаннӣ таҷриба меомӯзанд. Таҷрибаомӯзии омӯхта ба онҳо имкон медиҳад, ки дар давоми тамоми давраи таҳсил дар донишгоҳ мунтазам ва дар як сохтори муайян тайёрии назариявии худро бо кори амалӣ дар муассисаҳои таълимии навъҳои гуногун пайваст кунанд.

Сохтори таҷрибаомӯзии педагогӣ ба ташаккули шахсияти муаллими оянда, азхуд намудани малакаҳои пай дар пай ва мураккабтари педагогӣ, инчунин азхуд намудан ва дарки таҷрибаомӯзии педагогӣ нигаронида шудааст.

Вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзии педагогӣ дар соли ҷорӣ ҳамчун омили пешбарандаи тайёрии касбии муаллим аз инҳо иборатанд; омӯзиши шахсияти донишҷӯ бо истифода аз усулҳои таҳқиқоти психологию педагогӣ дар ягонагӣ бо омӯзиш ва таҳлили вазъи тарбиявӣ, ки дар синф ва оилаи донишҷӯ ба вуҷуд омадааст; тарҳрезии мазмун ва навъҳои чорабиниҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ, ки ба ташаккули шахсияти хонандагон мусоидат мекунанд; гузаронидани таҳлили илмию методии барномаҳои мактабҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълим; тарҳрезии дарс ҳамчун унсури системаи интегралӣ аз ҷиҳати мазмун ва ҷанбаҳои мурофиавӣ; аз худ кардан ва дарк намудани таҷрибаи фаъолияти мустақилонаи касбӣ аз ҷониби донишҷӯён; рушди техникаи педагогӣ; омӯхтан ва таҳлили таҷрибаомӯзии бомуваффакият кор кардани муаллимон ва муайян кардани омилҳое, ки самараи кори таълим, тарбия ва ба камол расондани талабагонро таъмин мекунанд.

Хусусияти тачриба дар курси чорум дар он аст, ки донишҷӯён дар давоми ҳафт ҳафта бояд ҳамон малакаҳоеро, ки дар фаъолияти мустақили

педагогӣ заруранд, аз худ кунанд. Ин таҷрибаомӯзии педагогиро махсусан аз ҷиҳати мазмун бой мегардонад: кори амалии талаба бояд ба он коре, ки муаллими фан ва роҳбари синф карда истодааст, комилан мувофиқ бошад, яъне ин амалия аз ҷиҳати вазифа ва мазмун омӯзгор аст. Ба талаба имконият дода мешавад, ки ташаббус ва эҷодкории шахсии худро нишон диҳад, аз рӯи натиҷаҳои таъсири педагогии худ ҷиҳатҳои мустаҳкам ва сусти фаъолияти худро таҳлил намояд.

Мушкилоти фаъолияти педагогиро мустақилона бартараф намуда, маҷмӯи арзишҳои ҳаётии муаллими оянда ҷамъ мешавад.

Бо мақсади таъмини дастрасии донишҷӯёни таҷрибаомӯз на танҳо дар шаҳр, балки дар минтақаҳои Ҷумҳурӣ ба иттилоот ва донишҳои педагогӣ, технологияҳо ва хизматрасониҳои гуногун, инчунин истифодаи самараноки онҳо ҳамчун воситаи ҳамгироӣ ба фазои иттилоотию таълимӣ ташкил карда шуд.

Тавре ки таҷрибаи аввал нишон медиҳад, чунин ҳамкории интерактивии омӯзгорон, донишҷӯён ва омӯзгорон ба тарҳрезӣ ва татбиқи самараноки худидоракунии касбӣ ва худидоракунии ҳамаи субъектҳои раванди педагогӣ мусоидат мекунад.

Сохтор ва мазмуни таҷрибаомӯзии педагогиро омӯхта, мо ба чунин хулоса меоем, ки таҷрибаомӯзии педагогӣ асоси ташаккули мавқеи акмеологии муаллими оянда буда, барои инкишофи он шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Барои ин бояд механизмҳое таҳия карда шаванд, ки баҳри ҳаракат ба сӯи муваффақият, рушди худшиносӣ ва худтакмилдиҳии шахсият мусоидат кунанд, аз ҷумла вазифаҳои муайян, машқҳо, тренингҳо дар асоси раванди азхудкунии арзишҳои касбӣ, дастгоҳи консептуалӣ аз фанҳои психологию педагогӣ ва методӣ.

Ҳамин тариқ, чи тавре, ки академик М.Лутфулоев мегӯяд, дар мактабҳои олӣ таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ пуле мебошад, ки донишҳои назариявии донишҷӯ ва фаъолияти педагогииояндаи ӯро бо ҳам

мепайвандад. Андешаи мазкур ниҳоят бамаврид аст, зеро таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ пеш аз ҳама ба он равона шудааст, ки донишҷӯро бо фаъолияти омӯзгорӣ ба сифати муалим – тарбиятгар тайёр намуда, ӯро соҳиби маҷмуи малакаю маҳоратҳое созад, ки вай дар татбиқи масъалаҳои таълимию тарбиявӣ ва ҷамъиятӣ эҷодкорона рафтор намояд.

Таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ донишҷӯро бо фаъолияти мустақилонаи педагогӣ мутобиқ кунонида имконият медиҳад, ки лаёқати касбии худро дар амал бисанҷад ва соҳиби касби муаллимӣ гардад.

Таҳсил дар донишгоҳи педагогӣ, ба ақидаи мо, тарзе бояд ташкил карда шавад, ки аз худ кардани донишҳои назариявӣ доир ба силсилаи фанҳои ҷамъиятӣ, педагогию психологӣ ва тахассусӣ бо фаъолияти амалии педагогии донишҷӯён алоқаманд бошад ва ба шакли таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ дар амал тадбиқ гардад, зеро сохтори маориф ва таҷрибаомӯзии донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ захираи бой ва воситаи ташаккули мутахассиси олидараҷаро доро мебошанд. Вале аз худ кардани донишҳои назариявӣ кафолати дар амал тадбиқ кардани ин донишҳоро дар таҷрибаомӯзии фаъолияти мустақилона дода наметавонад. Чунин кафолат танҳо дар алоқамандӣ бо мунтазам омӯхтани назария ва мавқеи акмеологии боэътимод ба вуҷуд меояд. Аз ин лиҳоз лозим донистем вазифа, мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои таҷрибаомӯзии омӯзгориро дар ташаккулу рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда мавриди таҳлилу андеша қарор диҳем. Ҳамин тариқ, муҳимтарин вазифаи таҷрибаомӯзии педагогӣ ин малакаи мушоҳидаи ҷараёни таълиму тарбия фаъолияти омӯзгору хонандагон, фаҳмонидани моҳият ва мантиқи мутақобилаи онҳо, бахусус барқарор кардани муносибати дурусти педагогӣ бо хонандагон мебошад.

Ҳамин тариқ, дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ вазифаи дар омӯзгорони оянда ташаккул додани малакаю маҳорати педагогӣ ва сифатҳои муҳиму аҳамиятноки зерин ҳал карда мешавад:

а) Мустаҳкам кардан, амиқ гардонидан ва бой намудани донишҳои педогогӣ - психологӣ, тахасусӣ ва амалӣ намудани онҳо дар ҳалли вазифаҳои мушаххаси таълиму тарбиявӣ;

б) Тарбия намудани шавқу устуворӣ ва муҳаббат ба касбӣ омӯзгорӣ, талаботи худтарбиякунӣ ва худомӯзии кабию педагогӣ, зарурати ташаккули муносибати эҷодӣ ба фаъолияти педагогӣ;

в) Шиносоӣ ва ҳолати кунунии кори таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва таҷрибаомӯзии пешқадами педагогӣ, расонидани ёрии аммалӣ ба муассисаҳои таълимию тарбиявӣ дар ҳалли вазифаҳои тарбияи кӯдакону наврасон.

Сохтори тайёру омода намудани омӯзгорони оянда оид ба ташаккулу рушди мавқеи акмеологӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ хусусиятҳои худро дорад:

1. Таҷрибаомӯзии педагогӣ дар силсилаи маълумоти олии педагогӣ ҷузъи муҳим буда, хусусияти таълимӣ дорад, яъне:

а) Таҷрибаомӯзии педагогӣ донишҳои назариявии донишҷӯёнро пурра ва ғанӣ мегардонад. Дар рафти таҷрибаомӯзӣ шароит фароҳам оварда мешавад, ки донишҳои дар машғулиятҳои назариявӣ гирифтаи худро амиқ гардонида, асосҳои илми омӯхтаашонро дар амалия татбиқ кунанд;

б) дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ маҳорату малакаҳои асосии касбиро донишҷӯён аз худ мекунанд. Омӯзгорони оянда ҷиҳатҳои гуногуни ҷараёни таълиму тарбияро мушоҳида ва таҳлил мекунанд, дарс доданро меомӯзанд, бо хонандагон корҳои тарбиявӣ мебаранд;

в) таҷрибаомӯзии педагогӣ ба одаткунонии донишҷӯён бо фаъолияти ояндаи педагогиашон мусоидат мекунад. Барои ба амал баровардани фаъолияти касбӣ ва мусаллаҳ намудани донишҷӯёни таҷрибаомӯз бо таҷрибаҳои аввалини муалимии касбӣ заминаи мусоид бунёд мекунад.

2. Таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ хусусияти тарбиявӣ дорад, яъне:

а) таҷрибаомӯзии педагогӣ санҷиши аввалин ва ҷиддан тайёр будани муаллими оянда ба кори бошарафи таълиму тарбияи насли наврас мебошад;

б) дар рафти таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ илова бар таъсиргузориҳои тарбиявии донишгоҳ, таъсири тарбиявии коллективҳои мактаб, гимназия, литсей, ОКТ яъне он ҷое, ки донишҷӯ таҷриба меомӯзад, илова мешавад;

в) махсусан таҷрибаомӯз таъсири масъулиятшиносиро дар назди хонандагон эҳсос мекунад. Дар ин давра ба ҷараёни худомӯзию худтарбиякунии ӯ таъсири мусбӣ расонида мешавад.

3. Таҷрибаомӯзии педагогӣ хусусияти комплексии ҳамаҷониба дорад. Ин хусусият дар он аст, ки донишҷӯи таҷрибаомӯз ҳамаи вазифаҳои касбию ҷамъиятиро иҷро мекунад:

а) намудҳои гуногуни дарс, аз он ҷумла машғулиятҳои факултативиро мегузаронад;

б) вазифаи роҳбари синфро иҷро мекунад;

в) шаклҳои гуногуни кори беруназсинфиро ташкил мекунад;

г) алоқаи байни омӯзгорон, ҳамкории мактабу оила ва аҳли ҷамъиятро ба амал мебарорад.

4. Таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ хусусияти таҳқиқотӣ дорад. Барномаи таҷрибаомӯзӣ талаб мекунад, ки донишҷӯён чунин корҳои таҳқиқотиро ба ҷо биёранд:

а) гузаронидани таҳлили педагогию психологии дарс ва дигар машғулиятҳои тарбиявӣ;

б) омӯхтани шахсияти алоҳида ё аҳли синф;

в) гузаронидани таҷрибаҳо бо хонандагон.

5. Таҷрибаомӯзии педагогӣ хусусияти эҷодӣ дошта, фаъолияти эҷодкории донишҷӯёнро талаб мекунад:

а) таҷрибаомӯзон таҷрибаомӯзии пешқадами омӯзгорони бомаҳорати касбӣ педагогиро меомӯзанд;

б) дар шахсияти як хонанда ё аҳли синф тавсифнома менависанд;

в) асбобҳои аёнӣ месозанд, маводи дидактикӣ тартиб медиҳанд;

г) аз таҷрибаомӯзии худ ва омӯзгорони дигар дар таълифи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм истифода мебаранд;

д) дар корҳои ҷамъиятии мактаб фаъолона иштирок менамоянд.

Инак, донишҷӯён пеш аз соли хатм ба муҳлати 6-8 ҳафта таҷрибаомӯзии таълимию тарбиявиро дар ҳамаи муассисаҳои таълимию тарбиявӣ гузаронида, вазифаҳои зеринро: аз худ кардани масъалаҳои зарурӣ барои корҳои омӯзгорӣ; малакаи татбиқ кардани донишҳои назариявӣ дар кори мушаххаси амалӣ; аз худ кардан ва такмил додани маҳорати кори таълимӣ ва тарбиявӣ бо кӯдакон; омӯтани таҷрибаомӯзии пешқадами педагогӣ; аз худ кардани методу усулҳо ва шаклҳои гуногуни кори таълиму тарбия, истифодаи аёният ва воситаҳои техникии таълим, ки ба фаъолнокии хонандагон мусоидат мекунад, иҷро мекунанд.

Аз ин рӯ, сохтор ва мазмуну мундариҷаи таҷрибаомӯзии омӯзгориро омӯхта, ба хулосае омадем, ки он омил ва асосу заминаи ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда гашта, барои густаришу рушд шароит муҳайё мекунад. Барои ин механизмҳое таҳия ва корбаст карда мешаванд, ки майлу ҳаракат ба сӯи муваффақият, рушди худшиносӣ ва худтакмилдиҳии шахсиятро мусоид мегардонанд. Мутаассифона, ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои муайяну мушаххас, машқҳо, тренингҳо дар асоси раванди азхудкунии арзишҳои касбӣ дастгоҳи консептуалӣ аз фанҳои силсилаи психологию педагогӣ ва методӣ мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор нагирифтааст, ки ҳалли минбаъдаи онҳо ҳадафи омӯзиши мо хоҳад буд.

### 1.3. Амсила ва шароитҳои педагогии ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ

Мавҷуд будани фосила байни назария ва амалияи педагогӣ ба таҳсилоти олии касбӣ бетаъсир намондааст ва ин ягонагии фаъолияти

амалӣ ва назариявиро дар соҳаи педагогика тақозо мекунад. Самаранокии “Гузаронидани назария ба амалия ” дар бисёр мавридҳо дараҷаи фаъолияти амалӣ: репродуктивӣ, ки иртибот бо истифодаи иттилооти илмӣ дар шакли нақшаҳои инструменталӣ такя бо дониш ва таҷрибаомӯзии мавҷуда дорад; сатҳи эҷодӣ, ки алоқаманд ба коркарду корбасти ҳалли асосҳои вазифаҳо ва масъалаҳои педагогиро муайян мекунад [86].

Таҷрибаомӯзии педагогӣ фосилаи байни назария ва амалияро бартараф намуда, донишҳои назариявиро ба асбобу олоти ҳалли масъалаҳои амалӣ табдил дода, фаъолнокии ҷамъиятӣ, муносибати масъулиятнокиро нисбат ба худ ва натиҷаҳои фаъолият инкифош медиҳад. Баъди бозгашт аз таҷриба донишҷӯён дарк намудаанд, ки дар фаъолияти касбӣ натанҳо ҳаҷми донишҳо, балки дақиқӣ, системанокӣ, тағйирпазирӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. На донишҳои ниҳоят зиёд, балки тезҳаракатӣ ва идорашавандагӣ, мутобиқшавии чандирӣ ба шароитҳои мактабӣ муаллимро ба фаъолияти омӯзгорӣ коршоям мегардонанд [60].

Таҷрибаомӯзии педагогӣ дар таносуб бо тайёру омода намудани донишҷӯён, аз як тараф, аҳамияти дониши онҳоро аз ҷиҳати шахсӣ зарур ва муҳим мегардонад, аз тарафи дигар, таҳлил – таркиб – таҳлили аз нав сохташаванда дар асоси бо иштироки субъектҳои раванди таълиму тарбия ва дар асоси амалҳои содиршаванда маҳоратҳо ва мотивҳои омӯзгорони оянда рӯй медиҳад.

Абдуллина, О. А. таҷрибаомӯзии педагогиро ҳамчун шакли таълими касбӣ дар макотиби олӣ мешуморад, ки дар асоси донишҳои касбӣ ба вуҷуд омада, ба пойдевори назариявӣ такя намуда, қонуниятҳои маърифати амалӣ ва принсипҳои фаъолияти касбӣ маҳорати роҳҳои ташкилии онро таъмин менамояд [4].

Ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ дар мактабҳои олии педагогӣ баъзе камбудиҳо мавҷуд аст, ки бевосита ба стандартҳои давлатӣ муносибат доранд ва беҳбудиҳои назаррасро тақозо доранд (В. П.

Горленко, А. И. Пискунов, И. Ф. Харламов, Ф. Шарифзода ва дигарон), ба нақшаҳои таълимӣ, ки бартарии омӯзиши фанҳои педагогӣ – психологиро таъмин намекунад (В. А. Башметов, Е. И. Исаев, М. Лутфуллоев, В. И. Шайденко ва дигарон) ва ба худи ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ, ки эҳтиёҷ ба навсозӣ дорад, дида мешаванд. Бояд тазаккур дод, ки дар солҳои охир ҳамчун тамоюли пурра ва яклухт ба таҷрибаомӯзии педагогӣ муносибат намудан дида мешавад (Е. В. Бондаревская, А. И. Малашенко,... ва дигарон), яъне таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун ҷузъи низоми рӯоварӣ ба шахсият дида баромада шуда истодааст.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, то ҳоло талабот байни татбиқи имкониятҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ доир ба ташаккулу инкишофи мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ва набудани намунаву қолиби таҷрибаомӯзии педагогӣ дида намешавад.

Аз нигоҳи гносеологӣ – ин “намоянда”, “ивазкунанда” – и ҳақиқиву асл дар маърифат ва амалия фаҳмида мешавад. Дар луғати фалсафӣ - энсиклопедӣ модел – “тадбир”, “тимсол”, “намуна”, “қоида”, “меъёр”, дар мантиқ ва методологияи илмӣ монандшавӣ, шабеҳи (нақша, сохт, аломатҳои ситема) – и пораҳои табиӣ ва иҷтимоӣ, самараву зодаи фарҳанги инсонӣ, маълумоти консептуалӣ – назариявӣ ва монанди инҳо намунаву қолибияти аслӣ, шарҳ дода шудааст [197].

Ҳамин тариқ амсила дар маънои васеъи худ ҳар гуна тимсол, монандӣ “зеҳнӣ ё шартӣ” – и ин ё он объект, ҷараён ё падида, ки ба сифати “намоянда”, “ивазкунанда” нисбат ба намунаи аслӣ истифода мешавад, фаҳмида мешавад. Ба ғайр аз ин, амсила доимо нақши маърифатиро иҷро намуда, чун воситаи шарҳ, пешгӯӣ ва ҷустуҷӯӣ баромад мекунад.

Дар рафти таҳрезии амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ оид ба ташаккули мавқеи акмеологӣ мо ба сохтори амсила қисматҳои зеринро: мақсаддорӣ, ҷараённокӣ, назоратӣ ва баҳодиҳӣ дохил намудем. Амсила,

инчунин аз рӯи принсипҳои пайдарпайӣ ва муттасилӣ асос ва бунёд ёфтааст.

Мақсад – ташаккул ва рушди мавқеи акмеологии донишҷӯёни синфҳои ибтидоӣ дар мактаби олӣ.

Вазифаҳо:

1. Баланд бардоштани сифати тайёру омода намудани донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар макотиби олӣ.
2. Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ.
3. Фароҳам овардани шароитҳои педагогии рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ.

Дар ин қисмат муносибатҳои бунёдии консептуали: акмеологӣ ва шахсиятӣ – фаъолнокӣ, ки моҳияти падидаи гуманистии таҳсилоти педагогии муосир ва муносибати босалоҳият ва ҳалли вазифаҳои касбиро дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ муайян мекунанд, баррасӣ мегарданд.

Маъниву муҳтавои ин ҷараёнро марҳилаи амалӣ ташкил намуда, дар донишҷӯён ташаккул додани донишҳои зарурӣ доир ба фаъолияти касбии омӯзгорӣ, омодагӣ ба мотиватсияи мусбӣ роҷеъ ба фаъолияти педагогӣ, дастгирӣ намудани майлу хоҳиш ба касби омӯзгорӣ, манфиатдорӣ барои аз худ кардани донишҳо, тамаркуз кардани диққат ба лаҳзаҳои проблемавӣ ташкил медиҳад.

Дар ин марҳила барномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ дар асоси ҷузъҳои муттасил таҳия карда шуд, ки мазмуни он аз унсурҳои гностикӣ, лоиҳавӣ, ташкилотчигӣ иборат буд. Мазмуни мазкур тавассути унсурҳои когнитивӣ, иртиботӣ, эмотсионалӣ – арзишӣ ва мотиватсионӣ таҷрибаомӯзии педагогиро дар фаъолияти донишҷӯён амалӣ мегардонад.

Давраҳои татбиқи амсилаи ташаккули мавқеи акмеологӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ чунин мебошад: муқаддимавӣ (шиносшавӣ) – 1 – 2 дар доираи таҷрибаомӯзии ҷамъиятӣ амалӣ мегардад. Дар марҳилаи мазкур, асосан шароитҳое фароҳам оварда мешавад, ки дар муҳассилини

синфҳои ибтидоӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ омодагӣ ба фаъолияти мустақилонаи касбӣ, муносибати мусбӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ ташаккулу рушд меёбад.

Дар ин марҳила аз бар кардани донишҳои назариявӣ оид ба моҳияти худтатбиқкунӣ ва фаъолияти умумии педагогӣ муҳим аст. Давраи амалӣ ба татбиқи унсурҳои когнитивӣ, иртиботӣ, эмотсионалӣ – арзишмандӣ, рефлексивӣ – баҳодиҳӣ, мотиватсионии мавқеи акмеологӣ мувофиқ меояд, ки ба рӯшди сифатҳои касбӣ – шахсиятӣ ва маҳорати муаллимони оянда равона шудааст. Ин раванди таълимӣ аз ҳамкории таълимӣ – педагогии донишҷӯ ва омӯзгор – донишҷӯ ва хонанда, байни донишҷӯён, ки ҳар кадоми онҳо аз фаъолнокии хеш хабар медиҳад, вобаста аст. Фаъолнокии донишҷӯён дар раванди таҳсил бо сатҳи баланди мотиватсия, талаботи бошууронаи аз худ кардани донишу маҳоратҳо тавсиф меёбад, аз ин рӯ, барои фаъолгардонии кори онҳо зарур аст шаклҳои махсуси ташкилӣ – фардӣ (ЭСС, маслиҳат додан, тренингҳо, лоиҳаҳо ва дигарон) ва гурӯҳӣ (бозиҳои таълимӣ, конференсияҳо, конкурсу мусобиқаҳо, мубоҳисаҳо ва дигарон), ки қисми таркибии дастгирии психологӣ – педагогии донишҷӯ ба ҳисоб мераванд ва метавонанд ҳамчун шакл ва метод баромад намоянд, аз худ карда шавад.

Дар ин маврид ба воситаҳои махсуси супоришҳои шиноскунанда, вазифаҳои педагогӣ ва иҷрои машқҳои касбӣ, ки дар асоси онҳо мазмун ва лаҳзаҳои проблемавии раванди таълиму тарбия дар мактаб таъин мегардад, аҳамияти калон дода мешавад.

Дар марҳилаи амалӣ аз ҳисоби васеъ истифода бурдани силсилаҳои фанҳои психологӣ – педагогӣ, методӣ ва таҷрибаомӯзии педагогӣ татбиқи донишҳои назарӣ ва амалӣ таъмин гардида, сифатҳои касбию шахсӣ ва маҳоратҳои омӯзгорони оянда дар ҳалли вазифаҳои педагогӣ ташаккул ёфта, ҷараёни худтакмилдиҳӣ зимни доираи педагогии “акме” ба вуҷуд меояд.

Қисмати ниҳоии амсилаи мазкурро назоратӣ, баҳодиҳӣ ташкил кард, ки аз атестатсияи сифати азхудкунии дониши ҳамгироии меъёрҳои ташаккули мавқеи акмеологӣ ва ташаккули маҳоратҳо доир ба ҳалли вазифаҳои касбӣ иборат мебошад. Ҳадафу муҳтавои он аз ташаккулу рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар сатҳи "акме" –и хурд ба ҳисоб меравад.

Дар ин давра диққати асосӣ ба тамаркузи ҳолатҳои проблемавӣ, ки бо муҳимияту истифодаи маҳоратҳо барои комёбшавӣ ба фаъолияти касбӣ дода мешавад, алоқаманд буда, маҳоратҳои мувофиқи худбаҳодиҳӣ ташуккул ёфта, манфиатҳои шахсӣ ҳавасманд ва имконияту талаботи донишҷӯён такмил меёбад. Инҳо маҳоратҳоеанд, ки барои ҳалли вазифаҳои касбӣ ва сифатҳои муайянкунандаи мавқеи акмеологӣ мусоидат мекунанд ва дар ин маврид равиянокии аниқи рӯйоварии амалеро таъмин месозанд. Рефлексия, ҳамчун раванди худмаърифатии субъективии ҳолатҳои ботинӣ, қисми муҳими таркибии ташкили таҷрибаомӯзии субъективӣ мебошад. Дар ин давра инкишофи бошиддати рефлексивӣ, худназораткунӣ ва худбаҳодиҳӣ ба вуҷуд меояд. Ин дар натиҷаи гузаронидани шаклҳову методҳо ва воситаҳои таълимӣ-тарбиявӣ ба даст меояд.

Самароникии ин марҳилаи амсила гузаронидани мониторинги ташаккули мавқеи акмеологӣ ба шумор меравад, ки дар ин ҷараён мо сатҳу дараҷаи онро муайян карда, инкишофи минбаъдаашро онро пешгӯӣ намудем. Маҳорати мавқеи касбии акмеологӣ - ин раванду ҷараёни мураккаб ва серпаҳлу буда, дар ҳамаи давраҳои таҷрибаҳои педагогӣ корҳои бонизоми ҳадафмандро талаб мекунад.

Дар шароити имрӯза масъалаи санҷишу баҳогузории мавқеи акмеологии донишҷӯёни синфҳои ибтидоӣ пурра ва кифоя мавриди омӯзишу таҳқиқот қарор нагирифтааст. Асосноккунии меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккул, инчунин усулҳои ташхиси дараҷаи рушди вай

аз назари муҳаққиқон ғофил мондааст. Вале талабот ба сатҳи баланди он ишораву нишон дода шудаанд.

Муайяну ҷудо намудани меъёрҳо, дараҷаву сатҳ ва нишондиҳандаҳои мавқеи акмеологӣ ва салоҳиятнокии донишҷӯён- омӯзгорони оянда мавриди таҳқиқ ва омӯзиши муҳаққиқон О.А. Абдуллина, Т.В. Амеличенко, Т.И. Баншикова, В.Г. Бочарова, Р.Гурина ва дигарон қарор гирифтааст.

Муайяну равшан кардани сатҳи ташаккули мавқеи акмеологии касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ бо назардошти меъёрҳо ва нишондиҳандаҳое, ки мо дар рафти таҳлили адабиётҳои илмӣ ба даст оварда будем, гузаронида шудаанд.

Меъёрҳо – ин ифоданокии нишондиҳандаву аломатҳои баҳо додани ҷанбаҳое, ки ҳангоми дар ҷараёни мушоҳидаи иҷрои супоришҳо ё бо роҳи таҳлили натиҷаҳои мавҷуда муайян мешаванд. Онҳо як қатор аломатҳоеро пешбинӣ мекунанд, ки мумкин аст аз рӯи онҳо нишондиҳандаҳои меъёрӣ муайян гарданд.

Қабл аз он, ки ба кушодани меъёрҳои ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён шурӯъ намоем, лозим аст, ки  аҳамияти натиҷа ва самараи меҳнати ҷамъиятӣ – педагогии омӯзгор, обурӯи вайро дар соҳаи мушаххаси донишу фаъолият ба асос гирем. Аз ин лиҳоз, мумкин аст ба таври умумӣ меъёрҳоро ҳамчун донишҳои психологӣ – педагогии васеъ ва амиқе , ки барои ташаккули пойгоҳи қобили қабули қарорҳои касбӣ; дигаргунсозии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои мавҷуда дар роҳҳои амалисозии фаъолияти касбӣ; устувории ҳамкории акмеологӣ; ҳамгироии тасаввуроти арзишӣ доир ба мавқеи акмеологӣ ва сатҳи назариявии донишҳои психологӣ – педагогӣ тасаввур кард.

Мо инчунин дараҷаву сатҳи ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоиро аз рӯи нишондиҳандаҳо: паст – нишондиҳандаи ифодаи суст; миёна – ифодаи нокифоя; баланд – ифодаи

равшан ҷудо намудем, ки дар марҳилаҳои минбаъдаи таҳқиқоти омӯзишӣ – таҷрибавӣ истифода бурда шуданд.

Имкониятҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ дар ташаккулу рушди мутахассис ниҳоят бузург аст. Бо вуҷуди ин, то имрӯз баъзе масъалаҳо, мисли ба лоиҳа даровардани барномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ, арзёбию баҳодиҳии фаъолияти донишҷӯён дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ ва фароҳам овардани шароитҳои педагогӣ назару андешаи тоза, муносибатҳову таҳқиқоти ҷадидро тақозо доранд. Дар ин маврид ба андешаи олимони рус розӣ мешавем (Ю.К. Бабанский, Г.И. Вергелес, М.Е. Дуранов, Ю.П. Соколников ва ғайра) қайд мекунанд, ки ҳар гуна низоми педагогӣ танҳо зимни риояи шароитҳои дахлдор бомуваффақият амал карда метавонад.

Дар луғати фалсафӣ қайд мегардад, ки шароит он муҳит, ҳолатеро ташкил медиҳад, ки дар он ин ё он падида ё раванд ба вуҷуд меояд, арзи ҳастӣ мекунад, рушд меёбад [197]. Ҳамзамон, ба падидаҳо ва ҷараёнҳо таъсир расонида, худи шароитҳо зери таъсири онҳо қарор мегиранд. Дар луғати С. И. Ожегов шароит "ҳолатест, ки аз он ягон чиз "вобастааст" [191, с. 671]. Дидактикаи муосир "шароит"- ро чун маҷмӯи омилҳо, қисмҳои раванди таълим, ки муваффақияти таълимро таъмин менамояд, шарҳ медиҳад.

А. Я. Наин шартҳои педагогиро чун маҷмӯи имкониятҳои объективии мазмун, шаклҳо, методҳо, воситаҳои таълиму тарбия, инчунин муҳити моддӣ-маконӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои педагогии гузошташуда равонааст, муайян мекунад [118]. В. И. Андреев шартҳои педагогиро чун "ҳолати раванди таълим, ки натиҷаи интихоби мақсаднок, корбурди унсурҳои мазмун, методҳо (усулҳо), инчунин шаклҳои ташкили таълим барои бадастории мақсадҳои муайяни дидактикӣ мебошанд, маврди баррасӣ қарор медиҳад" [13, с. 5].

Азбаски рушди мавқеи акмеологиро мо чун ягонагии субъективӣ ва объективӣ, дохилӣ ва берунӣ, моҳият ва таъсир, имконпазирӣ ва зарурӣ муайян мекунем, пас дар доираи таҳқиқот мо шароитҳои педагогиро чун маҷмӯи омилҳои субъективӣ ва объективӣ баррасӣ менамоем. Татбиқи шароитҳои педагогӣ ба муаллими оянда имкон медиҳад, ки дар ҳалли гурӯҳи муайяни масъалаҳои педагогӣ гомҳои устувор гузоранд.

Маҷмӯи шароитҳои педагогии рушди мавқеи акмеологии муаллими оянда ба таври зайл муайян мегардад: якум, бо моҳияти муносибатҳои консептуалӣ (бо қоидаҳои асосии онҳо, принсипҳои базавӣ ва ҳоказо); дуюм, бо мазмуни мавқеи акмеологии шахсият. Бинобар ин, мо маҷмӯи шароитҳои педагогиро чунин ҷудо намудем: педагогӣ – амплификатсияи фанҳои сиклҳои психологӣ-педагогӣ, фаннӣ-методӣ ва таҷрибаомӯзии педагогӣ; психологӣ-педагогӣ, ташкили майдони педагогии “акме”-и коллективӣ; мотиватсияи баланди муваффақият; саъю кӯшиши донишҷӯ ба ташкил додани сифатҳои шахсиятӣ ва маҳоратҳои касбӣ, ки дар натиҷаи истифодаи шаклҳо, методҳо, воситаҳо ва технологияҳои гуногуни таълим татбиқи худро меёбанд.

Васеъкунии доираи фарогирии  фанҳои психологӣ-педагогӣ, фаннӣ-методӣ ва таҷрибаомӯзии педагогӣ ба камшавии “фосила” байни назария ва амалия мусоидат менамояд, чунки маҷмӯи методҳои таълимӣ ва усулҳои амалии истифодашаванда ба рушди мавқеи акмеологӣ, ки бо функсияҳои зиёди худтатбиққунии касбӣ-шахсиятии донишҷӯ (мотиватсионӣ, зеҳнӣ, рефлексивӣ ва ҳоказо) алоқаманд аст, таъсири ҳавасмандкунанда мерасонанд. Ин функсияҳо паҳнсозӣ, афзоиш, ҷамъкуниро талаб карда, тавсифномаи падидаро пурзӯр месозанд. Аз ин сабаб Л. И. Канин аплификатсияро чун амсилаи вазъияти иҷтимоӣ-педагогӣ ва чун шарти рушди шахсият баррасӣ кардааст. Дар таҳқиқоти муаллифон (С. Н. Бабина, Е. Ф. Бойко, А. Н. Звягин, В. Н. Максимова, А. В. Усова ва дигарон) дар хусуси зарурат ба алоқаи байни фанҳо фикру ақидаҳо баён гардидаанд,

чунки донишҳо дар соҳаҳои гуногуни илм ва ягонагии онҳо азхудкунии омилҳои гуногунро сабуктар месозад. Омӯзиши  фанҳои ҳамгиро дар баланд бардоштани омодасозии амалӣ ва илмӣ-назариявии донишҷӯён нақши муҳим мебозад ва дар он барои ҳалли комплексии масъалаҳои касбӣ поя гузошта мешавад, ки он омили низоми ташаккулдиҳандаи тамоми тарафҳои омодасозии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ мебошад.

Сохтори методологии таҳқиқот ба амалигардонии азнавсозиҳо имкон дод: омӯзиши фанҳои сиклҳои психологӣ-педагогӣ, фаннӣ-методӣ ва таҷрибаомӯзии педагогӣ; ҷамъшавии низомӣ-сохторӣ, омӯзиши байниҳамдигарии  фанҳо, ки дар навбати худ, ба амалигардонии “пуррасозӣ”-и маҳсулнокии таҷрибаомӯзии педагогӣ бо мазмуни нав бо мақсади рушди мавқеи акмеологии донишҷӯ имкон дод.

Яке аз шартҳое, ки ба рушди мавқеи акмеологии муаллими оянда мусоидат менамояд, бунёди майдони педагогии “акме”-и коллективӣ мебошад. Дар ин ҷо дар бораи субъекти  коллективии фаъолияти касбӣ (дастаи корӣ), ки дар марҳилаи касби “акме”-и худ қарор дорад, сухан меравад. Чунончи дастаи корӣ донишҷӯёне мебошанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҷрибаомӯзии педагогиро мегузаранд (аз 2 то 5 нафар). Дастаи корӣ бо маҳоратҳои ҳамдигарро пуррасозанда (маҳорати қабули қарорҳо ва ҳал кардани проблемаҳо, ба роҳ мондани муносибат бо ашхоси дигар ва ҳоказо), ки барои бадастории мақсадҳои умумӣ заруранд, бо нияти ягона ва самаранокии баланд тавсиф меёбад. Дастаи корӣ чун майдони педагогии “акме”-и коллективӣ бо амали якҷояи босуръат ва маҳсулнокии баланд фарқ мекунад.

Масъалаҳое, ки дастаҳои корӣ дар доираи раванди таълим ҳал мекунанд, ба фаъолияти даста таъсири калон расонида, ибтидои кори коллективиро дар амалҳои аъзоёни даста пурзӯр месозанд. Масъалаи ҳал кардани мушкилот мотиватсияи аъзоёни дастаро пурзӯр сохта, ба худташкилдиҳии ниҳоӣ оварда мерасонад. Ҳалли самарнок, мукофот,

эътироф ва таърифу тавсифро ба бор меорад. Ҳавасмандиҳои истифодашаванда мотиватсия ва қаноатмандии донишҷӯёнро баланд мебардорад, ки дар навбати худ, ба самаранокии амалии онҳо таъсир мерасонад.

Ба рушди майдони педагогии “акме”- и коллективӣ муҳити таълимӣ низ таъсир мерасонад. Дар он ба муттаҳидӣ, ба муваффақият ва дастовардҳои калони касбии омӯзгорон диққати асосӣ дода мешавад, мустақилиятнокӣ ва фаъолнокӣ якҷоя бо шаклҳои даставии меҳнат, ки ба рушди “акме”-и гурӯҳӣ ва самаранокии фаъолияти дастаи корӣ мусоидат менамояд, эътироф мегардад.

Маҳсулнокии фаъолияти дастаи корӣ бо иқтидори эҷодӣ ва қобилияти худинкишофдиҳии ҳар як иштирокчӣ, бо дарки мавқеи худ дар муҳити таълимӣ, бо ҳисси масъулияти калони коллективӣ ва инфиродӣ алоқаи зич дорад.

Ҳамин тариқ, дастаи кориро чун субъекти фаъолияти муштараки касбӣ, чун майдони “акме”-и коллективӣ, маҳорати ҳалли масъалаҳои касбиро бошад, чун ифодаи мушаххаси он баррасӣ кардан мумкин аст.

Муваффақияти шахсияти рушдёбанда аксаран аз қобилияти худтатбиқкунӣ, худмуҳимгардонӣ, худтакмилдиҳӣ, худинкишофдиҳӣ, ки пояи инҳо дар раванди тадриси муассисаи таълимӣ гузошта мешавад, вобастааст.

Худташкилдиҳии касбӣ раванди бошуурона ва мақсадноки баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии касбии худ ва рушди сифатҳои муҳими касбӣ мувофиқи талаботи берунии иҷтимоӣ, бо шароитҳои фаъолияти касбӣ ва барномаи шахсии рушд мебошад [139]. Асоси ин равандро механизми психологии бартарафсозии мунтазами ихтилофоти дохилӣ байни сатҳи мавҷудаи кордонии касбӣ (“Ман – воқеии касбӣ”) ва вазъи тахайюлии он (“Ман – идеалии касбӣ”) ташкил медиҳад. Дар шуур шахсият ва “Ман”-и ӯ, рақобати ӯ бо афкори ҷамъиятӣ, инчунин номувофиқатӣ

байни “Ман -консепсия” ва тасаввурот дар бораи “Ман”-и идеалӣ, ки худбаҳодии мувофиқро дорост, таносуб дорад ва инсонро ба рушди шахсиятӣ ва касбӣ водор менамояд (70). Яке аз вижагиҳои “Ман - консепсия” - “ҳисси эҳтироми шаъну шарафи худ мебошад, ки ба дастовардҳо, пеш аз ҳама, дар соҳаи касбӣ асос ёфтааст” [36]. Бинобар ин, муаллими оянда вижагиҳои муҳими касбию шахсиятӣ, ваҷҳҳои худро бояд дарк кунад, то ин ки онҳоро дар фаъолияти таълимӣ ва баъдан дар фаъолияти касбӣ нишон диҳад.

Ғояи “худ” дар аксари консепсияҳои рушди шахсиятӣ (А. Маслоу, К. Роҷерс, Э. Фромм, В. П. Зинченко, К. А. Абдулханова-Словская ва дигарон) ҷой дорад. Ба инсон талабот ба худинкишофдиҳӣ, худтакмилдиҳӣ, ки дар А. Маслоу [109] чун саъйи доимӣ ба ягонагӣ, ҳамгирой тавассути муҳимгардонии иқтидору қобилиятҳои худ пешниҳод гардидааст, хос мебошад. Азбаски татбиқи талаботи олӣ, маънавӣ-худмуҳимгардонӣ қабл аз қонеъсозии талаботи иҷтимоӣ – ба эътироф, эҳтиром, ба талаботи худтакмилдиҳӣ меояд, пас, яқин аст, ки барои азхудкунии ин арзишҳо инсон бояд қобилияти бадасторнии натиҷаҳои беҳтаринро дар фаъолияти касбӣ нишон диҳад. Ин, бешубҳа бо проблемаҳои рақобату бартарӣ, ки барои ҳалли онҳо муносибати маҳсулнокӣ эҷодӣ зарур аст, алоқаи зич дорад. Натиҷаи баромад аз доираи мушкилот, ки моҳияти онҳо дар зарурати бартарафсозӣ (ихтисор) - и фосила байни имкониятҳои воқеии инсон ва натиҷаи интизоршавандаи идеалӣ ниҳон асту инро вазъияти проблемавӣ талаб мекунад, такмил мебошад. Агар вазъияте, ки тағйиротро талаб мекунад, ба мукаммалияти шахсият, тимсоли мусбии “Ман” таҳдид намояд, он бо стресс ҳамроҳ гашта метавонад. Дар ин ҳолат механизмҳои копинг, ки ба бартарафсозии оқибатҳои барои мутахассис номусоиди фишори руҳӣ равонаанд, ба кор медароянд. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки копинг ба ҳалли проблемаҳо равонааст ва ҷузъи ҷудонашавандаи шахсияти аз ҷиҳати

акмеологӣ рушдёбанда мебошад, зеро ки механизми копинг дар дарёфти тарзҳои фаъолияти шахсият ба сифати субъекти созанда, дарккунанда ва таҷдидсозандаи олами атроф ифода меёбад.

Ба андешаи А. Адлер [7], инсон низоми мақсаддор мебошад, яъне ӯ ба мақсади худсобиткунӣ қувваҳои табиии худро сарф мекунад, аммо ин талабот на ҳамеша ба пуррагӣ қонеъ мегардад. Ба ин ҳисси номукаммалии шахс монеа гашта метавонад, агар ӯ дурудароз ҳис кунад, ки аз уҳдаи бартарафсозии мушкилоти ҳаётӣ намебарояд. Ва баръакс, талабот ба худтакмилдиҳӣ дар натиҷаи азсаргузаронии таҷрибаомӯзии мусбии бартарафсозии монеаҳо ва дар асоси хоҳиши такрори чунин таҷриба рушд меёбад. Илова бар ин, ҳисси қаноатмандӣ, ки бо бартарафсозии мушкилот ҳамроҳ мегардаду ба ҳисси қувваи шахсӣ табдил меёбад ва аз тарафи шахсият чун арзиши махсус азхуд мешавад, ба ташаккули мақсадноки талабот ба худтатбиқкунӣ дар сатҳи баландтар, яъне дар шахсият рушд додани аломатҳои акмеологӣ имкон медиҳад.

Сатҳи баланди мотиватсия ба ташаккули бомуваффақияти фаъолияти таълимӣ-амалӣ кафолат медиҳад. Мотиватсия вазифаи танзимкунандагиро иҷро мекунад ва ба рушди фаъоли шахсият кӯмак мерасонад. Ин дар муътақидӣ ба зарурати худтакмилдиҳӣ зоҳир мегардад. Мотиватсияе, ки онро худи раванди таълим ташаккул медиҳад, ба сафарбарии захираҳои рушди психикӣ имкон медиҳад. Бинобар ин, агар мотиватсияро идора накунем, барои ташаккули он мақсаднок чора наандешем, таназзули мотиватсия, пастшавии сатҳи он ба вуҷуд меояд, ваҷҳҳо таъсирнокии худро гум карда метавонанд. Ин аксар дар ҳолате рӯй медиҳад, ки донишҷӯ ба шароити нави таҷриба афтида, дар баробари таҳсилоти умумӣ ба азхудкунии маҳорату малакаҳои касбӣ мегузарад. Донишҷӯ ҳисси ҳузури идоракунии берунии мақсадноки ҷанбаи мотиватсионии фаъолияти таълимиро гум мекунад. Раванди таълим барои ӯ тамоюли дутарафаро касб менамояд: ба омӯзиш ва ба меҳнати касбӣ (О. С. Гребенюк). Аз ин

сабаб муҳаққиқону омӯзгорон қайд мекунанд, ки мотиватсия натанҳо категорияи психологӣ, балки як қисми раванди таълим мебошад. Шарҳи когнитивии сабабҳо чун қисми фаъоли ҷараёни мотиватсия зоҳир гардида, ба рафтори субъект таъсири ҳалкунанда мерасонад. Ҳамин тариқ, масъалаи ташаккули талаботи худтакмилдиҳӣ ва рушди мунтазами мавқеи акмеологиро ба сифати ваҷҳи афзалиятноки шахсият бо воситаҳои таълимӣ ҳал кардан лозим аст.

Таҳқиқоти мо ба ғояҳои акмеология чун илм дар бораи фатҳи қуллаҳои касбӣ-ҳаётӣ ва дар ин роҳ баромад аз бухронҳо, ки бо пешгирии таназзул алоқаманданд, дар бораи таҳияи рафтори акмеологӣ (устуворӣ дар фишорҳои руҳӣ, боварӣ, амалу рафторҳои аз лиҳози ҷамъиятӣ муҳим ва ғайра) асос меёбад. Аз ин рӯ, зимни рушди мавқеи акмеологӣ ба принсипҳои зерини акмеологӣ такя кардан зарур аст: фаъолнокӣ (нақши бартаридоштаи субъект дар муайянсозии ҳаракат ба сифати кордонии касбӣ), маҷмӯи (нигаронӣ ба ҳамгироии донишҳо дар бораи сифатҳо, хусусиятҳои гуногуни инсон), системанокӣ (омӯзиши яклухти объект, ки аз унсурҳои гуногуни ба ҳам алоқаманд таркиб ёфтааст) субъектӣ (мустақилияти калони озод ва фаъолнокӣ зимни интихоби мақсадҳо), муайянсозии шахсият (муайянкунии шартҳои дохилӣ, ки ба худинкишофдиҳӣ водор менамоянд), гуманизм (равонасозӣ ба манфиатҳои инсон, рушди прогрессивии шахсӣ ва касбии ӯ) .

Тафсири муосири илмии муносибати шахсиятӣ-фаъолиятӣ муҳимияти онро дар алоқа бо масъалаҳои акмеологии омодасозии касбӣ дар низоми таҳсилоти олии педагогӣ ва берун аз доираи он (А. А. Бодалев, А. А. Деркач, Н. В. Кузмина ва дигарон) маънидод мекунад.

А. А. Бодалев вазифаҳои асосии акмеологияро аввалин шуда ба низом даровард: муайянсозии сифатҳое, ки дар марҳилаҳои гуногуни рушди шахсият бояд ташаккул ёбанд ва ба муваффақият оварда расонанд; таҳқиқи имкониятҳои шахсият дар омӯзиши таҷрибаомӯзии ҳаматарафа ва

пешниҳоди он дар фаъолияти гуногун; омӯзиши дастовардҳои калон дар шароити кор дар коллектив; бунёди воситаҳои методӣ барои таҳқиқи “акме”- и инсон; таҳқиқи механизмҳо ва омилҳо, ки ба рушди шахсият таъсир мерасонанд ва монанди инҳо [24].

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ вазифаҳои акмеологиро, ки ҷанбаи педагогӣ доранд, чун алгоритми рушди шахсиятӣ-касбии шахсият ва дарки мавқеъ чун “ҳамгиросозии муносибатҳои бартаридоштаи интихобиии инсон дар ягон масъалаи барои ӯ асосӣ” (В. Н. Мясищев) баррасӣ намуда, мо қисмҳои зерини мавқеи акмеологиро чун падидаи педагогӣ муайян кардем: когнитивӣ, эмотсионалӣ - арзишнокӣ, рефлекисвӣ - баҳодиҳӣ, иртиботӣ - мотиватсионӣ.

Қисми когнитивӣ бо таҳияи стратегияи ҳалли масъалаҳои касбӣ дар соҳаи маориф муайян гардида, ба таъмини азхудкунии донишҳои назариявӣ, ки бо мақсадҳои фаъолияти педагогӣ худтатбиқсозии касбӣ – эҷодӣ алоқамандананд, нигаронида шудааст. Дар сатҳи шахсиятӣ қисми мазкур дар равонасозии ифоданок ба инкишофи зеҳнӣ, баланд бардоштани фаъолнокии маърифатӣ, худомӯзӣ, дарки фаъолияти касбии муаллими оянда зоҳир мегардад. Дар сатҳи касбӣ қисми когнитивӣ дар тамоюли муаллимони оянда ба гуманисозии раванди педагогӣ, равонасозӣ ба тафаккури педагогӣ зуҳур меёбад.

Қисми эмотсионалӣ-арзишнокӣ арзишҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ асосноки шахсӣ ва принсипҳои фаъолияти педагогӣ, мавқеъҳои бартаридоштаро муайян намуда, мақсадгузории касбӣ (дарки мақсадҳои иҷтимоӣ-педагогӣ), майлу рағбат ба раванд ва мазмуни фаъолияти педагогӣ, саъю кӯшиш ба рушди сифатҳои касбӣ-шахсиятии худ, омодагӣ ба фаъолияти эҷодии касбӣ ва ғайраро дар бар мегирад [94]. Қисми мазкур дар арзишҳои худмуҳимгардонӣ ва худсозандагӣ, ки ба онҳо А. Маслоу ҳақиқат, некӣ, зебоӣ, адолат, мукаммалӣ, эҷодиётро мансуб медонист, зоҳир мегардад.

Саъю кӯшиш ба худтакмилдиҳӣ ба сӯи арзишҳои олии умумибашарӣ, баланд бардоштани сифатҳои фаъолияти касбӣ равона аст.

Қисми рефлекисвӣ-баҳодиҳӣ дарки сатҳи натиҷаҳои фаъолияти шахсӣ, омодагӣ ба интиқоли таҷрибаомӯзии худ ва ҳамкоронро дар бар мегирад.

Рефлексия дарк ва таҷдиди қолабҳои тафаккур ва бартарафсозии эвристикии онҳоро то ташаккули мазмуни нав (креативӣ-инноватсионӣ)-и шуур дар бар мегирад. Чунин навъи қобилиятҳои рефлексивӣ ба шакли инфиродӣ (зимни ҳалли мустақилонаи масъалаҳои эҷодӣ), инчунин ба шакли муколамавӣ ва гурӯҳӣ (зимни баҳсҳои муштарак ва ҳамкориҳои донишҷӯён дар вақти таҷрибаомӯзии педагогӣ) рушд меёбанд. Ҳамзамон, намудҳои гуногуни рефлексия тафриқагузорӣ карда мешаванд: зеҳнӣ, шахсиятӣ, иртиботӣ, кооперативӣ, экзистенсионалӣ, фарҳангӣ. Рефлексияи зеҳнӣ фаъолияти когнитивӣ, рефлексияи шахсиятӣ рафтори инфиродиро дар вазъиятҳо, рефлексияи иртиботӣ муоширати байнишахсӣ, рефлексияи кооперативӣ фаъолият, рефлексияи экзистенсиалӣ худмуайянкунии ҳаётӣ ва бунёди онро таъмин менамоянд (И, К. Семёнов).

Барои муваффақияти фаъолияти эҷодии муаллими оянда ва бадастории акмеи ӯ натанҳо азхудкунии тамоми намудҳои рефлексия, балки рушди ҳамкориҳои муносиби онҳо низ муҳим аст. Барои он бо шарофати муҳити рефлексивӣ-инноватсионӣ ҳангоми таҷрибаомӯзии педагогӣ тавассути методҳои суръатноки хусусияти бозӣ ва саргармкунандадошта имкониятҳои рефлексиявӣ-эҷодии донишҷӯ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Қисми иртиботии мавқеи акмеологии муаллими оянда ба рушди равандҳои персептивӣ, таҳияи мазмуни умумӣ дар раванди фаъолияти муштарак ва муошират зимни интиқоли иттилоот, ташкили стратегияҳои муносиби ҳамкориҳои донишҷӯён бо ҳамкурсон, бо муаллимон, бо хонандагон, бо маъмурияти МТМУ, эҳтироми худ ва дигарон, фароҳам овардани фазои мусоиди психологӣ, ташаккули услуби фаъолияти

педагогӣ равона аст. Карахт ва дамдузд набудан дар муоширaт қувваи корӣ ва руҳияи инсонро хеле баланд мебардоранд, ба фатҳи қуллаҳои нав ва ноилгардӣ ба мақсадҳои гузошташуда имкон медиҳанд.

Қисми муҳимтарини сохтори мавқеи акмеологӣ мотиватсия мебошад ва бе он, ки ҳавасмандии дохилӣ ҳисоб меёбад, ташаккули мақсадҳое, ки ба фаъолият мазмуну самти муайян медиҳанд, имконнопазир аст. Қисми мотиватсионӣ мотиватсияи дастовардҳо, худмуайянкунӣ, далерии иҷтимоӣ, талабот барои бадастории муваффақиятро дар бар гирифта, чун самтнокии усутвори касбӣ ифода меёбад.

Чунин шароитеро бояд фарҳам овард, ки он инсонро бо дарназардошти талабот, манфиатҳо ва ҳавасмандиҳои ӯ ба амал кардан водор намояд. Барои ин дастгирии психологӣ-педагогии донишҷӯ, ки ба ӯ баҳри кори эҷодӣ ва бадастории муваффақият имкон медиҳад, бояд амалӣ гирдонида шавад.

Мотиватсияи дастовардҳои касбӣ дар доираи мавзуи таҳқиқоти мо, пеш аз ҳама, бо саъю кӯшиш ба муваффақияти касбӣ, нигаронӣ ба натиҷаҳои баланд дар фаъолияти худ ва фаъолияти таълимгирандагон, бо талабот ба худтатбиқсозии эҷодӣ муайян мегардад. Мотиватсия омили ҳалкунандаи натиҷанокии фаъолияти муаллими оянда буда, талаботи ӯро ба худифодакунӣ (меҳнатдӯстӣ, бадастории натиҷаҳои хуб дар фаъолият) муайян менамояд.

Рушди мавқеи акмеологӣ чун сифати шахсият ва сифати касбии мутахассиси оянда дар фазои МТОК, вақте ки худогоҳии шахсӣ ва касбии донишҷӯ ҷараён мегирад, мегузарад. Дар натиҷаи он маҳоратҳои муҳими касбӣ, ки барои муаллим дар ҳалли масъалаҳои касбӣ заруранд, ташаккул меёбанд.

Мафҳуми "маҳорат" дар асарҳои Ш. И. Ганелин, А. Н. Леонтев, Е. А. Милерян, В. И. Хоҷаев, Т. И. Шукина ва дигарон шарҳ дода шудааст. Як қатор татқиқот ба омӯзиши маҳоратҳои педагогӣ ва таснифоти онҳо

бахшида шудааст (О. А. Абдуллина, А. П. Акимова, Т.Д. Андронова, С. И. Гусев, С. Б. Элкаков, Т. А. Засобина, Н. В. Кузмина, З. Ф. Леонова, А. К. Маркова, Т. И. Михалевкая, В. А. Сластёнин, В. А. Якунин ва дигарон).

Дар луғати педагогии Г. М. Коҷаспирова маҳоратҳои педагогӣ чун “маҷмӯи фаъолияти амалӣ дар асоси дарки мақсадҳо, принсипҳо, шароитҳо, воситаҳо, шаклҳо ва методҳои ташкили кор бо кӯдакон” баррасӣ карда мешаванд [189, с. 153].

Муносибатҳои муҳиме, ки байни муаллим ва хонанда ба вуҷуд меоянд, бо боварии хонанда ба муаллим, ки дар навбати худ, ба ақидаи Е. В. Андриенко, аз шартҳои зерин вобастаанд, муайян мегарданд. Якум, ин ки муаллим бояд салоҳият дошта бошад. Салоҳиятнокӣ дар он зоҳир мегардад, ки то кадом андоза ӯ фанни худро медонад ва маводи таълимиро озодона азхуд кардааст. Дуюм, муаллим бояд поквиҷдон ва одил бошад, хусусан зимни арзёбии фаъолият ва натиҷаҳои бадастовардаи хонандагон. Сеюм, тамоюли камолоти шахсиятии муаллим, яъне то кадом андоза ӯ ба кӯдакон эҳтиром дорад ва дар фикри рушди сифатҳои онҳо мебошад, муҳим аст.

Н. М. Полетаева қайд мекунад, ки “муаллим ва хонанда дар ҳамкориҳои эҷодӣ қарор дошта, муваффақияти ҳамдигарро дар худтатбиққунӣ, худтакмилдиҳии онҳо, дар рушди иқтидори маънавӣ-ахлоқии шахсияти ҳам хонанда ва ҳам муаллим таъмин менамояд” [133, с. 143].

Ба ақидаи М. М. Левина [90], дар раванди педагогӣ маҳоратҳое зоҳир мегарданд, ки сохтори фаъолияти педагогиро тавсиф медиҳанд:

- дар амалиётӣ-методӣ: мутобиқгардонии қоидаҳои умумидидактикӣ ба фанни мушаххаси таълимӣ; амсиласозии иттилоотии раванди таълим дар робита бо мақсаду стратегияҳои таълим; истифодаи усулҳое, ки таъсиррасонии педагогиро бештар мекунад;

- дар педагогӣ-психологӣ: таҳия ва корбурди технологияҳо, методҳо, усулҳои самараноки таълим; фароҳам овардани шароите, ки фаъолнокии маърифатии дохилиро ҳавасманд мегардонад; ташаккули фаъолияти рефлексивӣ; истифодаи методҳои эвристикии таъсиррасонии педагогӣ;

- дар ташхисӣ: корбурди методикаҳо барои ошкорсозии вазъи раванди таълимӣ-маърифатӣ ва арзёбии самараноки он;

- дар ҷорисозии методҳои худтаҳлилкунӣ, экспертиза, худназораткунӣ дар таҷрибаомӯзии таълимӣ; истифодаи методу усулҳои махсус барои муайянсозии сатҳи азхудкунии мазмуни иттилоотӣ, мафҳумҳои илмӣ аз тарафи хонандагон.

Ҳоло таҷдиди таҳсилоти олии касбӣ ҷараён мегирад ва он аз тамоюли дарки "сифати нави касби педагогӣ, ки чун рушди ҷанбаи касбии омодасозии мутахассисон дар соҳаи маориф ба андозаи таҷдиди вазифаҳои онҳо фаҳмида мешавад, ҷудо нест" [74].

Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти худ мо ба амсилаи салоҳиятнокии педагогикаи муосир (А. П. Тряпетсина ва дигарон) такя кардем. Дар марҳилаи муосири рушди МТМУ дар фаъолияти касбӣ-педагогии муаллим дар баробари функсияҳои анъанавӣ маҷмӯи муайяни функсияҳои нав, ки бо омилҳои иҷтимоӣ-маданӣ асос меёбанд ва аз тарафи муаллими дилхоҳ ихтисос амалӣ мегарданд, ҷудо карда мешавад. Функсияҳои нави фаъолияти касбӣ-педагогии муаллим чун асосӣ, ҳамроҳшаванда ва ҳамтобеъ дарк мегарданд.

Функсияи асосии муаллим кумак ба таълими хонанда буда, дар фароҳам овардани шароит тавассути фаъолияти педагогӣ барои зуҳури мустақилиятнокӣ, эҷодкорӣ, масъулияти хонанда дар раванди таълим ва ташаккули мотиватсияи таҳсилоти муттасил ифода меёбад.

Функсияи кумак ба таълимгирии хонанда дар инҳо зоҳир мегардад: "дар интихоби мазмуни маълумот аз рӯи фан дар асоси ҳамгирошавии ахбороти муаллиму хонандагон, дар такя ба таҷрибаомӯзии пӯшидаи

хонандагон, инчунин ҳамгиросозии байнифаннии донишҳо дар лоиҳаҳои таълимӣ ва иҷтимоӣ:

- дар интихоби технологияи таълимӣ (таълими лоиҳавӣ, татқиқотӣ, рефлексивӣ, рушди тафаккури интиқодӣ, иттилоотӣ - иртиботӣ), ки на танҳо масъалаи азхудкунии мундариҷаи фанро ҳал мекунанд, балки ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мусоидат менамоянд;

- дар ташаккули муҳити озоди таълимӣ, ки маҷмӯи захираҳои таълимро дар бар мегирад ва аз мутобиқати муносибатҳои онҳо фазо ва шароити воқеии таълими мактаббача ба вуҷуд меояд;

- дар интихоби тарзҳои гуногуни арзёбӣ ва баҳисобгирии дастовардҳои хонандагон, андозаҳои гуногуни баҳодиҳанда ва маводҳои баҳодиҳӣ тарзҳои баҳисобгирии дастовардҳо, ки ба ҷараёнҳои худбаҳодиҳӣ (протфолмо, рӯзномаи дастовардҳо, маҷмӯи маҳоратҳо ва ғайра) вобастаанд.

Фароҳам овардани шароите, ки ба таълими хонанда кумак мерасонад, танҳо дар ҳолате имкон дорад, агар муаллим ба дарки тағйиротҳо дар асоси рефлексияи касбии педагогӣ, ки асоси худомӯзии ӯро ташкил медиҳад, омода бошад. Бинобар ин, функсияҳои муаллим, ки ба худамалигардонии рефлексия ва худомӯзӣ равонаанд, чун функсияи ҳамроҳшаванда дарк мегарданд.

Функсияҳои ҳамтобеи фаъолияти муаллим аз инҳо иборат буда метавонанд:

- функсияи балоиҳагирӣ, ки дар фаъолияти муштараки муаллим ва хонанда зимни балоиҳагирии сайрхати инфиродии таълимӣ, ки аз балоиҳагирии шартҳои интихоби таълимии мактаббача иборат аст, зоҳир мегардад;

- функсияи идоракунӣ, ки дар ду самт татбиқ меёбад; иштироки муаллим дар муайянсозии сиёсати таҳсилот дар сатҳи МТМУ ва мамлакат; ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои раванди таълим.

Функсияҳои фаъолияти касбии педагогӣ бо гурӯҳҳои асосии вазифаҳо, ки ба ташаккули салоҳиятнокии базавӣ (умумикасбӣ)-и муаллим нигаронида шудаанд ва барои марҳилаи муосири таҷдиди маълумот хеле муҳиманд, алоқаи ногусастанӣ доранд [74].

Ба гурӯҳи аввали вазифаҳо – дидани хонанда дар фан, ба роҳ мондани сайрхати инфиродии таълимии ӯ мебошад ва ба он маҳоратҳои зерин (дар асоси маҳоратҳои пешниҳодкардаи А. Н. Тряпитсина) мансуб буда метавонанд:

1) маҳорати интихоб карда гирифтани нишондиҳандаҳои азхудкуниии фан мувофиқи хусусиятҳои синусолӣ;
2) маҳорати пайгирӣ намудани саммаранокии азхудкунии хонандагон, ошкорсозии дастоварду мушкилоти онҳо;
3) маҳорати интихоб карда гирифтану истифода бурдани васоити ташхисии омӯзиши хусусиятҳои инфиродии хонандагон;
4) маҳорати дар хонандагон ба вуҷуд овардани мотиватсия ба омӯзиш;
5) маҳорати баҳисобгирии хусусиятҳои психофизиологии хонандагон.

Гурӯҳи дуюми вазифаҳо – фароҳам овардани шароит барои бадастории мақсадҳои таълим аз ҷониби хонанда, ки маҳоратҳои зеринро дар бар мегирад:

1) маҳорати пешниҳод кардани тарзҳои дастгирии педагогӣ, ки ба натиҷаҳои ташхис мувофиқанд;
2) маҳорати таҳия ва амалигардонии тартиботи баҳодиҳии хонандагон;
3) маҳорати таҳияи тарзҳои дастгирии педагогии хонандагон, расонидани кумак ба онҳо барои бартарафсозии мушкилот дар таълим;
4) маҳорати интихоби технологияҳои таълим, ки ба мақсадҳои таълимӣ ва хусусиятҳои синусолии хонандагон мувофиқанд;
5) маҳорати муайянсозии мантиқ ва пайдарпайии кор аз болои маводи нав.

Гурӯҳи сеюми вазифаҳо – муқаррарсозии ҳамкориҳо бо субъектҳои дигари раванди таълим, ки маҳоратҳои зеринро дар бар мегирад:

1) маҳорати ҳамкорӣ бо маъмурияти МТМУ барои ҳалли масъалаҳои касбӣ;
2) маҳорати корбурди шаклҳо ва технологияҳои ҳамкорӣ бо ҳамкорон барои ҳалли масъалаҳои муайяни касбӣ;
3) маҳорати балоиҳагирӣ ва истифодабарӣ аз шаклҳо ва технологияи гуногуни ҳамкорӣ бо волидайни хонандагон мувофиқи вазъи таълимӣ;
4) маҳорати кор кардан дар гурӯҳ;
5) маҳорати ташкил кардани ҳамкории хонандагон байни худ, бо одамони дигар, аз ҷумла бо забони хориҷӣ.

Гурӯҳи чорум – фароҳам овардани муҳити таълимӣ барои хонанда ва истифодабарӣ аз қобилиятҳои ӯ, ки аз имкониятҳои зерин иборат аст:

1) маҳорати истифодабарӣ аз захираҳои иттилоотӣ (масс-медиа, интернет ва ғайра);
2) маҳорати ташаккул додани муҳити фаннии рушдёбанда, ки истифодаи фаъолонаи технологияҳои иттилоотиро пешбинӣ менамояд;
3) маҳорати истифодабарии захираҳо ва иқтидори низоми маориф дар раванди таълим;
4) маҳорати ташкил кардан ва истифода бурдан аз муҳитҳои гуногуни таълимӣ дар дохили МТМУ барои ҳалли масъалаҳои мушаххаси педагогӣ.

Гурӯҳи панҷуми вазифаҳо – балоиҳагирӣ ва амалигардонии худомӯзии касбӣ, ки маҳоратҳои зеринро дар бар мегирад. Ташаккули низоми маҳоратҳо давра ба давра мегузарад. Дар ҳар як давра на гурӯҳҳои алоҳидаи маҳоратҳо, балки низоми сатҳу мундариҷаи гуногуни онҳо ташаккул меёбанд. Дар давраи ибтидоӣ тамоми донишҷӯён ба омӯзиши шахсияти мактаббача, шинос кардани онҳо бо номгӯи маҳоратҳои касбӣ ва баровардани қарордод ба азхудкунии ин маҳоратҳо машғуланд. Дар

давраи асосӣ донишҷӯён донишҳои бунёдиро, ки асоси назариявии маҳорату малакаҳои умумипедагогӣ мебошанд, азхуд мекунанд, аз низоми маҳоратҳо дар раванди машғулиятҳои таълимӣ ва таҷрибаомӯзии муттасили педагогӣ амалан истифода мебаранд. Дар давраи ниҳоӣ ҷамъбасткунӣ, банизомдарорӣ, мустаҳкамкунӣ ва амиқсозии маҳорату малакаҳои умумипедагогӣ дар раванди машғулиятҳо ва таҷрибаомӯзии педагогӣ рӯй медиҳад. Ташаккули ин ниҳод ба дарки аниқи мақсадҳо, вазифаҳо, мазмун, тарзҳо ва усулҳои фаъолияти педагогӣ асос ёфтааст. Ба ташкили ин раванд ҳам таҷрибаомӯзии тодонишгоҳии фаъолият ва ҳам таҷрибаомӯзии баъдидонишгоҳӣ таъсир мерасонад [4].

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи донишҷӯён доир ба азхудкунии маҳоратҳои касбии дар боло номбаршуда дар зербоби 2.3, пешниҳод гардидааст. Дар раванди ташаккули маҳоратҳои касбии педагогӣ, ба андешаи Н. М. Черкасзода, нақш ва аҳамияти таҷрибаомӯзии педагогӣ хеле меафзояд ва он “давраи асосӣ ва баъзан асосӣ дар ташаккули маҳорати педагогӣ” мебошад. Ба ақидаи Н. М. Черкасзода ҳамчунин И. А. Колесникова ҳамфикр аст. Ба ақидаи ӯ, “зуҳури маҳорат ва эҷодкорӣ дар фаъолияти донишҷӯёни донишгоҳҳо аллакай дар давраҳои ибтидоии таълим имкон дорад” [73, с. 74]. А. И. Пискунов нуқтаи назари дигаре дорад. Ба андешаи ӯ, “донишгоҳҳои омӯзгорӣ устодони маҳорати педагогиро бароварда наметавонанд, аммо вазифаи аввалиндараҷаи онҳо мусаллаҳсозии донишҷӯён бо чунин донишҳо ва маҳоратҳо, рушди чунин сифатҳои шахсият дар онҳо, ки дар муддати кӯтоҳ мутобиқшавӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ, ба азхудкунии амалии асрори касб ва ниҳоят ба устодшавӣ имкон медиҳанд” [129, с. 82-83].

А. Н. Мордкович низ чунин меҳисобад, ки МТОК омӯзгори кордонро ба пуррагӣ тайёр карда наметавонад, аммо барои ба итмом расонидани ташаккули омӯзгори моҳир дар фаъолиятиояндаи педагогӣ заминаҳои

заруриро бояд муҳайё созад. Табиист, ки ин захираҳоро асосҳои маҳорати касбӣ меноманд” [115, с. 26-27].

И. Ф. Хорламов дар кордонии касбии омӯзгорӣ зинаи ибтидоиро, ки базавӣ мебошад, ҷудо мекунад. Зери ин маҳорати педагогӣ азхудкунии кофии низоми маҳорату малакаҳои муҳимтарини таълимӣ ва тарбиявӣ аз тарафи муаллим фаҳмида мешавад ва он ба омодасозии назариявӣ ва амалие такя мекунад, ки дар муассисаҳои таълимӣ таъмин мегардад ва дар МТМУ такмили худро идома медиҳад [175].

Рушди мавқеи акмеологӣ аксаран рақобатпазирии омӯзгор, ташаккули муваффақияти касбӣ ва иҷтимоии ӯро асоснок менамояд [18]. Ин раванд дар ҳолате самаранок ҷараён мегирад, ки дар муаллими оянда сифатҳои зерини касбӣ-шахсиятӣ ташаккул меёбанд: иртиботӣ, ассертивӣ, фаъолнокӣ, маҳорати дар назди худ ва дигарон гузоштани мақсадҳои аниқ, маҳорати тавъам сохтани худ бо кори иҷрошаванда, мустақилиятнокӣ, масъулияти шахсӣ, таҳаммулпазирӣ, фаъолнокии иҷтимоӣ, устувории руҳӣ, талабот ба худинкишофдиҳӣ, нотамомии принсипиалӣ ва муттасили худсозандагӣ, озодӣ, ки ба масъулият ҳамроҳ мегардад.

Дар таҳқиқоти мо чун сифатҳоро, мисли иртиботӣ ва ассертивӣ, ки дар онҳо мавқеъҳои бартаридошта инъикос ёфтаанд ва мавқеи акмеологиро ташкил медиҳанд, муфассал баррасӣ менамоем. Ба андешаи Г. М. Коҷаспирова, сифатҳои шахсият ин “маҷмӯи тамоми қисмҳои иҷтимоӣ ва биологӣ асосёфтаи шахсият мебошад ва рафтори ӯро дар муҳити иҷтимоӣ ва касбии қаблан муайян мекунанд” [189, с. 56].

Сохтори сифатҳои муҳими касбӣ бояд ба сохтори шахсият мувофиқ бошад. Аз рӯи амсилаи чорсатҳаи сохтори таҳаррукии функсионалии шахсияти К. К. Платонов [193], ба ҳар як зерсохтори амсила (хусусиятҳои биопсихикӣ, функсияҳои психикӣ, таҷриба ва самтнокӣ) гурӯҳи муайяни сифатҳои муҳими касбӣ мувофиқ аст. Барои омӯзгорони оянда аз ҳама муҳим сифатҳое мебошанд, ки ба зерсохторҳои самтнокӣ ва таҷрибаомӯзии

шахсият, ки дар таълиму тарбия рушд меёбанд, мувофиқанд. Иртибот чун қобилияти муқаррарсозӣ ва нигоҳдории алоқаҳои зарурӣ бо субъектҳои дигари раванди педагогӣ инҳоро дар назар дорад: аз ҷиҳати психологӣ дуруст ва асоснок муошират кардан; нигоҳ доштани муошират ва ҳавасманд гардонидани фаъолнокии хонанда; дуруст муайян кардани "нуқта" тамомшавии муошират; пешгӯӣ намудани роҳҳои имконпазири рушди вазъи иртиботӣ, ки дар он муошират ҷараён мегирад ва ғайра. Иртибот ба муқаррарсозӣ ва нигоҳдории робитаи эмотсионалӣ ва корӣ, муошироти беихтиёрӣ, шунидану фаҳмидани шарики муошират барои ҳамкорӣ бо ӯ, ба интихоби услуби шахсии фаъолияти педагогӣ имкон медиҳад.

Ба ақидаи С. Б. Элканов, маҳорати фаҳмидани шахси дигар чунин маҳоратро, мисли "амсиласозии вазъи психикии шахсияти ҳамсуҳбат" [58, с. 88] дар бар мегирад. Ӯ дар раванди азхудкунии воситаҳои иртиботии педагогӣ се давраро ҷудо мекунад:

- дар давраи якум қобилияти рефлексивӣ, дарки рафтори худ дар муошират, фарққунии мазмун ва техникаи муошират, ҳолати дохили шахсият ва зуҳуроти берунаи ӯ рушд меёбад. Ошкорсозӣ ва таҳлили норасоиҳои муошироти худ шартҳои муҳими худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ, водоршавӣ ба худтакмилдиҳӣ мебошанд;
- дар давраи дуюм азхудкунии маҳорати ҳис намудани ҳолати зеҳнӣ, эмотсионалӣ ва ахлоқӣ-иродавии хонандагон, ки дар худомодагии инфиродии муаллим ва дар шаклҳои коллективии такмили маҳорат ифода меёбад;
- даври сеюм рушди қобилиятҳои дарк ва муқаррарсозии робита, инчунин азхудкунии тарзҳои таъсиррасонии фаъоли педагогиро дар назар дорад.

Асоси иртиботро муошираткунӣ дар зуҳуроти гуногуни он ташкил медиҳад. Муошират дар фаъолияти педагогӣ аз ҷиҳати касбӣ муҳим ва

асбоби таъсиррасониву ҳамкорӣ мебошад”. Яке аз тарафҳои асосии иртиботи байнишахсӣ интераксия мебошад. Вижагии муҳимтарини он-қобилияти инсон ба “фаҳмидани нақши ашхоси дигар” тасаввур намудани он, ки ҳамсуҳбат ӯро чӣ тавр қабул мекунад, мебошад [14].

Ба масъалаҳои муошират теъдоди зиёди корҳои илмии педагогҳо ва психологҳо (А. А. Леонтев, А. Б. Добрович, В. А. Кон – Калик, н. П. Аникеева, Н. Е. Шукрова ва дигарон) бахшида шудааст. Услуби инфиродии муошировати педагогӣ натанҳо дар асоси интихоби мустақилонаи усулҳои иртиботӣ, балки дар азхудкунии донишҳое, низ ки дар МТОК омӯзонида мешавад, ташаккул меёбад. Асоси ин усулҳоро эҳтироми ҳамдигар, талаботи одилона, истифодаи бомуваффақияти ин усулҳо, корбурди моҳиронаи принсипҳои ассертивият, ки амалан ҳама гуна мушкилотро дар муошврати донишҷӯён бо муаллимону кӯдакон ва нисбати худ фаро мегиранд, дар назар дорад.

Истилоҳи “ассертивият”, чун ифодакунандаи “қобилияти инсон барои бо боварии комил мубориза бурдан баҳри ҳуқуқҳои худ ва ҳамзамон поймол накардани ҳуқуқҳои дигарон” [185, с. 40] ба забони русӣ баъд аз нашри китоби муаллифони машҳури Чех В. Каппони ва Т. Новак “Чӣ тавр ҳама чизро ба таври худ кунем” (дар асл “Ассертивият дар ҳаёт”), ба илм ворид гаштааст. Муаллифони Чех ин калимаро аз сарчашмаҳои англисӣ гирифтаанд ва баъдан, чӣ тавре ки дар аксари мавридҳо рӯй медиҳад, он маънои муайян ва махсусро касб кардааст. Худи консепсияи ассертивият ҳанӯз дар охири солҳои 50-ум ибтидои солҳои 60-уми асри XX дар осори равоншиноси амрикоӣ А. Солтор ташаккул ёфтааст ва он қоидаҳои асосии психологияи инсонпарваронаи ҳамон давраро дар бар гирифтааст. Рафтори ассертивӣ имкон медиҳад, ки инсон фикрҳои худро аниқу фаҳмо, возеҳ, дурусту боварибахш баён кунад, ба шахсони дигар зарар нарасонад, ҳадафи дигаронро дарк кунад, дар ақидаи худ устувор бошад. Гуфтан

мумкин аст, ки ассертивият ин арзёбии дурусти ҳолат ва рафтори худ, роҳи худтатбиқсозӣ, худинкишофдиҳӣ мебошад” [78, с. 138].

Як қатор принсинҳои ассертивиятро, ки онҳоро аҳкоми ассертивият меноманд, баён мекунем [66]. Ҳар як шахс ҳуқуқ дорад, ки ба рафтор, афкор ва эҳсосоти худ баҳо диҳад ва барои оқибатҳои онҳо масъулиятро ба дӯши худ гирад; бояд худаш ҳал кунад, ки барои проблемаҳои одамони дигар ҷавобгар мебошад ё не; ақидаҳои худро тағйир диҳад; хато содир кунад ва барои онҳо ҷавобгар бошад”; “ман намедонам” гӯяд; тобеи иродаи одамони дигар набошад ва ғайра.

Рафтори ассертивӣ дар фазои муосири таҳсилот-муодили муносиби муоширати донишҷӯён бо омӯзгорон, муаллимон ва хонандагон, волидайн бо кӯдакон, ки ба ташаккули шахсияти мустақилу масъулиятноки қодир ба ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои психологӣ, таълимӣ ва истеҳсолӣ оварда мерасонад, мебошад. Ҳамзамон ассертивият боварии инсонро ба худ асоснок мекунад. Боварӣ (нобоварӣ) мавқеи инсон нисбати худ ва атрофиён ба вазъияти пайдошуда, ки онро тағйир додан мумкин аст, мебошад. Механизми ташаккули боварӣ (нобоварӣ), ки аз ҷониби В. Г. Ромек [147] таҳия карда шудааст, дар инҳо ифода меёбад; сарчашмаҳои боварӣ (нобоварӣ) сатҳҳои рафторӣ, когнитивӣ ва эмотсионалии танзими рафтор мебошанд. Ин сатҳҳо шартан дар зинаҳои муайян қарор доранд. Масалан, инсон амали муайянеро содир мекунад (сатҳи рафторӣ), таъсири атрофиён ба амали содиршуда ӯро ба воқеият равона месозад ва ӯ муносибати атрофиёнро ба амали содиршуда таҳлил мекунад (сатҳи когнитивӣ).

Агар барои амали содиршудааш таҳсин шунавад, пас шахс эмотсияҳои мусбиро аз сар мегузаронад ва ин ба ташаккули боваринокӣ мусоидат менамояд, агар атрофиён ба амали содиркардаи ӯ баҳои манфӣ диҳанд, пас дар шахс эмотсияҳои манфӣ ба вуҷуд меоянд ва ин барои ташаккули нобоварӣ дар ӯ (сатҳи эмотсионалӣ) шароит фароҳам меорад.

Нуқтаҳои назари мавҷудаи муаллифон (В. Коппони, Т. Новак, Т. Коробкова, Е. Мишенко, С. Стаут) - ро дар бораи рафтори ассертивӣ ҷамъбаст намуда, мавқеъҳои асосии ба муаллим хосро ҷудо мекунем:

1. Ба дӯш гирифтани масъулият барои рафтори худ ва риоя кардани қоидаҳои фанни таълимӣ. Ассертивият ин фалсафаи масъулияти шахсӣ мебошад.
2. Намоиши эҳтироми худ ва муаллимон, кӯдакон ва волидайн – асоси таркиботи ассертивият.
3. Муоширати самаранок – поквиҷдонӣ, кӯшодагӣ ва ростгӯӣ дар суҳбат, аммо на аз ҳисоби вазъи эмотсионалии шахси дигар.
4. Намоиши боварӣ ва қарордоди мусбӣ, ки бо ду ҷанба алоқаманд аст: эҳтироми худ ва донистани он, ки муаллим кордони касбӣ буда, касби худро хеле хуб медонад.
5. Маҳорати бодиққат гӯш кардан ва кӯшиш ба фаҳмидани нуқтаи назари ҳам муаллим ва ҳам кӯдак.
6. Ҷустуҷӯи баромади оддӣ аз вазъиятҳои мураккаб. Ба як фикр омадан на ҳамеша осон аст. Маҳз аз ин сабаб маҳорати ассертивӣ амал кардан дар вазъиятҳои мураккаб малакаи хеле муфид мебошад.
7. Саъю кӯшиш ба гуфтушунидҳо ва ноилгардӣ ба мусолиҳаи корӣ.

Ба унсурҳои техникаи рафтори ассертивии муаллим инҳо мансубанд: имову ишораи боваринок; нигоҳи кушода ва ором; овози пурқуввату суръати муносиби нутқ, маҷмӯи амсилаҳои рафтор дар вазъияти “мушкил”, ки қаблан фикр карда шудаанд; ташаккули “худтимсол”- и мусбӣ ва ғайра.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст ва ба таҳқиқоти Н. М. Полетаева такя карда, мо меъёрҳои ҳамгироии ташаккулёбандагии мавқеи акмеологии муаллими ояндаро ҷудо мекунем: худомӯзӣ, сифатҳои касбӣ – шахсиятӣ, мавқеи бартаридошта, услуби фаъолияти педагогӣ, саъю кӯшиш барои бадастории муваффақиятҳо, эҳтироми худ ва дигарон, ки қисмҳои таркибии мавқеи акмеологӣ мебошанд. Нишондиҳандаҳо (тавсифномаҳо) -

и сатҳҳои ташаккулёбандагии ин меъёрҳо дар зербоби 2.3. пешниҳод карда шудаанд.

Дар адабиёти илмӣ меъёрҳо чун аломатҳое муайян гардидаанд, ки дар асоси онҳо арзёбӣ, муайянсозии ягон чиз гузаронида шудааст. “Таҳияи меъёрҳои ин ё он падида дар педагогика мушкилоти муайянеро дар бар мегирад, чунки худи фанни педагогика таркибан мушкил ва мураккаб аст” [189, с.67]. Нишондиҳандаҳои падидаи омӯхташаванда ҷанбаҳои муҳимтарини онро, ки бояд арзёбӣ гарданд, инъикос менамоянд. Онҳо ба протсессуалӣ, ки на танҳо тарафи берунаи раванди таълиму тарбия, балки вижагиҳои дохилии онро низ ошкор месозанд, инчунин ба натиҷавӣ, ки дар онҳо натиҷаҳои фаъолияти муаллим ва хонандагон инъикос меёбанд, ҷудо мешаванд [189]. Қоидаҳои дар боло баёнгардида ба мо имкон доданд, ки рушди мавқеи акмеологиро ба рушди маҳоратҳои касбӣ ва сифатҳои муаллими оянда, инчунин мотиватсияи дастовардҳои касбӣ тасвир намоем.

Ҷадвали 1. Рушди мавқеи акмеологии муаллими оянда дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ

| Қисмҳо | Эмотсионалӣ – арзишнокӣ |
|---|---|
| ⟶ | Рефлексивӣ – баҳодиҳандагӣ |
| ⟶ | Иртиботӣ |
| ⟶ | Мотиватсионӣ |
| ⟶ | Когнитивӣ |
| ⟶ | Маҳоратҳо |
| ⟶ | Сифатҳо |
| ⟶ | Ҳавасмандсозии дастовардҳои касбӣ |
| ⟶ | Таҷрибаомӯзии педагогӣ |

Рушди илм дар ҳама давру замон муназзам ба вуҷуд меояд. Таҳарруки муназзам ё худ динамикиро аввалин маротиба Д. Бекон ва К. Кован бо таҳия ба консепсияи зинаҳои талаботи инсонии А. Маслоу пешниҳод кардаанд. Қонунияти рушд аз рӯи динамика , аз нуқтаи назари

методология, қонунияти умумӣ буда, ба тамоми падидаҳои муҳити атроф хос аст.

Рушди мавқеи акмеологиро омӯхта, мо қайд мекунем, ки рушд аз рӯи динамика аз сатҳи хурдтарини мураккабияти ҳалли масъалаҳои касбӣ (дар курси 4) то сатҳи мураккабтари баъдина (дар курси 5) рӯй медиҳад. Дар курсҳои болоӣ таҷрибаомӯзии педагогиро бо мазмуни нав ғанӣ гардонида, ба мазмуни "кӯҳна", ки дар курсҳои қаблӣ азхуд шудааст, бармегардем. Донишҳои илмӣ, ки қаблан ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шудаанд, баъдан ғанӣ гардонида мешаванд. Маҳз ҳамин тавр омодасозӣ ба давраи баъдинаи рушд мусоидат мекунад.

Роҳҳои имконпазири рушди мавқеи акмеологии донишҷӯёнро мо чунин мебинем: 1) тасҳеҳи вазифаҳои таҳсилоти донишгоҳӣ бо такя ба омодасозии амалии муаллимони оянда дар асоси акмеологӣ бо мақсади рушди маҳоратҳо ва сифатҳои касбии ҷудокардаи мо; 2) такмил додани омодасозии касбии муаллимони оянда тавассути дохил кардани семинарҳои махсус, тренингҳо, конференсияҳо, ташкили кори гурӯҳҳои проблемавӣ; 3) истифодаи фаъоли имкониятҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ (намудҳо ва шаклҳои гуногун).

## Хулосаи боби якум

Таҳлил, мутолиа ва баррасии паҳлуҳои назариявии мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда имкон дод, ки ба хулосаи зерин биёем:

1. Мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ натиҷа ва самараи инкишофи шахсӣ ва касбии донишҷӯ буда, ҳамчун худмубрамсозии субъект – чун падидаи мураккаби серунсурии ба натиҷаҳо ва дастовардҳои заҳмати баланди педагогӣ нигаронида шудааст; тавсифи комил, ҳамзамон натиҷа, бозёфти густариши шахсият ва нерӯи потенсиалӣ, муҳаррики рушди минбаъдаи инсон маҳсуб шуда, ташаккулдиҳандаи сифатҳои шахсӣ-педагогӣ баромад мекунад.

Мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда хусусияти пурраи татбиқ кардани қобилиятҳои инсон, муайян намудан ва рушдёбии имкониятҳои вай, шинохти табиати худ ва кӯшиши ба қуллаҳои баланд расиданро дар назар дорад. Ин раванд ҷараёни бошуурона, ҳадафмандонаи возеҳ ва муайян намудани моҳияти нерӯи шахсият дар фаъолияти гуногуни иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

2. Мазмун ва муҳтавои мавқеи акмеологии омӯзгориояндаи синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз қисмҳои таркибии зерин: ҳиссӣ-арзишӣ, ангезавӣ-фазилатӣ (рефлексивӣ) – баҳодиҳӣ, маърифатӣ, иртиботӣ иборат мебошад.

3. Унсурҳои мазкур дар навбати худ, стратегияи ҳалли вазифаҳои касбӣ дар соҳаи таҳсилот, ки иҷрои онҳо тавсифдиҳандаи фаъолияти касбӣ тавассути функсияҳо ҳамчун алоқамандии мутақобилаи байни фаъолияти касбӣ-педагогии муаллим ва омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии муосир, ки метавонанд чун гурӯҳҳои асосӣ ( ёрии таълиму омӯзиш ба хонандагон); ҳамроҳикунанда (татбиқи фазилатӣ ва худмаълумотгирӣ) ва тобеъкунӣ (функсияи лоиҳавӣ ва идоракунӣ) гурӯҳбандӣ гарданд. Функсияҳои мазкур имкон медиҳанд вазифаҳои гурӯҳҳоро ҷудо намоем, ки ба ташаккули унсури умумикасбии муаллим, ки дар рушди мавқеи акмеологӣ заруранд;

ташкил намудани самти фардии таълимии хонанда ; муҳайё намудани шароитҳо барои комёбшавии хонанда ба ҳадафҳои таҳсилот ; барқарор намудани ҳамкорӣ бо субъектҳои дигари ҷараёни таълим; барпо кардан ва истифода намудани муҳити таълимӣ; ба лоиҳа даровардан ва татбиқ намудани худтаълимгирӣ.

4. Дар ҷараёни рушди мавқеи акмеологии донишҷӯён шароитҳои педагогие пешниҳод гардид, ки ба рушди мавқеи акмеологии донишҷӯёни синфҳои ибтидоӣ суръат мебахшад:

- омӯзишу омезиши силсилаи фанҳои психологӣ-педагогӣ;

- силсилаи фанҳои методӣ ва таҷрибаомӯзии педагогӣ;

- психологӣ-педагогӣ;

- ангезаҳои баланди комёбшавӣ;

- ташаббуси донишҷӯ барои такмили сифатҳои шахсӣ ва маҳорати касбӣ.

Моҳиятан шароитҳои педагогии мазкур сифати аз ҷиҳати касбӣ омода намудани омӯзгорони ояндаро таъмин намуда, ба таъсиррасонии равиянокии педагогии муҳимгардонии имконияти эҷодии донишҷӯён ва ангезаҳои касбии онҳоро ифода мекунад; майли худтатбиқкуниро дар касб ва қобилият, талаботи азнавкардани донишу маҳоратҳо, дар худамалисозии эҷодӣ ва рӯоварӣ ба комёбиҳои баланди касбӣ мусоидат мекунад.

5.Таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун асос ва бунёди рушди мавқеи акмеологӣ мазмуни маълумоти касбии педагогиро муҳим гардонида, вазифаҳои асосии касбиро муайян намуда, ташаккул ва рушди маҳорати касбӣ ва сифатҳои шахсии омӯзгори оянда мусоидат мекунад.

6. Рушди мавқеи акмеологии донишҷӯён дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ дар намуди таҷдид ва рушди печ дар печи маҳоратҳои касбӣ ва сифатҳои омӯзгори оянда, ангезаҳо, комёбиҳои касбӣ тасаввур кардан мумкин аст. Дар курсҳои болоӣ бахри ғанӣ гардонидани мазмуни

таҷрибаомӯзии педагогӣ боз ба мазмуни кӯҳна бармегардем. Донишҳои илмӣ, ки қаблан ҷамъ ва мавриди таҳлил қарор гирифта буданд, дар гардиши минбаъда бойтар ва ҷамъбаст мегардад. Маҳз ҳамин тавр, омодагӣ ба зинаи рушди дигар ба вуҷуд меояд.

7. Бо мақсади яклухт ва пурра тасаввур кардани рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ сохта ва пешниҳод карда шуд, ки механизми худинкишофдиҳиро ба амсиласозии имкониятҳои касбии худ муайян менамояд. Амсила, асосан, аз чор қисмати бо ҳам вобаставу алоқаманд: консептулӣ, ташкилӣ-идоракунанда, ҷараёнӣ, назоратӣ-баҳодиҳӣ, ки дар он се марҳила : шиносоӣ, амалӣ, фазилатӣ (рефлексивӣ) – баҳодиҳӣ ҷудо мешаванд.

# БОБИ 2. КОРҲОИ ТАҶРИБАВӢ – ОЗМОИШӢ ДОИР БА ИНКИШОФИ МАВҚЕИ АКМЕОЛОГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР РАВАНДИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ

## 2.1. Омӯзиш ва ташхиси сатҳи омодагии мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ

Корҳои озмоишӣ доир ба барпо ва татбиқ намудани амсилаву шароитҳои педагогии мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар муддати 4 сол бо донишҷӯёни курсҳои 2 - 4 дар пойгоҳи факултети педагогика ва варзиши ДДБ ба номи Носири Хусрав ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Бохтар ба роҳ монда шудаанд. Дар эксперимент 147 донишҷӯ бо ихтисоси методикаи таълими ибтидоӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва санъати мусиқӣ ва 21 омӯзгор (роҳбарони синфҳо, муаллимон, ташкилотчиён) иштирок карданд.

Дар марҳилаи аввал донишҷӯёнро бо раванду ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ шинос намудем, ҳуҷҷатҳои меъёриро, ки фаъолияти донишҷӯён, роҳбарон ва мушовиронро ба танзим медарорад, мавриди омӯзиш қарор додем. Дар ин ҷода ба хусусиятҳои вижаи ихтисоси синфҳои ибтидоӣ такя намудем. Барои ин аз методҳои илмӣ – таҳқиқотӣ: мушоҳида, варақаҳои пурсиши коллективи муаллимон, суҳбат бо роҳбарияти мактабҳо ва омӯзгорон, таҳлили ҳуҷҷатҳои мактабӣ, таҳлили фаъолияти навгониҳои муассисаҳои таълимӣ истифода бурда шуд. Дар ин ҳолат зарур донистем, ки ба масъалаҳои ташкили муҳити иҷтимоӣ – педагогии инкишофи шахсияти кӯдак дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ, шарт ва омилҳое, ки ба инкишоф ва ба проблемаҳои иҷтимоишавии он таъсир мерасонад, корбарӣ намоем. Иттилооти бадастомадаро таҳлил намуда, мо роҳҳои самаранок гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогиро дар ин муассисаҳо ташкил намудем.

Дар марҳилаи аввал давраи муқаррарсозӣ ва муайянсозиро ташкил намудем, ки он имконият медиҳад:

- Ҳолату вазъияти раванди таълиму тарбияро, ки ба ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст, омӯзем;
- Муайяну мушаххас намудани методҳои ташхисие, ки мо ба таври воқеӣ дараҷаву сатҳи ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянидаи синфҳои ибтидоиро санҷидаву баҳо дода тавонем;
- Муқаррару муайян намудани мавқеи акмеологӣ дар марҳилаи аввали таҷрибаомӯзии педагогӣ;
- Тартибу таҳия намудани барномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки барои беҳтар дарк кардани мавқеи акмеологии донишҷӯён ёрӣ мерасонад.

Аз ин лиҳоз, яке аз шаклҳои самарабахш ба фаъолияти педагогӣ тайёру омода намудани донишҷӯён барои таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ ба ҳисоб рафта, чун пайванкунандаи донишҳои назариявӣ бо амалӣ баромад карда, барои фаъолияти минбаъдаи касбӣ замина ба вуҷуд меорад. Амалияи педагогӣ бошад, дар навбати худ, барои хубтар дарку фаҳм намудани касби оянда, эҳсос кардани аҳамияту муҳимияти он кӯмак расонида, ба раванди ташаккулу густариши шахсияти донишҷӯ таъсир гузошта, баҳри ба вуҷуд овардани симои мушаххаси касбӣ имконият медиҳад.

Аз ин рӯ, барои ташаккули мавқеъ ва ҷойгоҳи акмеологӣ муҳим аст, ки донишҷӯ таҷрибаомӯзии аввалини худро дар ҳалли амалии масъалаҳои таълимӣ ва касбӣ то чӣ андоза самаранок дарк мекунад.

Муносибати акмеологӣ ба таври анъанавӣ ҷалби субъектҳои раванди таълимро ба ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва амалӣ бо мақсади ташаккул додани малакаҳои мусоиди фаъолияти касбӣ, рушди маҳорати касбии

омӯзгор, ки имконияти расидан ба қуллаҳои камолоти касбиро муайян мекунад, дар бар мегирад (А. Бодалев, Н. В. Кузьмина ва гайра).

Муносибати акмеологӣ ба таълим рушди ҳамаҷонибаи шахсро ба миён гузошта, шахсиятро арзиши олӣ медонад (В.Н. Максимова), ба ҳалли масъалаҳои марбут ба рушди маҳорати касбии фаъолияти педагогӣ, расидан ба қуллаҳои маҳорат – камолоти касбӣ, навъи такмили ихтисоси оптималӣ (Б. Г. Ананиев) замина фароҳам меорад. Ба ақидаи А.К. Маркова [106] таносуби майлу рағбатҳо, мақсадҳо, маъниҳо мавқеи муайяни шахсро — майли азхуд кардани касб, таълими махсус, ноил шудан ба комёбиҳо дар он, мақоми муайяни иҷтимоӣ ва ғайраро ба вуҷуд меорад. Ба инкишофи мавқеи акмеологии донишҷӯ ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзии педагогӣ пурра дахл мекунад. Аз нуқтаи назари мавқеи акмеологӣ, раванди ташаккули маҳорати касбии шахсияти омӯзгори оянда ин як раванди мақсаднок, интегралии ташаккули мувофиқати шахсӣ ва маҳсулнокии ноил шудан ба сатҳи баланди рушди зеҳнӣ, эҷодӣ, эмотсионалӣ ва сифатҳои ҳавасмандию ихтиёрии шахс ҳамчун мутахассис мебошад. Инкишофи мавқеи акмеологии донишҷӯён, ба назари мо, бо омилҳои зерин муайян карда мешавад: яке бо раванди азхудкунии арзишҳои касбӣ, дастгоҳи консептуалии силсилаи фанҳои психологию педагогӣ ва методологӣ алоқаманд аст; Баъдан, фаъолияти ҳақиқии педагогӣ дар давраи таҷрибаомӯзии мактабӣ, ки дар рафти он сифатҳо ва маҳорати касбии муҳими муаллими оянда барои дигарон ва барои худ зоҳир мешавад, объективӣ мегардад.

Азхудкунии амалии ҳамаи унсурҳои фаъолияти педагогӣ аз тарафи донишҷӯён қисми зарурии тайёрии касбии онҳо мебошад.

Таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун як намуди махсуси фаъолият аз хонандагон талаб мекунад, ки таҷрибаи инфиродии дар дарсҳои назариявӣ ва амалӣ андӯхтаашонро амалӣ созанд, дониш ва қобилияти махсуси

педагогиро муттаҳид созанд, ки бештар ба ташаккули мавқеи акмеологӣ мусоидат мекунанд.

Дар шароити таҷрибаомӯзии педагогӣ донишҷӯ ҷанбаҳои илмии дониш (психологӣ, педагогӣ, методӣ) ва таҷрибаи амалиро мустақилона таҳлил мекунад. Аммо таҳлили таҷрибаомӯзии амалияи омузгорӣ пеш аз ҳама як қатор проблемаҳоеро ошкор мекунад, ки шаҳодат медиҳанд донишҷӯён қобилияти истифода бурдани донишҳои назариявиро барои ҳалли масъалаҳои амалӣ ташаккул надодаанд.

Дар тайёрии касбӣ дар байни назария ва амалия ҳанӯз фосила мавҷуд аст: донишҷӯён метавонанд фанни махсусеро, ки дар мактаб таълим медиҳанд, нағз донанд, аз асосҳои назариявии психология, педагогика ва методикаи таълим маълумот дошта бошанд, вале онҳоро ба кор бурда натавонанд.

То имрӯз масъалаи робитаи ҷузъҳои бунёдӣ ва амалӣ дар таҳсилоти олии педагогӣ ҳал нашудааст. Ҳарчанд маълум аст, ки зербинои таълим баъзан бо коҳиши таваҷҷуҳ ба омӯзиш ё мушкилот дар мутобиқсозии касбии донишҷӯён ҳамроҳ мешавад.

Бояд гуфт, ки барномаҳои мавҷудаи тайёрии касбии муаллими оянда ба таҷрибаомӯзии шахсии субъективии талабагон, ба ақидаҳои ибтидоии онҳо дар бораи фаъолияти педагогӣ нигаронида нашудаанд ва таҷрибаомӯзии худи донишҷӯёнро ба назар намегиранд.Таҷрибаомӯзии субъективӣ дар раванди таълим пайваста аз рӯи принсипи ҷамъоварӣ тағйир меёбад. Ҳар як давраи омӯзиш имкон фароҳам меорад , ки дониш, техника ва усулҳои нави кор, қадами навбатӣ ба тартиб додан ва ҳал намудани вазифаҳои таълимию касбӣ аз тарафи донишҷӯён асос ёбад. Дар баробари ин донишҳои мавҷуда нав карда шуда, унсурҳои нави таҷрибаомӯзии касбӣ азхуд карда мешаванд.

Бочкарева И.А. [161] ду нақши гуногуни консептуалии тайёр кардани донишҷӯён дар донишгоҳи педагогиро таҳлил намуда, доир ба дониш -

маҳорат – малакаҳо  ва фаъолият - шуур - шахсият чунин нуқтаро қайд мекунад: нақшаи  таълими донишҷӯён: дониш - малака - маҳорат омодагии донишҷӯро дар омӯзгор чун шакли сохтори қатъии иттилооти субъектҳои блокҳо («зеҳни репродуктивӣ») –  ташаккул медиҳад.

Хусусияти муҳими ин нақшаи консептуалии омӯзиш дидани шахс ҳамчун як ҷузъи омӯхташаванда, барномарезишавандаи система, ҳамчун объекти гуногунии манипулятсияҳо мебошад. Нақшаи дуюм: фаъолият – шуур – шахсият бо интихоби дурусти намудҳо ва усулҳои фаъолияти таълимӣ тафаккури эҷодиро ташкил медиҳад, яъне фаъолият шуур ва шахсиятро ба вуҷуд меорад ва фаъолияти амалӣ ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки дониш ва малакаи назариявии худро бо муҳити касбии ояндаи воқеият алоқаманд кунад.

Бо мақсади таъмин намудани интегратсияи назария ва амалия дар инкишофи мавқеи акмеологии донишҷӯён натанҳо миқдори соатҳои амалиро зиёд кардан мебояд, балки барномаи  семинарҳо, курсҳои махсусро тартиб додан, гурӯҳҳои проблемавӣ, конференсияҳоро барои бо сифати баланд тайёр кардани мутахассисон ва ташкили  кори омӯзгорон ба роҳ мондан лозим аст.

Корҳои таҷрибавӣ дар се марҳила: муайянкунӣ, шаклдиҳӣ ва ниҳоӣ гузаронида шуданд.

Дар рафти таҷриба дар солҳои таҳсили 2022-2023 бо донишҷӯёни факултетҳои филологияи тоҷик,  таърих ва ҳуқуқ, педагогика ва варзиши Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо мақсади фаҳмидани он, ки донишҷӯён барои  рушди худ, такмили худ ва ҳамкорӣ баҳри ноил шудан ба муваффақият чӣ гуна нигаронида шудаанд,  омӯзиши ташхисӣ гузаронида шуд.

Ташхис – ин раванду ҷараёни гирифтани маълумот дар бораи вазъу ҳолати мушоҳидашуда ва таҳқиқшуда бо истифода аз маҷмӯи роҳҳо, усулҳо ва тарзҳо мебошад. Объекти ташхисро метавонад раванду ҷараён,

субъектҳои ин раванд, вазъу ҳолатҳо ва шароитҳо ташкил диҳад. Маълумоти ташхисиро маводу донишҳо дар бораи ҳолати объект, сатҳу дараҷаи мутобиқати он ба меъёр ва тамоюли рушду густариши он дар бар мегирад. Дар мавриди муайяну муқаррар кардани бунёди мантиқи озмоишӣ мо ба он такя намудем, ки мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда таҳсилоту тадриси мураккаби бисёрҷониба буда, сифати шахсият, самти шахсӣ ва инкишофи минбаъдаи қобилиятҳои эҷодии донишҷӯро дар муваффақиятнокии намудҳои гуногуни фаъолияти касби омӯзгорӣ таъмин мекунад.

Дар марҳилаи аввали озмоишӣ ба донишҷӯёни курси сеюми факултетҳои филологияи тоҷик, таърих ва ҳуқуқ, педагогика ва варзиши ДДБ ба номи Носири Хусрав (115 нафар) пас аз гузаштани таҷрибаомӯзии педагогӣ бо чунин савол "Мавқеи Шумо оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ" ва радабандӣ аз рӯи камшавии муҳимият муроҷиат кардем:

1. Имконияти дар худ "андоза кардан"-и нақшу ҷойгоҳи муаллим.
2. Аз худ кардани маҳорати касби омӯзгорӣ.
3. Имконияти дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ.
4. Азхудкунии малакаҳои муошират бо кӯдакон.
5. Бо донишу маҳорат ва малакаҳо мусаллаҳ намудани хонандагон.
6. Муайян кардан ва такмил додани қобилияти педагогии онҳо.
7. Намуди ҷавоби Шумо.

Танҳо 25.2% донишҷӯён чунин мешуморанд, ки азхуд кардани маҳорати касбии педагогӣ яке аз вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзии педагогӣ мебошад. Боқимонда 63,8% вазифаи асосии дар худ "андоза кардан"-и нақши муаллим, донишҳои назариявиро дар амал татбиқ кардан, маҳорати муоширатро бо бачагон пайдо кардан, хонандагонро бо дониш мусаллаҳ намудан ва то чӣ андоза қобилияти омӯзгорӣ доштанро тавзеҳ доданд.

Аз донишҷӯёне, ки ҷавоби шахсии худро пешниҳод карданд, 62% ба худ, ба баёни худ, вазъият ва манзалати худ тамаркуз кардаанд. Ба ин ҷавобҳои зерин шаҳодат медиҳанд: имконияти гирифтани собиқаи педагогӣ, маош (барои шахсоне, ки таҷрибаомузӣ доранд, ба вазифаи ҷойи холии муаллим таъин карда мешаванд), баҳои мусбат ба таҷриба; ҷамъ овардани таҷрибаомӯзии ҳаёт; тағйир додани фаъолият; истироҳат аз таҳсил; худро нишон диҳед. Қисми дигар, ки ин 38 % аст, ба мактаб, ба талаба нигаронида шудааст.

Муносибати мусбат ба касб, майлу хохиши такмил ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти касбии худро дар ҷавобҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст: муносибати худро нисбат ба кӯдакон тафтиш кардан; ба кӯдакон таълим додан; аз рӯи ихтисоси интихобкарда таҷрибаомӯзии методӣ ҳосил намудан; азхуд кардани таҷрибаомӯзии муаллимон; дараҷаи тайёриро ба кор дар мактаб муайян кардан.

Изҳороти "аз худ кардани малакаҳои муошират бо кӯдакон" аз ҷониби донишҷӯён ҷои чорумро ишғол намуд. Ин нишон медиҳад, ки донишҷӯён аз аҳамияти муошират бо мактаббачагон маълумот доранд, аммо пас аз гузаронидани саволномаи «Услуби муоширати педагогӣ» [33, с. 41 - 44] маълум шуд, ки танҳо 35% донишҷӯён тарзи муоширати демократӣ (фасеҳ) ва 41 % донишҷӯён услуби авторитарӣ (сахт) ва 21 % услуби либералӣ (нарм) доранд.

Натиҷаи пурсиш аз нокифоя будани «биниши» мактаби муосир, дарки мактаббачагон аз тарафи донишҷӯён ва мавқеи онҳо дар он шаҳодат медиҳад. Чунон ки Н.Ю. Скороходова қайд мекунад, самаранокии равандҳои таълиму тарбия, ташаккули шахсият ва ташаккули муносибатҳои байнишахсӣ аз он вобаста аст, ки муаллим дар назди худ ва хонандагон кадом мақсадҳо мегузорад [160].

Ҳангоми суҳбат бо донишҷӯёни курси чорум баъди таҷрибаомӯзии педагогӣ дар конференсияҳои ҷамъбастӣ дар МТМУ № 6, 12 ва литсейи

№1- и шаҳри Бохтар фаҳмидем ва муайян намудем, ки чаро ин ё он ҷавобҳоро ба ҷои аввал мегузоранд. Масалан, ҳангоми ҷавоб додан ба саволи “Мавқеи шумо доир ба таҷрибаомӯзии педагогӣ” Сабоҳати А. ки дар МТМУ № 6-и шаҳри Бохтар таҷрибаомӯзӣ карда буд – бо ҷавоби “имконияти дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявиро васеъ кард”, посух дод. Ба андешаи вай донишҳои дар донишгоҳ гирифташуда, бешубҳа дар фаъолияти педагогӣ аз худ хабар медиҳанд, вале дониши назариявӣ басанда нест, зарур ва муҳим аст, ки онҳоро дар фаъолияти амалӣ моҳирона истифода намоӣ. Дилнозаи Ш. ки дар МТМУ № 12-и шаҳри Бохтар таҷрибаомӯзӣ карда буд қайд мекунад, ки ҳар як хонанда дар рафти тадрис ба ин ё он донише мусаллаҳ мешавад, ки ин дар оянда барои ӯ лозим бошад. Мавзунаи С. бошад, (литсейи № 1) барои худ “аз худ кардани малакаи муоширатро бо бачагон” ба madди аввал гузоштааст. Ӯ чунин мешуморад, ки барои донишҷӯён пайдо кардани забони умумӣ ниҳоят муҳим зарур ва аст. Инчунин фаъолияти омӯзгорӣ масъулияти бузург, диққат ва сабру тоқат нисбат ба шогирдонро тақозо мекунад. Донишҷӯён Саидова Ф. ва Раупова М. (МТМУ № 6) “муайян кардан ва такмил додани қобилияти педагогии худро” ба ҷои аввал гузоштанд. Ба андешаи онҳо ҳар як одам қобилияти педагогӣ дорад ва кори амалӣ як навъ дастгоҳу такягоҳ аст, ки дар он донишҷӯи макотиби олӣ метавонад қобилияти педагогии хешро дар ин ё он сатҳу дараҷа инкишофу густариш диҳад.

Пеш аз ба таҷрибаомӯзии педагогӣ баромадан дар марҳилаи аввал озмоиш дар назди таҷрибаомӯзони факултети таърих ва ҳуқуқ, (38 нафар) дар соли таҳсили 2022-2023 бо мақсади равшан намудани сатҳи тайёриву омодагии онҳо ба фаъолияти омӯзгорӣ дар таҷрибаомӯзии педагогӣ бо якчанд савол муроҷиат намудем.

Ба саволи аввал: “Оё Шумо омодаед бо майли тоза вориди таҷрибаомӯзии педагогӣ  шавед”? 62%-и донишҷӯён “ҳа”, 1,9%- “не” ва 35,1%-и “душвор аст” ҷавоб доданд.

Ба саволи дуюм: «Пеш аз оғози таҷриба чӣ нигарониҳо ва тарсу ҳаросро эҳсос мекунед?» таҷрибаомӯзон чунин чавоб доданд: Хонандагон ба суханонам гӯш медиҳанд ё не? бовар надоштан ба худ ва баёни дуруст; муносибат бо синф ва муаллимон; тарс аз хато кардан; тарс аз ҷои нав; тарс аз гузориши оянда.

Саволи сеюм ин аст: "Ба фикри шумо, дар амал чӣ гуна мушкилотро аз сар гузаронед?". Ҷавобҳо  бо саволи дуюм мувофиқ омаданд ва аз ин рӯ, онҳо то андозае ба якдигар  монанд буданд. Таҷрибаомӯзон аз душворихои зерин метарсанд: тайёр кардан ва гузарондани дарс; муошират бо кӯдакон, муносибат муаллимон, ҳайати ҳамкорон ва волидон.

Ба саволи чорум, «Оё шумо омодаед, ки талаботеро, ки дар мактаб бароятон пешниҳод мекунанд, иҷро кунед?». 6 0, 3 % таҷрибаомӯзон бо боварии том "ҳа" ҷавоб доданд, 1,3% "не" , 29, 4% розӣ ҳастанд, аммо навъҳои гуногуни қайдҳоро нисбат доданд. Масалан: имконпазир; ҳанӯз тамоми талаботро намедонанд; Ман фикр мекунам, ки ман мехоҳам; агар дар ихтиёри ман бошад ва монанди инҳо.

Ба саволи  панҷум «Чӣ шуморо ба касби омӯзгорӣ ҷалб мекунад?» чунин ҷавобҳо пешниҳод гардид: муошират бо кӯдакон; кор бо насли наврас; ғанӣ гардонидани дониш, маҳорат ва малакаҳои нав; дониши худро дар тарбияи фарзандони худ истифода бурдан; имконияти таъсир расондан ба рушди кӯдакон ва мусоидат ба ташаккули ҷомеа.

Ҷавобхои якум, чорум ва панҷумро таҳлил намуда, чунин вобастагиро дидан мумкин аст, ки он донишчуёне, ки ба таҷриба  рафтан намехоҳанд ва ё ба ҷавоб додан душворӣ кашида буданд, дар аксари мавридҳо ба иҷрои талаботи мактаб тамоман тайёр нестанд ва амалан ҳеҷ чиз онҳоро ба касби муаллимӣ ҷалб намекунад. Таҳлили ҷавобҳои саволҳои дуюм ва сеюм

нишон медиҳад, ки донишҷӯён ба худ, ба дастовардҳои эҳтимолии ояндаи худ боварӣ надоранд; аз хатоҳо ва чизи наву номаълум метарсанд.

Ҳангоми ҷавоб додан ба саволи шашум талаб карда шуд, ки сатҳи омодагии онҳо ба амалияи таълимии психология, педагогика, таърих, назария ва методикаи таълими таърих аз рӯи ҷадвали панҷбалӣ баҳо дода шавад.

Чи тавре ки холгузорӣ собит намуд, донишҷӯён ба дараҷаи омодагии худ дар сатҳи миёна (3-4 холӣ) баҳо гузоштанд.

Таҳлили саволномаҳо нишон медиҳад мушкилоте, ки донишҷӯён аз сар мегузаронанд, дар ду самт баррасӣ мешаванд: аз ҷиҳати амалӣ (инъикоси мундариҷаи объективӣ) ва ҳамчун як навъ кӯшиш, шиддат (инъикос кардани мундариҷаи субъективӣ). Ҳардуи ин самтҳоро дар таърифи душворӣ, ки аз ҷониби Н.В.Кузмина мавриди таҳқиқ қарор гирифта буд, метавон мушоҳида кард, ки «ҳолати субъективии шиддат, вазнинӣ, норозигӣ аз омилҳои берунии фаъолият ба вуҷуд омада, аз хусусияти худи омилҳо, тарбиявӣ, ахлоқию маънавӣ вобаста аст. Омодагии ҷисмонии шахс ба фаъолият ва муносибати ба он дошта » [84, с. 63] ифода гардидааст.

Масъалаи асосӣ, ки ҳалли он ба донишҷӯ имкон медиҳад минбаъд ба худшиносӣ ва худтакмилдиҳӣ диққат дода шавад, мавқеи акмеологӣ аст , ки омили асосии ташаккули маҳорати касбии ӯ мебошад. Дар асоси харитаи баҳодиҳии сифати амалияи таълимии донишҷӯён Андреев [13] чунин пешниҳод кардааст: донишҷӯро дар иҷрои мавзуъ бубинед, роҳи инфиродии таълимии ӯро созед, воситаҳои ташхисиро барои омӯзиши инфиродӣ интихоб ва хусусиятхои фардии мактаббачагонро истифода баред. Таҷрибаомӯзон технологияҳои таълимро интихоб намоянд, ки ба ҳадафҳои таълим ва хусусиятҳои синну соли мактаббачагон мувофиқ бошанд.

Барои ба роҳ мондани алоқаи мутақобила бо дигар субъектҳои ҷараёни таълим гурӯҳҳои маҳоратро муайян намудем, ки ҳар кадоми онҳо дар нақшаи 2 оварда шудаанд:

Ҷадвали 2. Гурӯҳ ва намудҳои маҳорати касбӣ

| Гурӯҳҳои маҳоратӣ касбӣ | Намудҳои маҳорати касбӣ |
|---|---|
| Гнесиологӣ | Маҳорати омӯзиш, майлу рағбат, қобилияти хонандагон, сифатҳои хуб ва камбудиҳои онҳо; тавсиф карда тавонистани хонанда, синф; ба таври воқеӣ баҳо додани дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон; дода тавонистани худбаҳодиҳии дарсҳои гузаронидашуда, корҳои беруназсинфӣ. |
| Лоиҳавӣ | Маҳорати тартиб додани сохту таркиби дарс, тартиб додани нақшаи корҳои беруназсинфӣ; ҷудо ва интихоб намудани шакл ва методҳои лозимии таълимӣ . |
| Таҳқиқотӣ | ММаҳорати кор бо адабиёти психологӣ – педагогӣ ва методӣ, ки дар масъалаҳои педагогию методӣ рӯй медиҳад, истифода кардани методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ (пурсиш, тестҳо ва ғ.); гузаронидани таҳқиқоти хурд; омӯзиш ва таҳлили таҷрибаомӯзии муаллим. |
| Ташкилот-чигӣ | Маҳорати ташкил кардани фаъолияти босамари хонанда; таносуби ташкили фаъолияти фардӣ ва дастаҷамъии хонандагон; ҳавасманд кардани шавқу рағбат ва фаъолияти эҷодии хонандагон дар дарс; тағйир додани фаъолияти худ дар мавриди ғайричашмдошт; Ноил шудан ба диққату фаҳмишҳои |
| Иртиботӣ | Маҳорати барқарор кардани алоқа бо хонандагон; Идора кардани худ дар лаҳзаҳои муоширати педагогӣ; гузаронидани суҳбат , мубоҳиса, баромад намудан дар байни хонандагон. |
| Рефлексивӣ | Маҳорати гузаронидани ташкили босамари раванди таълимии ташкилкардашуда ва комёб шудан ба дастовардҳои натиҷабахш; Маҳорати рефлексивӣ ва дигаргуншавии маҳорати фаъолияти касбии худ. |

Маҳорати касбии ибтидоие, ки дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ муайян гардид.

Дар марҳилаи аввал ба донишҷӯёни факултетҳои гуногун (курсҳои сеюм) муроҷиат намудем, ки баъди таҷрибаомӯзии педагогӣ роҷеъ ба маҳоратҳои дар боло зикршуда сатҳу дараҷаи азхудкуниро ба тарзи худбаҳодиҳӣ ва мушаххас намудани мавқеъ аз рӯи зинаҳои баланд, миёна ва паст муайян созанд:

Ҷадвали 3. Сатҳу дараҷаи азхудкунии донишҷӯён, ки тавассути худбаҳодиҳӣ ва мушаххас намудани мавқеъ аз рӯи зинаҳо муайян карда шуд

| Гурӯҳҳо | Миқдори донишҷӯён (%) | | |
|---|---|---|---|
| | Баланд | Миёна | Паст |
| Гнесиологӣ | 14,2 | 81,7 | 5,1 |
| Лоиҳавӣ | 12,1 | 80,8 | 7,1 |
| Ташкилотчигӣ | 11,4 | 86,5 | 10,1 |
| Иртиботӣ | 15,2 | 71,7 | 13,4 |
| Рефлексивӣ | 6,2 | 74,1 | 19,3 |

Тафсири маълумоти бадастомада нишон дод, ки таҷрибаомӯзон дар ташаккули маҳорат бештар дар сатҳи миёна қарор доранд. Аз ҳама мушкилтар маҳоратҳои таҳқиқотӣ, муошират ва инъикоскунанда буданд. Дараҷаи пасти ин маҳоратҳо маънои онро дорад, ки онҳо дар арафаи ташаккулёбӣ ҳастанд, аз ин рӯ барои рушди ин маҳоратҳо барномаи махсус тартибу таҳия намудан лозим аст.

Мо ба он диққат додем, ки талабагон ба такмили худ, майлу хохиши устувор надоранд, онҳо нақши ҷойгоҳи худро дар мактаб пурра намефаҳманд, дарк намекунанд, ки дар асос ва сифатҳои маҳорати касбии педагогӣ маҳорати касбии муаллим бунёд ёфта, маҳз ба сатҳи дараҷаи

баланди ташаккул ва ҳавасмандии онҳо фаъолияти пурмаҳсули ӯ ва ҳалли масъалаҳои касбӣ имконпазир мегардад.

Дар марҳилаи озмоишӣ пеш аз оғози таҷрибаомӯзии омӯзгории донишҷӯёни курси чорум дар соли 2023 мо тасмим гирифтем, ки самти шахсияти онҳоро муайян кунем. Мо дар гузаронидани ин таҷриба маҳорати хуби касбӣ нишон додем. Дар омӯзиш донишҷӯёни (137 нафар) факултетҳои филологияи тоҷик, таърих ва ҳуқуқ, педагогика ва варзиши ДДБ ба номи Носири Хусрав иштирок намуданд. Натиҷаҳо дар нақшаи 4 нишон дода шудаанд:

Ҷадвали 4. Самти шахсияти донишҷӯён пеш аз оғози таҷрибаомӯзии педагогӣ

| Далеловарӣ | Пурсидашудагон (%) |
|---|---|
| Педагогика ва варзиш | 44,8 |
| Таърих ва ҳуқуқ | 29,4 |
| Филологияи тоҷик | 25,8 |

Тавре ки таҳқиқот нишон дод, 44,8% донишҷӯён бо дараҷаи бештари тамаркуз ба худ хос мебошанд. Онҳо аксар вақт бо худ, бо эҳсосот ва таҷрибаҳои худ банд ҳастанд ва ба ниёзҳои атрофиён кам вокуниш нишон медиҳанд. Онҳо, пеш аз ҳама дар меҳнат имконияти қонеъ гардондани талаби худро мебинанд, ба талаботи одамони гирду атроф ҷавоб намедиҳанд. Барои онҳо муҳити тарбия ба маънои томаш «театр»-ест, ки эҳтиёҷоти шахсиро сарфи назар аз манфиати мактаб қонеъ гардонда метавонад.

Гурӯҳи навбатии фанҳо 29,4% ба вазифа рӯоварӣ ва тамоюл нигаронида шудааст. Чунин муаллимони оянда бо бартарии ангезаҳои марбут ба ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда аз ҷониби гурӯҳи таълимӣ, майли беғаразона ба дониш, азхудкунии маҳорат ва малакаҳои нав фарқ мекунанд. Онҳо ба мантиқи дарс, мазмуну мундариҷаи он ва интизоми

талабагон аҳамияти махсус дода, дар таълими мактаббачагон натиҷаҳои баланд ба даст меоваранд.

Мутаассифона, субъектҳо камтар аз ҳама ба амалҳои мутақобила нигаронида шудаанд, аз ҷумла, дар 25,8% аз теъдоди пурсидашудагон. Барои онҳо фазои баробарҳуқуқӣ (баробар масъулиятнок) дар синф аҳамияти аввалиндараҷа дорад, бинобар ин донишҷӯён худро озод ва осуда ҳис мекунанд. Гузашта аз ин, муаллимони ба рушд нигаронидашуда натанҳо ба натиҷаи ниҳоӣ, балки ба рушди худи фаъолияти муштарак, ба «афзоиши» мунтазами муваффақияти худ ва шогирдони худ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Аз ин рӯ, онҳо хонандагонро шарики худ медонанд ва барои рушду таҳсили онҳо талош мекунанд.

Бояд гуфт, ки ҳар се намуди таваҷҷуҳ дар шакли комилан мустақил вуҷуд надоранд, балки бо ҳамдигар омехта мешаванд. Аз ин рӯ, беҳтар аст, ки на дар бораи ягона, балки дар бораи самти ҳукмронии шахсият сухан ронем. Тавре ки ин таҳқиқот нишон дод, тамаркузи асосии донишҷӯён пеш аз таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ тамаркуз ба худ аст, ки онҳо ба фаъолияти муштарак бо хонандагон ҳанӯз пурра омода нестанд, бинобар ин дар онҳо ҳавасмандии нокифоя барои ноил шудан баҳри муваффақият бартарӣ дорад. Онҳо ҳанӯз ба кор дар коллектив, баҳри ба вуҷуд овардани майдони педагогии коллектив “acme” омода нестанд ва ба иҷрои вазифаҳои дар наздашон гузошташуда тайёр нестанд.

Хусусиятҳои фаъолияти таҷрибаомӯзонро бо талабагон баъди таҷрибаомӯзии омузгорӣ омӯхта, дар хонандагон чунин камбудиҳоро ошкор ва ҷамъбаст намудем, ки муаллимон қайд карда буданд: донишҷӯён на ҳамеша тарзи ташкили коллективро медонанд, фаъолияти маърифатии хонандагонро идора карда, хусусиятҳои фардии онҳоро ба назар мегиранд. Таҷрибаомӯзон дар рафти таҳлили дарс, дар қобилияти таҳлил кардан ва шарҳ додан ба ҷавоби талабагон, ошкор намудани хатою норасоиҳои фаъолияти таълимии онхо душвориҳо мекашанд.

Муаллимон дар тавсифномаҳои хеш барои фаъолияти минбаъдаи касбии донишҷӯён чунин тавсияҳо додаанд. Инак баъди тавсияномаҳои муаллимон Мазбутова Салимахон, Одинаева Фаришта (МТМУ №12), Ҳусейнова Манижа, Ёрасенова Гулғунча, Шарипова Зубайда (литсейи № 1), Абдузоҳирова Сайҳуна, Толибова Гулчеҳра (МТМУ №6) ва дигарон мо маҳоратҳоеро ҷудо намудем, ки донишҷӯён дар оянда бо онҳо бояд кор кунанд: таҳлили дарс (таҳлили дарсҳои ҳамкасбони худ); ба натиҷаҳои фаъолияти худ баҳо диҳанд; баҳо додан ба ҷавобҳои донишҷӯён (баҳои баланди шифоҳӣ) ва натиҷаҳои фаъолияти онҳо; дар назди талабагон вазифаҳои таълиму тарбияро аниқ ва моҳирона гузоштан; дар бораи сохтори методии дарс, мантиқ ва пайдарпайии кор аз рӯи маводи нав фикр кардан; босаводона тартиб додани хулосаи дарс; усулу шаклҳои таълимро моҳирона интихоб кардан; диққати хонандагонро ҷалб карда тавонистан; дар синф муҳокимаву мубоҳисаҳо ташкил намудан; гуфтаҳои талабагонро ба мақсадҳои педагогӣ истифода бурда, ба онҳо бо хушмуомилагӣ шарҳ додан. Ташаккул додани чунин сифатҳо, аз қабили муошират, мустақилият, эътимод, масъулият, таҳаммулпазирӣ, фаъолияти иҷтимоӣ, эҷодкорӣ, зарурати рушди худшиносӣ ва ғайра, ки дар шароити густариши фанҳои психологӣ-педагогӣ, фаннӣ-методӣ ташаккул меёбанд.

Мо аз муаллимоне (37 нафар), ки пайваста бо донишҷӯён дар амал кор мекунанд, хоҳиш кардем, ки ба саволҳои таҳиякарда ҷавоб диҳанд. Мо ин таҳқиқотро бо мақсади хубтар дарк намудан, таҳлили сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон дар давоми таҷриба дар мактаб гузаронидем. Дар баробари ин саволнома пешниҳод карда шуд , ки барои донишҷӯёни курсҳои сеюм ва панҷуми (73 нафар) дар ин мактабҳо таҷрибадошта таҳия гардида буд.

Таҳлили анкетаҳо нишон дод, ки ба саволи «Душвориҳои маъмуле, ки донишҷӯён ҳангоми таҷрибаомузӣ аз сар гузаронданд?», 62,1 фоизи талабагон ва 56 фоизи муаллимон рафти машғулиятҳо қайд карданд.

Донишҷӯён дар муоширaт бо кӯдакон (8,1%) камтар мушкилӣ доштанд. Ва ин аз ҷониби муаллимон низ қайд карда шуд (4,8 фоиз).

Бо вуҷуди ин, муаллимон ба он диққат медиҳанд, ки баъзан таҷрибаомӯзон дар муомила бо талабагон хушмуомилагӣ, ҳиссиёт ва объективият надоранд. Бояд гуфт, ки ҳарчанд дарсҳо мушкил ба ҳисоб мерафтанд, аммо 61% - и хонандагон қайд карданд, ки маҳз ҳамин намуди фаъолият ба онҳо завқи бештар бахшидааст. Корҳои берунaзсинфӣ ҳамагӣ 13,3 фоиз ва муоширaт бо ҳамкасбон 18,7 фоизи хонандагонро хушнуд карданд.

Ҳангоми ҷавоб додан ба саволи «Кадом шакли кор бо кӯдакон ба шумо бештар маъқул аст?» , 70,7 фоизи талабагон чунин ҷавоб доданд — дарс. Муаллимон чунин мешуморанд, ки талабагон ба дарс бештар тайёранд — (63,2 фоиз). Камтар аз ҳама, ҳангоми кор бо кӯдакон донишҷӯён сарф кардани соатҳои дарсӣ (6,8 % ) -ро дӯст медоштанд. Муаллимон чунин мешуморанд, ки хонандагон ба ин шакли кор кам тайёранд (14,8%). Ба саволи «Дар рафти дарс чӣ ба шумо аз ҳама бештар мушкил эҷод мекунад?» 41,9%-и донишҷӯён – арзёбии натиҷаи фаъолияти хонандагон ва ташкили муҳокимаро (26,1%) қайд карданд. Дар мавриди муаллимон бошад, ба андешаи онҳо, ташкили мубоҳиса дар дарс (31,7%) ва фаҳмонидани маводи нав (28,4%) барои хонандагон аз ҳама мушкилиҳо мебошад. Аз рӯи натиҷаи анкетаҳо, пурсиши хонандагон барои донишҷӯён (6%) мушкили ҷиддӣ ба бор намеоварад ва омӯзгорон ин мушкилиро дар ҷойи охирин (16,4%) гузоштаанд. Омӯзгорон (62%) бар ин назаранд, ки донишҷӯён барои кори мустақилона бо хонандагон омодаанд. Худбаҳодиҳии хонандагон пасттар аст (42,6%), ки ба ин муносибати ғайрирасмӣ ва ҷавоб саволҳо шаҳодат медиҳад. Ба саволи: «Кадом сифатҳо, аз нуқтаи назари шумо, аз ҷиҳати касбӣ муҳиманд?», донишҷӯён онҳоро бо тартиби зерин (бо тартиби камшавии аҳамият) ҷойгир карданд: қобилияти муоширaт бо хонандагон ва ҳамкорон, қобилияти худро идора

кардан ва бештар боварӣ доштан, мақсаднокӣ, мушоҳидакорӣ, серталабӣ, меҳрубонӣ, суботкорӣ.

Натиҷаҳои пурсиш ва хулосаҳои дар таҳқиқот овардашударо тасдиқ карданд, ки дар онҳо нишондиҳандаҳои камолоти шахсияти мутахассис таъкид шудаанд. Таҷрибаомӯзии кор бо муаллимонро ҷамъбаст намуда, проблемаҳои асосии камолоти касбиро муайян намудем, ки диққати ҷиддиро талаб мекунанд. Таваҷҷуҳ: салоҳияти пасти методии омӯзгор; набудани ҳаракат ва худтанзимкунӣ; омодагии суст ба тарбияи маънавию ахлоқӣ.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, донишҷӯёне, ки барои таҷриба ба мактаб омадаанд, ба чунин мушкилот ба монанди оҳанги нобоварӣ ё худбоварӣ, худтанқидкунии аз ҳад зиёд ё худбаҳодиҳии паст, талаб карда натавонистан аз хонандагон, масалан, вазифаи хонагӣ ё ҷавоб ба дарсро, тарс аз эҳсосоти муайян дучор мешаванд. Ҳамаи ин зуҳурот аз рафтори хонандагон дар ин давра гувоҳӣ медиҳад. Дар таҳқиқоти мо ба донишҷӯёни курси 3-юми факултетҳои филологияи тоҷик, таърих ва ҳуқуқ (83 нафар) соли 2018 пеш аз таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ барои муайян кардани андешаҳо дар бораи серталабӣ саволнома пешниҳод карда шуда буд.

Тафсири маълумоти бадастомада нишон дод, ки 43,5% талабагон дар самти дуруст амал карда метавонанд ва серталабиро хеле бомуваффақият аз худ карда метавонанд, ҳарчанд баъзан онҳо наметавонанд рафтори худро мустақилона танзим кунанд ва барои он масъул бошанд; 14,7% дар бораи серталабӣ тасаввурот доранд, аммо онро дар зиндагӣ зиёд истифода намебаранд, аксар вақт худро аз худ ва дигарон норозӣ ҳис мекунанд ва 40,8% дар ҷавоб додан ба саволномаи тестӣ душворӣ мекашанд.

Ҳамин тариқ, барои фаъолияти муваффақонаи касбӣ донишҷӯён бояд асосҳои рафтори серталабиро омӯзанд ва аз худ кунанд. Маводи назариявие, ки дар донишгоҳ таълим дода мешавад, бояд бо унсурҳои

омодагии психологию педагогӣ, инчунин вазифаҳое, ки донишҷӯён дар таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ иҷро мекунанд, дастгирӣ карда шаванд.

Таҷрибаомӯзии педагогӣ барои донишҷӯён имтиҳони ҷиддиест, ки сатҳи омодагӣ ва ҳамзамон мактаби камолотро нишон медиҳад, ки дар он онҳо барои худшиносӣ кӯшиши аввалини худро мегузоранд, сохторҳои амалии фаъолияти касбии оянда, таҷрибаомӯзии амалиро аз худ мекунанд, пай дар пай ташаккул додани маҳорати касбиро аз бар мекунанд.

Мо ба донишҷӯёни курси чорум пешниҳод кардем, ки андешаҳои худро дар бораи касби омӯзгорӣ дар шакли иншо дар мавзуи «Ман муаллими идеалӣ» пешниҳод намоянд. Донишҷӯён ба ин супориш ба таври гуногун муносибат карданд: баъзеҳо фавран ба иҷрои он шуруъ карданд, дигарон пурсиданд, ки чӣ нависам. Инак, порчае аз андешаҳои таҷрибаомӯз - омӯзгори ҷавон Алимардонова З.: «Аз аввал муаллим будан ба ман хеле маъқул буд. Мушоҳидаи хонандагон, ҷустуҷӯи роҳу равиш ба ҳар яки онҳо, гузаронидани чорабиниҳои якҷоя шавқовар аст. Вақте ки шумо худро комилан дар фазои мактаб мебинед, дар якҷоягӣ бо бачаҳо мушкилоти онҳоро ҳис мекунед, онҳоро барои чизе ташвиқ мекунед, шумо аз ҳарорат ва шавқу рағбати бузург пур мешавед. Дар ҳама ҳолат эҷодкорӣ зоҳир кардан, роҳҳои инкишоф ва худтакмилдиҳиро ҷустуҷӯ кардан лозим аст. Дар кор ҳеҷ гоҳ муносибати расмӣ, алгоритмҳои қатъии қадам ба қадам набояд бошад».

Аз тавсифи донишҷӯён бармеояд, ки бештар аз нисфи пурсишудагон (57,3) меъёри муҳими “муаллими идеалиро” чун сифатҳои шахсӣ, ки муносибати вайро нисбат ба тарбия муайян мекунад (поквиҷдонӣ, боваринокӣ, ҳурмату эҳтиром, муносибати фардӣ) ва муҳайёкунандаи дастовардҳо дар фаъолияти таълимӣ – маърифатӣ (меҳнатдӯстӣ, маъсулиятнокӣ, ҳалолкорӣ ва ғайраҳоро) мешуморанд.

Дар аснои шарҳи онҳо тавсифи “муаллими намунавӣ бояд хонандагонро ҳаққонӣ ва воқеӣ баҳо диҳад, ҳуқуқи онҳоро поймол

накунад, пеш аз ҳама дар онҳо шахсиятро бинад, бояд касби худро дӯст дорад, барои хонандагон намунаи ибрат бошад ва ӯ натанҳо хонандагонро фаҳмад, балки дар иҷрои супоришҳои мушаххас (дар лаҳзаҳои гуногун) кумак расонад, ӯ ҳатман зарофатсанҷ, ботабассум бошад, ки хонандагонро ба худ наздик кунад" шунида шуд. "Вай натанҳо дониш диҳад, балки дар ҷараёни тарбияи хонандагон фаъол бошад, то ки аз онҳо натанҳо шахси доно, балки инсони дорои ахлоқи ҳамида, лаёқатманд, ватандӯст ба воя расонад". "Муаллими ормонӣ бояд ҳиссиёти худро назорат ва идора карда тавонад, дилхарошӣ накунад, ҳамеша дар рафтори муҳассилин ботаҳаммул ва боинсофу одил бошад, муаллим бояд дорои дониши хуб бошад, инчунин дар ҷараёни тадрис бевосита ба фаъолияти таълимӣ машғул гардад".

Вазифаи асосии таҷрибаомӯзон дар ин давра инҳо мебошанд:

–аз худ кардани малакаҳои зарурӣ барои иҷрои корҳои педагогӣ;

–малакаи татбиқ кардани донишҳои назариявӣ дар кори мушаххаси амалӣ;

–аз худ кардан ва такмил додани маҳорати кори таълимӣ ва тарбиявӣ бо кӯдакон;

– омӯхтани таҷрибаи пешқадами педагогӣ;

– аз худ кардани методу усулҳо ва шаклҳои гуногуни кори таълиму тарбия, истифодаи аёният ва воситаҳои техникии таълим, ки ба фаъолнокии
хонандагон мусоидат мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки донишҷӯёни курсҳои 1-2 ба арзишҳои маънавӣ нишондиҳандаҳои паст нишон доданд, махсусан дар симои муаллими идеалӣ амалан ба донишҳо, маҳорат ва малакаҳои касбӣ – педагогӣ, ки барои татбиқи раванди таълимӣ – тарбиявӣ муҳиманд, мароқи ҷиддӣ нишон надоданд.

Донишҷӯёни курсҳои 3-4 хеле равшану бошуурона худро дар нақши муаллим арзёбӣ карданд, зеро ба саволи “Барои комёб шудан ба ин идеал Шумо бояд кадом корҳоро” анҷом диҳед? Чунин ҷавобҳо доданд: хубтар донистани хусусиятҳои синусолӣ (11%), таҳаммулро пеша кардан (15%), педагогика ва психологияро дурустар омӯхтан (15%), ба худомӯзӣ бештар машғул шудан (34%), ҷиддитар ба таълиму омӯзиш муносибат намудан (62%), инкишоф додани қобилиятҳои эҷодӣ (9%), нисбат бо худ серталаб будан (17%), тағйир додани муносибати худ ба касб (19%).

Дар маҷмӯъ  хулоса кардан мумкин аст, ки қисми зиёди таҳқиқшавандагон барои комёб шудан ба дараҷаи “муаллими идеалӣ” дар мактаб фаъолият доштанро омили асосӣ ҳисобида, корҳои амалии хубро (64%) қайд карда,  инчунин (47%) татбиқи фаъолияти омӯзгориро дар боварӣ ба қувваҳои шахсӣ мебинанд.

Сипас барои муайян намудани сатҳи ташаккули маҳорати касбӣ, ки асоси ба қуллаҳои касбӣ баромадани хатмкунандагонро тавсиф мекунанд, тавассути худбаҳодиҳӣ маҳоратҳои ҷудогонаи онҳо аниқ карда шуданд, ки аз рушди мавқеи акмеологӣ хабар медиҳад.

Дар ҷараёни худбаҳодиҳии дараҷаи ташаккули маҳоратҳои донишҷӯён ҷадвали радабандии зеринро истифода кардем:

- Холи “3” ба донишҷӯёне дода мешавад, ки дар онҳо маҳоратҳо доимо ошкору намудор бошанд ва сатҳу дараҷаи баланди рушд  дар мавриди ҳалли вазифаҳои таълимӣ ва амалӣ дар онҳо дида шавад;
- Холи “2” ба маҳоратҳое дода мешаванд, ки заифу  нопойдор буда, сатҳу дараҷаи комёбшавии минималиро таъмин карда, системанок нестанд;
- Холи “1”ба маҳоратҳои хеле суст ё умуман вуҷуднадошта дода мешавад.

Ба андешаи онҳо (курси 4) маҳорати барқарор кардани робитаи мақсадноки педагогӣ бо кӯдакон (24%) сатҳи баландро ташкил медиҳад.

Дар фаъолияти амалӣ ба ҳамкории субъект-субъективӣ танҳо 18% донишҷӯён рӯ овларданд. Дар рафти ташкили раванди таълимӣ – тарбиявӣ 31-34% пурсидашудагон талаботи ҳурмат карданро лозим ва ҳатмӣ шуморида, такя ба тарафҳои хуб, яъне мусбат фикру амал карданро тасдиқу эътироф мекунанд.

Маълумоти ба даст омадаро муқоиса карда, қайд кардан зарур аст, ки 21% таҳқиқшавандаҳо воситаҳои мусоиди ташкили фаъолияти мустақилона ва эҷодӣ, 39 % шаклҳои анъанавии таълим ва тарбия дар асоси ташаббуси омӯзгоррон истифода карданд,ки мувофиқи он дар 57% маҳорати ташкили ҷараёни маърифатии шахсӣ дида намешавад.

Дар робита бо он ки омӯзгори оянда натанҳо бо сифатҳои шахсӣ, яъне "ман чӣ хондам бояд бинам", боз бояд сифатҳои касбӣ: "Бояд чихел муаллим бошам" мусаллаҳ гардад, дарку фаҳм, таҳлили интиқодӣ ва муайян кардани роҳҳои дурусти худтакмилдиҳии фаъолияти шахсии татбиқро дар рафти таҳсилоти мақсаднок ва "худтанзимдарорӣ" молик бошад, ки дар натиҷа бунёду асоси ташаккули мавқеи акмеологии онҳо мегардад.

Маҳз, аз ин рӯ, дар ҳалли масъалаи мазкур зарур донистем, ки таҳқиқотро аз худшиносӣ ва худбаҳодиҳии касбию шахсии донишҷӯён оғоз кунем. Бо ин мақсад ба донишҷӯён пешниҳод кардем, ки аз рӯи системаи 10-хола 15 сифати шахсӣ – касбии омӯзгоронро радабандӣ кунанд, ки шартан онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо намудем:

- Муносибати ахлоқӣ ба дигар одамон – инсондӯстӣ, бовиҷдонӣ, эмпатия, алтуризм;
- Муносибат нисбати худ – ҳисси шаъну эътибор, ифтихормандӣ, хоксорӣ;
- Муносибат ба меҳнат, сифатҳои иродавӣ – виҷдон, меҳнатдӯстӣ, фаъолнокӣ, мақсаднокӣ, мустақилӣ;

- Зеҳнӣ – бомаърифатӣ мароқу кунҷковӣ.

Рӯйхати сифатҳои пешниҳодшуда аз тарафи донишҷӯён якдилона ҳамчун сифатҳои муҳими касбӣ  пазируфта шуд, зеро ҳамаи онҳо соҳиби баҳои баланд гаштанд. Баъзеи онҳо баъди холҳои умумиро баровардан аз зинаи 5-ум поён наомаданд.

Таҳлили умумии натиҷаҳои миқдории таҳқиқот дар марҳилаи аввали озмоишӣ имкон дод ба чунин хулосаҳо биёем:

- Танҳо теъдоди ками донишҷӯён 13% дар нишон додани мавқеи акмеологии худ ба зинаи баланд бароянд;

- Қисми бештари онҳо 38% дар зинаи миёна ҷой гирифтанд;

- Теъдоди зиёди донишҷӯён 54% дар зинаи сеюм (паст) шомил шуданд ва ин  ба он ишорат мекунад, ки бо назардошти хусусиятҳо ва интизорӣ аз раванду ҷараёни таҳсилот низоми  мактаби олӣ беҳбудӣ ва азнавсозиро талаб мекунад.

Сатҳи ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯёни ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар марҳилаи аввали ташхисӣ дар диаграммаи №1 оварда шудааст:




Диаграммаи №1. Натиҷаҳои миқдории таҳқиқот дар марҳилаи аввали озмоишӣ

Ҳамин тариқ, маводу маълумоти ҳавасмандкунандаи густариши мавқеи акмеологии донишҷӯён раванду ҷараёни таҳсилот, пеш аз ҳама, ташкилу гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ ба ҳисоб рафта, амалисозии ин падида ҳадафи қисмати минбаъдаи таҳқиқотии мо мегардад.

Дар раванди таҳқиқоти худ мо ба фаъолият ва таҷрибаомӯзии чандинсолаи маркази таълимии ДДБ ба номи Носири Хусрав такя кардем. Дар марказ омӯзгорон, донишҷӯён ва мактаббачагон, ки барои татбиқи принсипи таҳсил, таълим ва рушди пайвастаи донишҷӯён ва ташкили таҳқиқоти илмӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаи оптималии раванди таълим дар мактаб ва донишгоҳ дар шароити муттасилии ҳатмии ҳамаи сатҳҳо таъсис дода шудаанд, ба иҷрои фаъолият фаро гирифта шуда буданд.

Дар маркази мазкур барои донишҷӯёни курси 1-2-юми ихтисоси омӯзгорӣ шароити таълим фароҳам оварда шудааст. Донишҷӯ ба ин марказ натанҳо барои он омадааст, ки бо дониш ва қисман маҳорату малака, ташаккули ҷаҳонбинии ҳамаҷониба мусаллаҳ гардад, балки барои саҳми шахсӣ дар раванди кори муштарак бо ҳамкасбони худ дар фароҳам овардани шароите, ки омӯзгорони оянда дар он таҳсил мекунанд , мактаббачагонро омӯзад ва илми педагогиро инкишоф диҳад.

Таъсиси муҳити фаъоли таълим, гуногунрангӣ ва чандирии воситаҳо, усулҳо ва шаклҳои ташкилии истифодашаванда, тағйир додани вазифаи муаллим (мушовири коршинос) ба донишҷӯ дар муайян кардани раванди таҳсил ва тайёр кардани мутахассисони касбӣ кӯмак мекунад. Дар чунин шароит ҳар гуна фаъолияти талабагон бо ба назар гирифтани майлу рағбати онҳо, потенсиал ва қобилияти педагогӣ, ки дар айни замон салоҳияти муайяни касбиро ташаккул медиҳанд, сурат мегирифт.

Таҷрибаомӯзии педагогӣ дар ин маврид ба озодии донишҷӯ дар интихоби самт ва шаклҳои кор асос ёфта, онро бе эҷодиёти педагогӣ тасаввур кардан мумкин набуд. Роҳбари таҷрибаомӯзии педагогӣ

(мураббӣ) маслиҳат медод, ёрӣ мерасонд, роҳбарӣ мекард, вале худи талабагон корро тайёр карда, ба ҷо меоварданд. Барояшон курси махсуси «Муоширати педагогӣ ҳамчун раванди эҷодӣ» муфид баромад, ки дар шакли дарсҳои назариявӣ ва амалӣ бо донишҷӯён ва мураббиён дар дарсҳои муштарак – вохӯриҳо гузаронида мешуд. Таҷриба ба донишҷӯён имкониятҳо ва роҳҳои ба даст овардани муваффақиятро ошкор намуд. Ҳамин тавр ҳамчун соҳаи иҷтимоию педагогии коллектив « акме» тайёр карда шуд, ки ба кавли Н.М.Полетаева яке аз шартҳои ноил шудан ба «акме» - и касбӣ мебошад.

Ба андешаи мо, муҳити таълимии таҷрибаомӯзии педагогӣ асоси ташаккули мавқеи акмеологии муаллими оянда буд. Дар баробари ин, илмҳои равоншиносӣ ва педагогӣ тавре аз худ карда мешуданд, ки омӯзгори оянда ба истифодаи онҳо одат карда, дар бораи фаъолияти педагогии худ андешаронӣ ва пайваста аз худ маҳорати педагогӣ зоҳир менамояд. Мо ин таҷрибаро барои инкишоф додани мавқеъи акмеологии донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ вусъат додем.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти ташхисии гузаронидашуда имкон дод, ки барои ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгори оянда дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ҷараёни мақсадноки таълими касбии донишҷӯён зарур аст. Барои ин кори минбаъдаи таҷрибавӣ оид ба ташаккули мавқеи акмеологии муаллими оянда дар шаклҳои зерини дидактикӣ ба нақша гирифта шудааст: семинарҳо ва дарсҳои амалии гурӯҳи таҷрибавӣ, конференсияҳои донишҷӯён, мизҳои мудаввар ва ғайра, ки дар давраи донишҷӯён гузаронида мешаванд.

## 2.2. Ташкили корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ роҷеъ ба мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ

Дар ин қисмати кор, аслан дар бораи марҳилаҳои асосии фаъолияти таҷрибавӣ – озмоишӣ нисбат ба амалӣ намудани амсилаи мавқеи

акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ сухан меравад. Аслан тавсифи дигаргуниҳои босуръати ҷараёни таҳсилот дода мешавад, ки ин аз ҳалли амалии масъалаҳои таҳқиқоти мазкур хабар медиҳад.

Муқаррароти назариявӣ, ки моҳияти масъалаҳои таҳқиқотӣ ва натиҷаҳои озмоиши ташхисиро ошкор мекунад, имкон дод, ки ба зарурати мақсаднокии омода намудани омӯзгорониояндаро дар раванди таълим, махсусан дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ ва ташаккули мавқеи акмеологии онҳо диққати ҷиддӣ диҳем.

Фаъолияти касбии омӯзгорон тамоми донишҳои назариявие, ки ба таври тафриқавӣ дар рафти азхуд кардани фанҳои алоҳида омӯзонида мешавад, амалисозии воқеии онҳо ба души таҷрибаомӯзии педагогӣ гузошта мешавад. Таҷрибаомӯзии педагогӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки афзалият доштани корҳои мустақилона ва пурмазмун интихоб кардани самтҳои фаъолияти педагогӣ ва ба амал баровардани масъулияти касбӣ замина гузошта, барои ташкил ва натиҷаҳои фаъолияти эҷодии педагогии онҳо, стратегияву технологияи банақшагирӣ ташкил намуда, бо ин васила барои ташаккули мунтазам ва ба қуллаҳои омӯзгорӣ баромадан шароит фароҳам меоварад.

Аз ин рӯ, мақсад гузоштем, ки дар ин зербоб доир ба амалӣ намудани раванду ҷараёни амсилаи озмоишии мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ истода гузарем. Амсилаи таҳияшуда, асосан, хусусияти вижа дошта, ба таъмини ягонагии тайёрию омодагии ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ нигаронида шудааст.

Дар марҳилаи майяну аниқ кардани таҳқиқот, душвориҳои масъалаи мазкурро ба назар гирифта, ҳолатҳои зерин: муносибати ноустувори донишҷӯён ба фаъолияти педагогӣ, бартарӣ доштани таъсироти беруна, сатҳи пасти ташаккули маҳорату малакаҳои иртиботӣ ва ташкилотчигӣ дар

мазмун ва ташкили таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯён аз рӯи ихтисоси ба инобат гирифташуда, пеш аз ҳама, шиносоӣ бо фаъолияти мактабҳоро ташкил намудем. Вобаста ба ин, мо барнома тартиб дода, баъдан семинаре бо номи "Мавқеи акмеологии муаллими оянда", ки дар давраи таҷрибаомӯзии омӯзгории донишҷӯён гузаронидем ва мувофиқи нақша 32 соат барои курси 2-юм ва 32 соат барои курси 4-ум ҷудо намудем.

Семинари мазкур барои дар донишҷӯён ташаккул додани дониш, маҳорат ва малакаҳои муайяни ҳалли масъалаҳои касбии ба ҳадафҳои таълимӣ ва хусусиятҳои синнусолии мактаббачагон мувофиқ гардонидашуда, дониш дар бораи усулҳои рушди худшиносии шахс ва механизмҳое, ки ба ҳаракат ба сӯи муваффақият ва барои худташкилкунӣ ва рушди худшиносии шахс хизмат кунад, равона шуда буд.

Вазифаҳои семинари "Мавқеи акмеологии муаллими оянда":

- ба донишҷӯён муайян кардани маҷмӯи малакаҳоеро, ки ба онҳо дар ҳал намудани масъалаҳои касбӣ ва дар натиҷа ба "акме"- и худ ноил шудан имкон медиҳанд, таълим диҳад.

- мусоидат ба муносибати эҷодии донишҷӯён ба ҳалли масъалаҳои касбӣ;

- донишҷӯёнро бо усулҳои асосӣ, усулҳои ҳалли масъалаҳои касбӣ шинос намуда, ба онҳо тарзи истифодаи ин равишҳоро ҳангоми кор бо донишҷӯён дар таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ омӯзонад;

- мусоидат ба ташаккули хислатҳои шахсияти аз ҷиҳати касбӣ муҳими омӯзгорони оянда;

- ташаккул додани муносибати масъулиятшиносии донишҷӯён ба фаъолияти педагогӣ ҳамчун манбаи инкишофи қобилияти онҳо, мустаҳкам намудани мавқеи донишҷӯён ҳамчун субъекти тайёрии касбӣ;

- ташаккул додани мавқеи акмеологӣ дар сатҳи "акме"- и худ.

Асоси назариявии семинарро ташаккул додани маҳорати касбӣ, сифатҳои касбӣ ва шахсӣ ва ҳавасмандӣ барои комёб шудан ба

дастовардҳои касбӣ ҳамчун унсурҳои фаъолияти омӯзгорӣ ташкил дода, истифодаи маҳоратҳои мазккурро дар фаъолияти амалӣ, ки ҳалли масъалаҳои алгоритмӣ ва усулҳои навро талаб мекунад, нишон медиҳад ва ҳамзамон рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаро дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ таъмин мекунад.

Асоси методологии барпо намудани мундариҷаи семинар муқарраротиилмӣ дар бораи нақши маъносози дониш ва малакаҳои касбӣ дар рушди худшиносӣ, нақши ҳалкунандаи муайянкунии дохилӣ дар раванди худтакмилдиҳӣ, хусусияти болоравии рушди инсон ҳамчун субъекти фаъолият маҳсуб шуда; барномаи вай асоси такмили ихтисоси муаллими ояндаро ташкил медиҳад.

Омили асосии сохтмони семинарро сохтори мавқеи акмеологӣ ташкил медиҳад. Меъёри асосии арзёбии самаранокии семинарро тағйирёбии сифатии сатҳи маҳорати касбӣ тавассути рушди сифатҳои касбӣ ва шахсии омӯзгори оянда, инчунин ҳавасмандгардонӣ барои ноил шудан ба комёбӣ дар фаъолияти касбӣ ташкил карданд.

Семинар хусусияти байнифаннӣ дошта, мазмуни он донишҳо аз психология, педагогика, акмеология, методикаи таълими фанниро фаро мегирад.

Дар семинар шаклҳои фардӣ ва гурӯҳии кор истифода мешавад, ки дар онҳо супоришҳои гуногуни педагогӣ, машғулиятҳо, бозиҳои нақшбозӣ, машқҳо мавриди истифода қарор мегиранд.

Семинар дар асоси нишондодҳои зерин: истифодаи усулҳои фаъоли таълим: таълиму омӯзиш ба таври мубоҳиса ва баҳс гузаронида мешуд; иттилоот ё назарияи нав аз манбаъҳои беруна илова карда мешуд; донишҷӯён бояд чизҳои омӯхтаашонро чун амалисозии маҳорат ва малакаҳои нав амалӣ кунанд ва стратегияву амалҳоро муайян намуда, бояд нишон диҳанд, ки чизҳои омӯхтаашонро дар амал татбиқ карда

метавонанд; мулоҳиза ва худбаҳогузорӣ як қисми барномаи семинар буда, тамоми фаъолияти омӯзгорро дар раванди таълим бар мегирад.

Семинаре, ки дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ гузаронида мешавад тарзе сохта шудааст, ки сатҳу дараҷаҳои пурмазмуну мақсаднок бо донишҷӯён барои рушди касбӣ ва шахсӣ мавриди амал қарор гирад. Сатҳи мундариҷавӣ ба ҳадафи таълимӣ дар мувофиқа қарор гирифта, вобаста аз ҳадафи таъсир ва барномаи таълимӣ тағайир меёбад. Сатҳи шахсӣ бошад, фазое мебошад, ки дар заминаи он рӯйдодҳои мундариҷавӣ ва вазъияти таҷрибаҳосилкунии ҳар як донишҷӯ ба вуҷуд меояд. Дар семинар инчунин корҳои мустақилонаи донишҷӯён, иҷрои супоришҳои гуногуни таҷрибаомӯзии педагогӣ бо намоишдиҳии минбаъдаи онҳо, корҳои гурӯҳӣ дар машғулиятҳо, омӯзиши мустақилонаи масъалаҳои алоҳида пешбинӣ мегардад.

Мавзуъҳои машғулиятҳои семинарӣ “Мавқеи акмеологии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ” дар нақшаи 5 оварда шудааст.

Ҷадвали 5. Номгӯи машғулиятҳои семинарии “Мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда”

| № | Номгӯи мавзуъҳо | Миқдори соатҳо | |
|---|---|---|---|
| | | семинарӣ | амалӣ |
| 1. | Машғулияти муқаддимавӣ. Таҷрибаомӯзии педагогӣ дар низоми тайёр намудани омӯзгори оянда. | | 4 |
| 2. | Мавқеи акмеологии муаллим | | 2 |
| 3. | Рушди маҳоратҳои касбӣ ва сифатҳои муаллими оянда | 2 | |
| 4. | Асбобу анҷоми технологии муаллим барои тайёрӣ ба дарс | | 4 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5. | Таълими рефлексия. Рефлексияи тафаккур, амалҳо, ҳиссиёт | 2 | |
| 6. | Тарзҳои ҳамкории муаллим бо хонанда | | 4 |
| 7. | Тамринҳои (тренингҳои) педагогии ассертивӣ (маърифатӣ) | | 2 |
| 8. | Асосҳои тарзу усули худтартибдарорӣ (батанзимдарорӣ) | 2 | |
| 9. | Технологияҳои таълим | | 4 |
| 10. | Шаклҳои ташкил ва баҳо додани дастовардҳои хонандагон | 2 | |
| 11. | Мотиватсияи фаъолияти касбӣ | | 4 |
| 12. | Ҷамъ: | 8 | 24 |
| | Ҷамъи умумӣ: | 32 | |

Дар машғулиятҳои семинарӣ пеш аз баромадани донишҷӯёни курсҳои сеюми гурӯҳи озмоишӣ ба таҷрибаомӯзии педагогӣ супориши хусусияти таҳқиқотидоштаи “Шиносоӣ бо мактаб” пешниҳод карда шуд. Тибқи супоришҳо донишҷӯён бояд мактаб дар кадом самтҳои асосӣ иҷрои вазифа мекунад, таҷрибаомӯзиро дар куҷо мегузаронанд, аз навгониҳои педагогии мактаб чӣ гуна истифода мебарад, хусусиятҳои низоми корҳои тарбиявӣ ва анъанаҳои мактаб, ҳайати омӯзгорон ва теъдоди хонандагонро муайян намоянд.

Мактаби №6, шаҳри Бохтар, ки дар самти баланд бардоштани сифати таълим ва беҳдошти саломатии хонандагон таваҷҷуҳи махсус медод, дар семинар мавриди омӯзиш қарор гирифт. Дар он донишҷӯёни курси сеюм, ки дар курси дуюм дар мактаб таҷриба мегузарониданд, ба иҷрои корҳои зерин вазифадор карда шуданд:

- вохӯрӣ бо маъмурияти мактаб (директор, муовинони ӯ, роҳбарони синфҳо, ташкилоти ҷамъиятӣ);

- мушоҳида намудан ба раванду ҷараёни корҳои таълимӣ ва тарбиявии мактаб;

- пешниҳод кардани ҳисоботи мухтасари худ роҷеъ ба ҳадафу муҳтавои мактаб дар ҳалли масъалаи таълим, тарбия ва ташаккули шахсияти хонандагон, иборат буд.

Масалан, донишҷӯ Салимов И. баъди шиносоӣ бо рафти корҳои тарбиявӣ дар мактаби №6 чунин ибрози андеша кард: "Дар давоми соли таҳсили гузашта ба сифати таълим ва тарбия эътибори ҷиддӣ дода, барои дар сатҳи хуб ва дилхоҳ гузаштани чорабиниҳои тарбиявӣ, корҳои беруназсинфӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон, баргузории конференсияҳо ва дарсҳои кушоди тарбиявӣ бахшида ба ифтихори Рӯзи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, зодрӯзи Ҷалолиддини Балхӣ, "Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Рӯзи Модар", "Рӯзи ҷавонон", "Дави миллӣ" кӯшиш ба харҷ дода шуданд. Сифати таҳсилот дар муассисаи таълимӣ тадриҷан боло рафта истодааст. Вале соли таҳсили гузашта нишондиҳандаи довталабони олимпиадаи фаннӣ ва дорандаи медалҳо ба талабот ҷавобгӯй набуданд". Донишҷӯ Самизода А. "Мактаби мазкурро макони ҳаёти солим шуморида, саҳми онро дар ворид кардани анъана, суннатҳои воло, арзишҳои дар давоми қарнҳо вуҷуддоштаи миллати халқи тоҷик, ки ҳувият ё маҷмӯи сифатҳои онро ташкил медиҳад, ташаккули ҷавҳар, хосият ё маҷмӯи сифатҳои ҷавонон дар боби илму донишомӯзӣ, заҳматписандию таҳаммул, сару кор бо замин, оштию сулҳпазирӣ, тадбирҷӯӣ, худшиносӣ, талоши фарҳангӣ, меҳмондорию меҳмоннавозӣ, устувории оила, ифтихори фатандорӣ, шикастанафсӣ, касбу ҳунаромӯзӣ, хушбинӣ (оптимистӣ), дӯстию рафоқат, иззату эҳтироми падару модар ва шахсони калонсол, некӣ ва накӯкорӣ, адлу адолатҷӯӣ, дастгирии ятимону муҳтоҷон, канораҷӯӣ аз ҳирсу ҳасад, кибру ғурур,

кинаю адоват, хиёнат, аҳдшиканӣ ва ғайра ба раванди таълим назаррас донист”.

Донишҷӯ Каримов М. аз рӯи мушоҳидаҳои хеш оид ба корҳои тарбиявии мактаб чунин ибрози ақида кардааст: “Дар мактаб оид ба консепсияи миллии тарбия гӯшаҳои махсус муҷаҳҳаз гардонида шуда, фаъолият аз рӯйи ин ҳуҷҷати муҳим ташкил карда шудааст.

Ҳолати иҷрои талаботи Консепсияи мазкур дар нимсолаи аввал мавриди санҷиш қарор гирифта, дар Шӯрои педагогӣ баррасӣ ва муҳокима карда шуд. Нақшаи солонаи муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ ва роҳбарони синфҳо аз рӯи 18 қисмати Консепсияи миллии тарбия тартиб дода шуда, аз рӯйи он кор ва фаъолият пеш бурда мешавад”.

Пушида нест, ки фарзандон аз падару модари худ муҳити зиндагиашонро меомӯзанд. Кӯдакон аз мафҳумҳои нахустини деҳа, ноҳия, шаҳр, Ватан, хешу табор, миллат ва ғайра бохабар мешаванд. Аз ин хотир донишҷӯ Муродов С. ба яке аз масъалаҳои муҳими тарбиявии мактаб, тарбияи оилавӣ таассуроти хешро чунин баён кардааст: “Дар қатори дигар масъалаҳои ахлоқӣ тарбияи оилавӣ дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №12 шаҳри Бохтар дар мадди аввал
меистад.

Маъмурияти муассиса дар якҷоягӣ бо падару модарон баҳри амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва ба хонандагон фаҳмонда додани мазмуну моҳияти Қонуни мазкур, дар якҷоягӣ бо маъмурият, омӯзгорон, роҳбарони синфҳо, кумитаи падару модарон ва сохторҳои ҷамъиятии муассиса, ба мисли Шӯрои духтарон, созмони хонандагон, кумитаи падару модарон оид ба исрофкорӣ, омӯзиши сарфаю сариштакорӣ дарс ва чорабиниҳои тарбиявӣ ташкил намуданд”.

Донишҷӯ Сафаров Х. аз литсейи №1 – и шаҳри Бохтар андешаҳои худро доир ба тарбияи оилавии муассиса чунин баён намуд:

“Вазифаҳои тарбияи оилавӣ дар таълими тарбияи фарзанд инҳоянд:

- фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи кӯдак, таъмини ҳифзи иҷтимоию иқтисодӣ ва психологии ӯ;
- иштирок намудан дар маҷлисҳои падару модарон ва дигар чорабиниҳои мактабӣ бо даъвати маъмурияти муассисаи таълимӣ;
- истифода набурдани телефонҳои мобилӣ аз тарафи мактаббачагони таълимгоҳҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёна ва олии касбӣ;
- манъ намудани тамошои филмҳои ғайриахлоқӣ, хусусиятҳои зуроварӣ, экстремистӣ, терористидошта;
- ташаккули шахсият ва гузоштани замима барои таълимгирии минбаъдаи хонандагон бо назардошти омода намудани онҳо ба донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар;
- мустаҳкам намудани риштаи дӯстӣ байни духтарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсейҳо;
- бедор намудани завқи ҳунаромӯзӣ ва дарёфт намудани чеҳраҳои нав;
- муайян намудани хонандагони болаёқат.

Донишҷӯён Саидова Ф., Алиева Х. ва Ҳафизова З. таассуроти худро ҳангоми шиносоӣ бо фаъолияти корҳои тарбиявӣ чунин баён намуданд: “Ба ҳама маълум аст, ки яке аз равандҳои муҳими фаъолияти мактаб ташкил ва татбиқ намудани мазмун, моҳият ва қисмҳои тарбия ба ҳисоб меравад. Ҳангоми шиносоӣ бо ҷабҳаи фаъолият мо дар чорабиниҳои тарбиявии роҳбарони синфҳо, кумита ва созмонҳои хонандагон, Шурои духтарон, Шурои интихоби касб, Шурои корҳои тарбиявӣ ба кулли унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ дар мавзуъҳои зерин: “Танзими расму оинҳои миллӣ – тақозои замон”, “Сурататро чӣ кунам, чун ту надорӣ сирате” (мубоҳиса), “Амнияти кишвар аз ҳама волост”, “Муомила ва одоби он”, “Эъломияи ҳуқуқи кӯдак” (тафсир), “Бани одам яъзои якдигаранд...”, “Буҷаи оила, сарфи он, мақоми ман дар сарфи буҷа” (мубоҳиса), “Муносибат бо ҳайвоноту набототт”, “Бузургон андар ситоиши

илму дониш”, “Хондан ҳам меҳнат аст” силсилаи дарсҳои тарбиявии “Беғараз панд” бо гирифта аз  осори бузургон, барҳам додани нуқсонҳои кӯдакону наврасон, “Андоза нигаҳ дор, андоза накуст”, “Ҳифзи мол воҷиб аст”, “Аз ҳавас то қафас”, “Рӯзи волидайн” ва ғайра иштирок намудем. Инчунин донишҷӯён дар чорабиниҳои ташкилӣ – педагогӣ, фарҳангӣ – маърифатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар масъалаҳои “Ҳеҷ неъмат беҳтар аз истиқлол нест”. Таҷлили “Рӯзи забони давлатӣ”, “Рӯзи Рӯдакӣ”, “Рӯзи муаллимон”, “Наврӯз”, “Зодрӯи Лоиқ”иштироки фаъол намуданд, ки минбаъд таассуроти хаттии онҳо мавриди таҳлили ҳаматарафа ва ҷиддии машғулиятҳои семинарӣ қарор гирифт. Зеро таҳқиқоти педагогӣ ва таҷрибаомӯзии мо собит намуд, ки азхуд кардани донишҳои назариявӣ ҳоло кафолати дар амал татбиқ кардани ин донишҳоро дар фаъолияти мустақилона дода наметавонад. Чунин кафолат танҳо дар алоқамандӣ ба мунтазам омӯхтани назария ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тариқ, рафти шиносоӣ ба ҳолати кунунии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз як сӯ, барои мустаҳкам кардан, амиқ гардонидан ва бой намудани донишҳои педагогӣ, психологӣ, тахассусӣ ва амалӣ намудани онҳо дар ҳалли вазифаҳои мушаххаси таълиму тарбия равона шуда бошад, аз сӯи дигар, тарбияи шавқу рағбати устувор ва муҳаббат ба касби омӯзгорӣ, талаботи худтарбиякунӣ ва худомӯзии касбию педагогӣ, зарурати ташаккули муносибати эҷодӣ ва фаъолияти педагогии донишҷӯёнро дар марҳилаи дуюми ташаккули мавқеи акмеологии таҷрибаомӯзон таъмин менамояд.

Шиносоӣ бо фаъолияти умумии мактабҳо ба мо имконият дод, ки мақсаду вазифаҳои таҷрибаомӯзии педагогиро муайян намуда, ба татбиқи марҳилаҳои асосии таҷриба гузарем.

